ТОҶИКИСТОН
ва ҷаҳони имрӯз

ТАДЖИКИСТАН
и современный мир

TAJIKISTAN
and Contemporary World

№2 (31) 2012

ISSN 2075-9584

Чун гавҳараки чашм эҳтиёт намудани сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ вазифаи ҳар шаҳрванди равшандилу солимфикри Тоҷикистон мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Маркази тадқиқоти стратегии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Центр стратегических исследований
при Президенте Республики Таджикистан

Strategic Research Center at the
President of the Republic of Tajikistan

ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОНИ ИМРӮЗ

ТАДЖИКИСТАН И СОВРЕМЕННЫЙ МИР

TAJIKISTAN AND CONTEMPORARY WORLD

№ 2 (31)

Душанбе – 2012

Муассис: Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Учредитель: Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан

Founder: Strategic Research Center at the President of the Republic of Tajikistan

Журнал «Таджикистан и современный мир» включен в Перечень ведущих рецензируемых журналов и изданий Высшей Аттестационной Комиссии (ВАК) Министерства образования и науки Российской Федерации.

Зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.

Свидетельство о регистрации № 008/мч от 8 апреля 2009 года.

Подписной индекс журнала: 77968

Адрес редакции: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 40

Тел: (992 37) 221-11-00, 221-16-36

E-mail: info@mts.tj

ҲАСТИИ КОИНОТ АЗ ВАҲДАТ АСТ

Ҳастии ин коинот аз вахдат аст,
Зеру болоро субот аз вахдат аст.
Асли кул аз ҷузвҳо омад падид,
Кулли беаҷзо ба ҷое кас надид.
Ин ҷаҳон бо вусъату паҳнои худ,
Кулли воҳидаст бо аҷзои худ,
Обу хоку оташу бод эй аму,
Ҳалқаҳо з-ин силсила бе гуфтугӯ.
Ҳалқае з-ин силсила гар кам будӣ,
Ин ҷаҳон андарҳаму барҳам будӣ.
Қатраҳо бо ҳам шуди дарёстӣ,
Зарраҳо бо ҳам шуди саҳростӣ.
Вой бар қавме, ки аз вахдат гурехт,
Обрӯи фардфарди худ бирехт.
Дар чаман зишту накӯ зебандааст,
Ихтилофи рангу бӯ зебандааст
Хор дар паҳлӯи гул биншастааст,
Равнақи бозори гул нашкастааст.
Тозагӣ дар ин чаман аз иттиҳод,
Равнақи ин анҷуман аз иттиҳод.
Аз дуруштиҳо зиён ояд ҳаме,
Нолаву оҳу фиғон ояд ҳаме.
Эй бародар ин ҳақиқат рӯшан аст,
К-ихтилофи мо ба коми душман аст.
Мо зи вахдат қоиму барпостем,
В-аз салобат кӯҳи побарҷостем.
Пас биё, то рангу бӯ яксӯ ниҳем,
То зи қайди душманон берун ҷаҳем .
Аз таассуб чашм нобино шавад,
Марди доно аблаҳу коно шавад.
Миллате, ки бори ҳиммат мекашад,
Мева аз боғи саодат мечашад.

Муҳаммадии НАВИД,

собиқ аъзои КОМ

МУНДАРИҶА

Замина ва роҳҳои таҳкими вахдати
миллӣ..... *10*
Б.А. Маҳмадов
Вахдати миллӣ – дастоварди бузурги миллат..... *31*
Худобердӣ Холиқназаров
Нақши Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини сулху
вахдати миллӣ дар Тоҷикистон *35*
Атахон Сайфуллоев
Президент Эмомалӣ Раҳмон – поягузори вахдати миллӣ ва эҳёи
Тоҷикистон *42*
Кароматулло Олимов
Сабабҳои низои байни тоҷикон ва таъмини сулху вахдат дар кишвар
…….. *47*
Абдунабӣ Сатторзода
Сабақҳои омӯзандаи сулҳи тоҷикон *53*
Н.Н. Солеҳов
Нақши ВАО-и Тоҷикистон дар таъмини сулху вахдати миллии халқи
тоҷик дар шароити кунунӣ *61*
Азиз Гиёев
Вахдати миллӣ ва рушди иқтисодию ичтимоии ВМКБ *66*
Б. Саидов
Татбиқи сиёсати сулху вахдат дар вилояти Хатлон *77*
Г. Раҳимова
Сиёсати вахдатсози Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ
Раҳмон ва пешрафти ичтимоию иқтисодии ноҳияи Тавилдара *86*
Муҳаббат Ҷалолӣ
Вахдати миллӣ - роҳ ба сӯи созандагӣ *91*
Шаҳло Ҷӯраева
Нақши занон дар таъмини сулху вахдат дар Тоҷикистон *96*
Виктор Михайлович КИМ
Вахдати миллӣ дар ҷомеаи бисёрмиллатӣ *104*

Ҷ. Р. Сангинов
Ваҳдати миллӣ ва 15 соли рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Суғд ……... *109*
Пайванди Гулмуродзода
Ҳакро метавон бо чашми ҳақбин дид… *120*
Ф.Ф. Идиев
Асосҳои байналхалқӣ-ҳуқуқӣ ва нақши ИДМ дар ҳалли мусолиматомези ихтилофи байни тоҷикон дар солҳои 1992-2000 ... *127*
Каромат Абдулҳаев
Мутлақияти ваҳдати миллӣ ва нисбияти гуногунандешӣ *138*
А.Қ. Юсупов
Нақши мақомоти прокуратура дар ҳифзи сулҳ ва ваҳдати миллӣ ... *143*
Х.А. Файзуллоев
Нақши СММ дар ҳалли сулҳомези ихтилоф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон …….. *149*
Ҳ. Ҷӯраев
Ваҳдати миллӣ ва муносибатҳои байни миллатҳо *160*
Абдуллоҳи Раҳнамо
Ваҳдати миллӣ дастоварди бузурги мост *165*
Мӯсо Диноршоев
Эмомалӣ Раҳмон – меъмори сулҳи тоҷикон *173*

СОДЕРЖАНИЕ

Предпосылки и пути укрепления национального единства *10*

Б.А. Махмадов
Национальное единство – великое достижение нации *31*

Худоберди Холикназаров
Роль главы государства Эмомали Рахмона в обеспечении мира и национального единства в Таджикистане *35*

Атахон Сайфуллаев
Президент Эмомали Рахмон – основоположник национального единства и возрождения Таджикистана *42*

Кароматулло Олимов
Причины конфликта между таджиками и обеспечение мира и единства в стране ……..... *47*

Абдунаби Сатторзода
Таджикский поучительный урок мира *53*

Н.Н. Салихов
Роль СМИ Таджикистана в обеспечении мира и национального единства таджикского народа в современных условиях *61*

Азиз Гиёев
Национальное единство и социально-экономическое развитие ГБАО *66*

Б. Саидов
Осуществление политики мира и единства в Хатлонской области .. *77*

Г. Рахимова
Политика национального единства Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона и социально-экономическое развитие района Тавилдара *86*

Мухаббат Джалоли
Национальное единство – путь к созиданию *91*

Шахло Джураева
Роль женщин в обеспечении мира и единства в Таджикистане ……. *96*

Виктор Михайлович КИМ *104*

Национальное единство в многонациональном обществе .....

Дж. Р. Сангинов

Национальное единство и 15 лет социально-экономического развития Согдийской области ……. *109*

Пайванди Гулмуродзода

Правду можно увидить глазами правдивого человека… …… *120*

Ф.Ф. Идиев

Международно-правовые основы и роль СНГ в урегулировании внутритаджикского конфликта 1992-2000 гг. *127*

Каромат Абдулхаев

Абсолютизм национального единства и относительность плюрализма *138*

А.К. Юсупов

Роль органов прокуратуры в сохранении мира и национального единства *143*

Х.А. Файзуллоев

Роль ООН в мирном урегулировании ситуации в республике Таджикистан ……..……..... *149*

Х. Джураев

Национальное единство и межнациональные отношения …… *160*

Абдуллох Рахнамо

Национальное единство наше великое достижение *165*

Мусо Диноршоев

Эмомали Рахмон – архитектор мира таджиков *173*

CONTENT

Preconditions and ways strengthening the national unity: …… *10*
B.A. Mahmadov
National unity-great achievement of the Tajik …… *31*
Kholiknazarov Kh.,
The role of head of the state Emomali Rahmon in maintenance peace and national unity in Tajikistan *35*
Atakhon Sayfulloev
President Emomali Rahmon – founder of the national unity and revival of Tajikistan …..... *42*
Karomatullo Olimov
The reasons of conflict between tajiks and maintenance peace and unity in the country …….. *47*
Abdunabi Sattorzoda
Instructive lesson of the tajik peace …..... *53*
N.N. Salihov
The role of tajik mass-media in maintenance of peace and national unity of tajik peaple in the modern conditions *61*
Aziz Giyoev
National unity and the social-economic development of the Badakhshan mountainous autonomou province …….. *66*
B. Saidov
Realization the policy of peace and unity in the Khatlon province *77*
G. Rahimova
The policy of national unity of the president of tajikistan emomali rahmon and social-economic development of tavildara area …….. *86*
Muhabbat Jaloli
National unity-the way to the creation …… *91*
Shahlo Juraeva
Role of women in maintenance of peace and unity in tajikistan ……..... *96*

Victor Michailovich KIM
National unity in the multynational society *104*
J. R. Sanginov
National unity and the 15 years the social-economic development of the sughd province ……... *109*
Payvand Gulmurodzoda
The truth is possible to be seen by the eyes of the truthfull man… …… *120*
F.F. Idiev
International-legal bases and the role of cis in the settlement of intertajik conflict of 1992-2000 ……... *127*
Ҡaromat Abdulhaev
Absolutism of the national unity and relativity of pluralism …….. *138*
A.K Yusupov
The role of the bodies of prokuratura in mainetenance of peace and national unity …… *143*
Kh.A. Faizulloev
The role of un in the peace settlement of the situation in the republic of tajikistan …… *149*
Kh. Juraev
National unity and international relations …… *160*
Abdulloh Rahnamo
National unity is our great achivement ……..... *165*
Muso Dinorshoev
Emomali Rahmon – architechtor of Tajik peace …… *173*

ЗАМИНА ВА РОҲҲОИ ТАҲКИМИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ:

(15 тавсияи амалӣ ба 15 солагии Ваҳдати миллӣ)

22 июни соли 2012 дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 640 аз 30 декабри соли 2011 ба муносибати **15 солагии Ваҳдати миллӣ** конфронси илмию амалии **«Плюрализм ва масъалаҳои замонашавии низоми сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** баргузор гардид.

Дар кори конфронс намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ, вазорату идораҳои кишвар, масъулони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои илмию таълимӣ, намояндагони ақаллиятҳои миллӣ ва ғ. иштирок намуданд. Дар нимаи якуми конфронс **заминаҳои таърихӣ ва аҳамияти амалии ваҳдати миллӣ** ва дар нимаи дуюми он рафти **татбиқи сиёсати сулҳу ваҳдатсозии роҳбарияти кишвар дар минтақаҳо** мавриди омӯзиш қарор гирифт.

Ҳамчунин, дар қисми хулосавии гузориш **15 тавсияи амалие, ки барои таҳкими суботи ҷомеа ва ваҳдати миллӣ** дар кишвар таҳия шудаанд пешниҳод **гардиданд**.

Чун конфронс ба 15 солагии имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ бахшида шуда буд, мавзӯи аҳамият ва моҳияти **таҷрибаи сулҳи тоҷикон** масъалаи марказии он ба ҳисоб мерафт. Бо мақсади ҳарчӣ рӯшантар маълум гаштани хусусиятҳои асосии таҷрибаи сулҳи тоҷикон, ба кори конфронс баъзе аз аъзои ҳайати музокироти сулҳ, аъзои Комиссияи оштии миллӣ, фаъолони ҷамъиятии даврони музокирот ва сулҳсозӣ ва таҳлилгарони ин масъала низ даъват шуда буданд.

Заминаҳои таърихию сиёсии сулҳи тоҷикон, марҳилаҳо ва масъалаҳои асосии он, хусусиятҳои асосии модели тоҷикии расидан ба сулҳ ва оштии миллӣ, аҳамияти таърихӣ ва байналмилалии таҷрибаи сулҳи тоҷикон, роҳҳои таҳвияти ин дастоварди миллӣ ва ғайра дар аксари суханрониҳои конфронс мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Ин ҷо фақат хулосаи мухтасари муҳокимаронихо пешниҳод мешавад:

1. Иштирокчиёни конфронс дар ин маврид назари ягона доштанд, ки **ба даст овардани сулҳ ва оштии миллӣ муҳимтарин дастоварди таърихи муосири халқи тоҷик, омили нақоти миллати тоҷик ва давлатдории миллии он** мебошад. Аз ҷумла, Б. Маҳмадов аҳамияти сулҳи тоҷиконро таҳлил намуда, қайд кард, ки «*15-сол муқаддам роҳбарони ду ҷониби сулҳи тоҷикон ба ҳуҷҷате имзо гузоштанд, ки сарнавишти давлати тоҷикон ва тақдири шаҳрвандони Тоҷикистонро ба куллӣ тағйир дод… Дар натиҷаи сулҳу ваҳдат давлатдории миллии*

мо ҳифз гашт, миллати мо аз вартаи нобудӣ наҷот ёфт, сокинони кишвари мо ба зиндагии осоишта расиданд, сохтори давлатӣ шакли комили худро гирифт ва роҳи рушди кишвар аз тарафи худи халқ интихоб ва муайян гашт.»

Дар масъалаи аҳамияти таърихии сулҳи тоҷикон барои наҷоти миллат ва давлати миллӣ аксари иштирокчиёни конфронс ин суханони таърихии Президенти мӯҳтарами кишвар Эмомалӣ Раҳмонро ёдовар мешуданд, ки гуфта буд: «*Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ аз аҳамияти бузурги худ бо Эъломияи истиқлолияти давлатии Чумҳурии Тоҷикистон дар як радиф меистанд. Агар Эъломия ба ҷумҳурии мо ба таври расмӣ истиқлолият ва соҳибихтиёриро дода бошад, пас Созишнома дар ватани мо сулҳу салоҳро таъмин намуд. Агар дар ватани мо бо шарофати Созишнома сулҳу салоҳ пойдор намегардид, хатари аз даст додани истиқлолият ба мо таҳдид мекард.*»

Ноиби Президенти АИ ҶТ, узви собиқи КОМ К. Олимов ҳангоми таҳлили масъала **аҳамияти инсонии сулҳи тоҷиконро** махсусан қайд намуда, изҳор дошт, ки «*Имзои созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ оғози гардиши куллӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавии халқи тоҷик гардид. Ин сулҳ боварии даҳҳо ҳазор ҳамватанони бегуноҳ, занону кӯдакон, пиронсолону ҷавононро, ки маҷбуран тарки Тоҷикистон карда буданд, зинда кард.*»

2. Таҳлилҳои таърихӣ, илмӣ ва муқоисавии мавзӯъ нишон медиҳанд, ки мо бо боварии том метавонем дар бораи **«модели тоҷикӣ»** дар расидан ба сулҳу оштии миллӣ сухан гӯем. Таҷрибаи тоҷикон дар ин самт ҳам дар доираҳои илмии дохилию байналмилалӣ ва ҳам дар доираҳои сиёсӣ расман эътироф гашта, мавриди омӯзиши васеъ қарор гирифтааст.

Намояндаи Дастгоҳи Иҷроияи Президенти ҶТ М. Сафолов, узви собиқи ҳайати музокироти сулҳ ва узви КОМ К. Олимов, узви собиқи ҳайати музокироти сулҳ ва узви КОМ А. Сатторзода, узви собиқи ҳайати музокироти сулҳ Х. Холиқназаров, сиёсатшинос А. Раҳнамо ва ғ. ба масъалаи хусусиятҳои асосии таҷрибаи тоҷикон ва «модели тоҷикӣ» таваҷҷӯҳ намуда, паҳлӯҳои гуногуни онро шарҳ доданд.

Дар хулосагирии ин қисми конфронс аз ҷумла, сардори раёсати таҳлили сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ А. Раҳнамо қайд кард, ки имрӯз барои ҳифз ва ба наслҳои дигар интиқол додани «модели тоҷикии сулҳоварӣ» бояд се масъалаи мушаххас ҳалли худро ёбанд:

Якум, зарурати ҳамчун таҷриба, методология ва «илми қобили интиқол» омӯхта шудани раванди сулҳи тоҷикон. Яъне, раванди сулҳи тоҷикон то имрӯз

ҳамчун таърих ва ҳамчун хотирот бисёр навишта мешавад, вале ҳамчун таҷриба ва илм бисёр кам омӯхта шудааст.

Дуюм, зарурати муаррифии шоистаи таҷрибаи тоҷикон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ. Ин масъала дар сохтани имиҷи Тоҷикистон ҳамчун кишвари сулҳ ва ҳамзистии ақидаҳо метавонад нақши ҷиддӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, яке аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии Тоҷикистон метавонад омӯзиш ва ташвиқи таҷрибаи сулҳи тоҷикон, таълими ин таҷриба ба дипломатҳои ҷавони кишварҳои минтақа ва сохтани имиҷи бисёр мусбати кишвар дар ин самт бошад.

Сеюм, зарурати ёфтани роҳҳои ҳифзи ин таҷрибаи нодир. Бисёр муҳим аст насле, ки таҷрибаи сулҳро бо заҳматҳои зиёд офарид, ин таҷрибаро бо худ набурда, ба насли ҷавони кишвар интиқол диҳад ва онро абадӣ гардонад.

3. Оё таҷрибаи тоҷикон барои ҳалли низоъҳои дигаре, ки имрӯз дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон дида мешаванд, қобили истифода аст? Ҳангоми баррасии ин масъала дар конфронс қайд шуд, ки албатта, ҳар таҷриба дар шароити хос, дар замони хос ва зери таъсири омилҳои хос ташаккул меёбад. Вале, омӯзиш нишон медиҳад, ки **дар таҷрибаи тоҷикон нуктаҳои мушаххасе ҳастанд, ки истифодаи онҳо барои ҳалли бӯҳронҳои дигар бисёр муфид хоҳанд буд.** Ҳангоми баррасии нуктаҳои арзишманде, ки дар «модели тоҷикии сулҳ» мавҷуданд, иштирокдорони конфронс пеш аз ҳама, одӣ ва инсонӣ шудани муносибати тарафҳо дар тӯли музокирот, дар як замон ба ҳам мувофиқ омадани манфиатҳо, гузаштпазирии тарафҳо аз мавқеи аввалияи худ, таҳаввули андешаи роҳбарони исломӣ дар бораи ҷомеа ва сохтори давлатӣ, пайдо шудани чорчӯби фаъолияти расмии ҳизби сиёсии дорои характери динӣ, хастагинопазирии ҷонибҳо аз гуфтугӯи бардавом дар тамоми сатҳҳо, тарзи нодири реинтегратсияи нирӯҳои низомии тарафҳо, саҳмдиҳии иқтисодии ҷонибҳо дар раванди сулҳсозӣ ва ғайраро ҳамчун нуктаҳои муфиди ин таҷриба барои ҳалли низоъҳои дигари ҳамгун донистанд.

Ҳамин тавр, иштирокчиёни конфронс мавзӯи «таҷрибаи сулҳи тоҷикон»-ро ба таври васеъ муҳокима намуда, таъкид карданд, ки омӯзиши хусусиятҳои асосӣ ва дарки аҳамияти миллӣ ва байналмилалии он масъалаи муҳими дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. *(Дар ин бора як силсила мулоҳиза ва пешниҳодҳои амалӣ ироа шуданд, ки баъзе аз онҳо дар қисми ҷамъбастии ин гузориш оварда мешаванд.)*

***Масъалаи 2.* Шинохти нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон**

Таҳлили воқеъбинонаи раванди сулҳсозӣ ва 15 соли Ваҳдати миллӣ нишон медиҳад, ки дар расидан ба сулҳ ва рушди босуботи Тоҷикистон Президенти

ҶТ мӯҳтарам **Эмомалӣ Раҳмон** нақши марказӣ доштанд. Ӯ ҳамчун як роҳбари мардумӣ ва лидери миллӣ сокинони кишварро дар атрофи ғояҳои баланди сулҳу ваҳдат ҷамъ оварда, начоти давлат ва миллатро таъмин намудааст. Омӯзиш ва таҳлили марҳилаҳо ва паҳлӯҳои гуногуни ин мавзӯъ яке аз масъалаҳои муҳими ин конфронсро ташкил намуд.

Аз ҷумла, Б. Маҳмадов зимни суханронии худ нақши Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмонро дар ба даст овардани сулҳу ваҳдат таъкид намуда, зикр кард, ки «*бояд аз заҳмату ҷонфидоиҳои таърихии* ***Сардори давлат*** *ва афроде, ки дар раванди сулҳи тоҷикон саҳм гузоштаанд,* ***бо камоли эҳтиром ва қадрдонӣ ёдоварӣ намоем***».

Гарчӣ ҳамаи иштирокдорони конфронс ба нақши Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини сулҳ, ваҳдати миллӣ ва пешрафти имрӯзаи Тоҷикистон таъкид доштанд, аммо ин масъала мавзӯи асосии суханронии ноиби Президенти АИ ҶТ К. Олимов, Раиси Кумитаи ичроияи Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Қ. Восеъ, узви собиқи ҳайати музокироти сулҳи тоҷикон, муовини якуми Раиси Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ Х. Холиқназаров, муовини Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дар вилояти Суғд, профессор Атахон Сайфуллоев ва ғайраро ташкил дод.

Аз ҷумла, К.Олимов фаъолияти сиёсиву роҳбарии Президенти кишварро баъди дар Иҷлосияи XVI ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии ҶТ интихоб шуданаш таҳлил намуда, изҳор дошт, ки «*Масъулияти ҳифзи манфиатҳои олии миллӣ Сарвари нави давлатро ба интихоби тарзу усули корҳои ғайримуқаррарӣ ва ҷасурона водор кард.* ***Эмомалӣ Раҳмон*** *вазифаҳои аввалиндараҷаро муайян карда, барои ҳалли он кӯшиши беандоза ба харҷ дод…*

Дар чунин давра ба сари кор омадани ***Эмомалӣ Раҳмон*** *ва дорои хислатҳои зарурии роҳбарӣ будани ӯ, ба мисли ҷасорат, ватандӯстӣ, масъулияти баланди вазифашиносӣ ва садоқат ба ваҳдати миллӣ барои тезтар ҳал шудани проблемаҳои сулҳи Тоҷикистон нақши муҳим бозид.*

Сарвари навинтихобшудаи давлат барои мулоқот ва бевосита гуфтугӯ кардан бо роҳбарони иттиҳоди мухолифин ҳар гуна имконияти мувофиқро истифода менамуд. Ба хотири ваҳдати миллӣ аз ҳар гуна таҳдиди хатарҳо сарфи назар намуда, мебоист бо далелу бурҳони қавӣ зарурати қатъи ҷанг ва ба ватан баргардондани фирориёнро исбот мекард. Ҳамзамон барои ба шароити нави таърихӣ, моликияти мухталиф ва гуногунақидатӣ, ки унсурҳои муҳими демократия мебошанд, заминаи қонунӣ муҳайё мегашт…»

Профессор Атахон Сайфуллоев бошад, нақши Президенти кишвар дар таъмини сулҳу ваҳдатро марҳила ба марҳила таҳлил карда, таъкид сохт, ки нақши шахс дар таърих метавонад ба андозае таъсиргузор бошад, ки

сарнавишти таърихии як миллат ва ё як кишварро тағйир диҳад. Таъсири таърихии Эмомалӣ Раҳмон дар сарнавишти миллати тоҷик ва давлатдории тоҷикон ин ҳақиқатро исбот намуд: «*Дар давраи шӯравӣ мегуфтанд, ки шахсият дар дигаргунсозиҳои куллии мамлакат нақши муҳим намебозад, вале мо дар давоми бист соли ҳастии Тоҷикистони навин шоҳиди барҳақ гардидем, ки* ***Эмомалӣ Раҳмон*** *чун роҳбар ва сиёсатмадори типи нав дар равандҳои таърихии тақдири мамлакат нақш ва мақоми ҳалкунандаро ба иҷро расонд. Дар вазъияте, ки марказ ва ҷануби Тоҷикистонро гурӯҳҳои зидди ҳамдигари ҷангиёни мусаллаҳ фаро гирифта буданд ва ҳукумати фалаҷгардида дар вартаи ҳалокат қарор дошт, мӯҳтарам* ***Эмомалӣ Раҳмон*** *ба ватани мо сулҳ овард, ба ташнакомони зиндагӣ оби ҳаёт ҳадя кард. То ки мамлакат аз асорати нобудӣ наҷот ёбад, хавфу хатари барҳам хӯрдани Тоҷикистон аз байн биравад, оташи ҷанги бародаркуш хомӯш карда шавад, тоҷикони мусофиру парешони иҷборӣ ба кишвари худ баргарданд ва соҳибватан бишаванд, ба Эмомалӣ Раҳмон як ҷаҳон ақлу заковат, ҳиммату хирад, ҷасорату диловарӣ лозим омад, ки ҳамаи ин вазифаҳои сангинро сарбаландона ба иҷро расонад.*»

Узви собиқи ҳайати музокироти сулҳи тоҷикон Х. Холиқназаров дар масъалаи нақши сулҳофарӣ ва ваҳдатсозии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон тадқиқоти алоҳидаеро анҷом дода, натиҷаҳои онро барои ҳозирин дар конфронс пешниҳод намуд. Вай изҳор дошт, ки «*баъд аз анҷоми* ***Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олӣ****, Раиси навинтихобшудаи Шӯрои Олӣ* ***Эмомалӣ Раҳмон*** *тамоми қувва ва иродаю имконияти хешро барои таъмини сулҳ, баргардондани муҳоҷирин ба Ватан ва шурӯи музокирот бо мухолифини собиқ равона намуд.* ***Иқдоми Эмомалӣ Раҳмон аз ҷиҳати методологӣ дорои аҳамияти ниҳоят бузург буд, зеро ӯ миллатро ба ғолибу маглуб ҷудо накард ва савганд хурд, ки вазифааш аз он иборат аст, ки охирин шаҳрванди фирории Тоҷикистонро ба Ватан баргардонад, миллатро сарҷамъ намуда, ҳама дар якҷоягӣ дар заминаи ваҳдати миллӣ Тоҷикистони соҳибистиқлолро созанд.*** *Бо ин изҳороти худ Сардори давлат аз ибтидо дарҳоро барои музокира кушод ва ин заминаи бисёр муҳим барои дар оянда шурӯъ шудани музокироти байни тоҷикон гардид…»*

Х. Холиқназаров тадқиқоти васеи худ дар ин мавзӯъро хулосагирӣ карда, хусусан, аз тарафи Эмомалӣ Раҳмон тарҳрезӣ шудани таҷрибаи нодири сулҳи тоҷиконро як дастоварди муҳими таърихи муосири халқи тоҷик номид: «*Қобили зикр аст, ки дар ин роҳи басо душвор шуҷоату ҷасорати нотакрор доштани* ***Эмомалӣ Раҳмон****, фаросати азими мардумпарваронааш, ватанпарастӣ ва миллатдӯстиаш боиси он гардид, ки ӯ ҷони хешро ба гарав монда барои таъмини ваҳдат ва барқарории сулҳ дар Тоҷикистон сафарҳои пурхатар намуда сулҳу ваҳдатро дар кишвар барқарор намуд…*

*Бо кӯшишу ҷаҳду ҷадалҳои **Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** барои татбиқи давра ба давраи сулҳи сартосарӣ, таъмини фазои боварӣ ва эътимод ба ҳамдигар, аз байн бурдани фазои бадбинӣ ва даргириҳои мусаллаҳ, фаҳмондани ҳадафҳои сулҳ ва ваҳдати миллӣ, халъи силоҳ намудани баъзе қумондонони саркаш ва дар амал татбиқ намудани созишномаҳои имзошуда, фароҳам овардани заминаи мусоид барои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар, Комиссиони оштии миллӣ дар шаҳри Душанбе таъсис гардид...*

*Таҷрибаи сулҳофарини тоҷикон, ки асосгузори он **Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон** мебошад, имрӯзҳо вирди забони ҷомеаи байналмилалӣ гаштааст, ба ҷаҳониён собит намуд, ки миллати дорои фарҳангу таърихи бузург ҳамеша дар ҳолати душвор ва сарнавиштсози таърихӣ аз ин неъматҳои худододӣ истифода намуда, худро наҷот медиҳад. Ба қавли собиқ Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид Кофи Аннан, тоҷикон намунаи беназири таҷрибаи сулҳофариро барои мамлакатҳои дигар ба армуғон оварданд.”*

Шахсияти шинохтаи илмию ҷамъиятӣ, иштирокчии Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд академик Мӯсо Диноршоев, ки кори конфронсро ҷамъбаст намуд, дар суханронии худ масъалаи нақши ваҳдатсози Сардори давлати Тоҷикистонро махсусан таҳлилу баррасӣ карда, дар ин бора як силсила натиҷагириҳои ҷиддӣ пешниҳод намуд. Ӯ Эмомалӣ Раҳмонро меъмори сулҳ дар Тоҷикистон номида, аз ҷумла чунин гуфт: «*Ман худ иштирокчии Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ дар шаҳри Хуҷанд будам. Вақте ки **Эмомалӣ Раҳмон** Раис интихоб гардид, дар сухани аввалинаш чунин гуфт: «Ман барои шумо сулҳ меоварам». Боз таъкид намуд, ки «То даме ки як тоҷик гуреза бошад, ман ором нестам, тамоми кӯшишу ғайрати худро ба он равона мекунам, ки ҳамаи гурезагонро ба Ватан орам ва онҳо дар эъмори давлати худ саҳм бигиранд».*

***Дар ҳақиқат меъмори сулҳ дар Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аст.** Баъд, байни Ҳукумат ва мухолифин гуфтугузорҳо оғоз гардид. 22-маротиба вохӯрӣ баргузор гардид. Ҳар гоҳ ки гуфтугӯҳо ба бунбаст меафтоданд худи **ҷаноби Президент** он масъалаҳоро ҳал карда, боз гуфтугузорҳо идома меёфтанд.*»

Академик М. Диноршоев дар бораи заҳматҳои Эмомалӣ Раҳмон дар расидан ба сулҳ ва эҳёи дубораи хоҷагии халқи кишвар мазмунан илова намуд, ки вақте дар бораи нақш ва хизматҳои роҳбари давлат дар ин самт сӯҳбат мекунем, он ҳаргиз маънои мадҳу ситоишро надорад. Зеро, мадҳу ситоиш вақте мешавад, ки агар инсон кореро накарда бошад ва он корро ба ӯ нисбат дода, ӯро мадҳу ситоиш намоем. Аммо, вақте дар бораи талошу хизматҳои Эмомалӣ Раҳмон суҳбат мекунем, **ин мадҳу ситоиш набуда, маҳз баёни ҳақиқат аст**. Ӯ илова намуд, ки баёни ҳақиқат вазифаи асосии ҳар як олим аст

ва ин ҷо ман маҳз вазифаи илмии худро иҷро карда, ин ҳақиқатро баён мекунам.

Ҳамин тавр, иштирокчиёни конфронс ба нақши сарнавиштсозии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи муосири халқи тоҷик ва давлатдории миллии тоҷикон таъкид намуда, пешниҳод карданд, ки ин масъала ба таври васеъ мавриди омӯзиши беғаразонаи илмӣ қарор гирад. Омӯзиши баъзе бӯҳронҳое, ки тӯли даҳсолаҳо ҳалли онҳо ёфта намешавад, нишон медиҳад, ки яке аз сабабҳои асосии ба чунин бунбаст расидани онҳо набудани лидерҳои бонуфӯз, самимӣ ва ҳақиқатан мардумӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар чунин лаҳзаи барои миллат сарнавиштсоз ба саҳнаи сиёсат омадани Эмомалӣ Раҳмон дар воқеъ бахти таърихии тоҷикон буд. Бо таваҷҷӯҳ ба ин, **омӯзиши илмӣ ва беғаразонаи нақш, таҷриба ва равиши махсуси Эмомалӣ Раҳмон дар расидан ба сулҳ ва ризоияти миллӣ** на танҳо аҳамияти дохилӣ, балки аҳамияти минтақавӣ ва байналхалқӣ низ хоҳад дошт.

Масъалаи 3. **Роҳҳои таҳкими ваҳдати миллӣ ва зарурати гирифтани сабақҳои таърихӣ аз таҷрибаи сулҳ**

Бинобар хусусияти кори Маркази тадқиқоти стратегӣ яке аз муҳимтарин ҳадафҳои конференсия ҷамъбасти илмию таҳлилии марҳилаи 15 солаи сулҳу ваҳдат ва **дарёфти роҳҳои таҳкими сулҳу ваҳдат дар оянда** буд. Аз ин рӯ, кори конференсия дар асоси оянданигарӣ ва таҳияи дурнамои масъалаи сулҳу ваҳдат тарҳрезӣ гашт.

Масъалаи гирифтани сабақҳо аз таҷрибаи сулҳи тоҷикон ва роҳҳои таҳкими ояндаи ин таҷриба дар ҷомеа дар суханронии Б. Маҳмадов, М. Диноршоев, Ш. Оромбекоев, К. Олимов, А. Сатторзода, М. Сафолов, А. Раҳнамо ва дигар иштирокчиёни конфронс ба таври васеъ баррасӣ ёфт. Аксари иштирокчиён ба ин назар буданд, ки барои таҳкими сулҳу ваҳдат пеш аз ҳама, бояд аз таҷрибаи гузашта сабақҳои мушаххас бардошта шавад.

Аз ҷумла, узви собиқи КОМ К. Олимов, ки дар мавзӯи «Сабабҳои низои байни тоҷикон ва таъмини сулҳу ваҳдат дар кишвар» суханронӣ дошт, даҳ сабаби ба амал омадани ҷанги тоҷиконро муайян карда, дарки ҳар яке аз онҳо ва роҳ надодан ба такрори ҳар яки онҳоро барои таҳкими ваҳдати миллӣ муҳим донист.

Узви дигари КОМ А. Сатторзода низ суханронии худро ба масъалаи «Сабақҳои омӯзандаи сулҳи тоҷикон» бахшида, маҳз ба гирифтани ибрат ва такрор накардани он иштибоҳҳо таъкид намуд. Аз ҷумла сабақҳое, ки А. Сатторзода ба он таъкид дошт, зарурати ба таври дуруст, созанда ва беғаразона инъикос намудани ҳодисаҳои давраи ҷанги шаҳрвандӣ ва раванди сулҳофарӣ дар воситаҳои ахбори умумии кишвар мебошад. Маърӯзаи узви собиқи ҳайати музокироти сулҳ, мушовири Президенти ҶТ Ш. Оромбеков низ

ба мавзӯи «Ваҳдати миллӣ ва сабақҳои омӯзандаи сулҳи тоҷикон» бахшида шуда буд.

Яке аз масъалаҳои асосии таҳкими ваҳдат дар Тоҷикистон зарурати **ба фарҳанги умумимиллӣ табдил шудани ваҳдати миллӣ** ва аз маънои маҳдуд ба маънои васеи умумимиллӣ таҳаввул ёфтани худи мафҳуми ваҳдат мебошад. Аз ҷумла, Б. Маҳмадов ба ин масъала таъкид намуда, баён дошт, ки яке аз роҳҳои таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ ба фарҳанги умумии ҷомеа, хусусан, ба фарҳанги насли ҷавони кишвар табдил намудани андешаи сулҳу ваҳдат аст. *«Идеяи сулҳу ваҳдат як муддат ҳамчун ғояи миллӣ барои ҷомеаи мо хидмати бузург намуд. Акнун замони он аст, ки ваҳдат маҳз дар сатҳи як зарурати ҷамъиятӣ ва зарурати фардии ҳар як шаҳрванди кишвар фаҳмида шавад. Бояд ҳар як шаҳрванди кишвар, новобаста аз миллат, дин ва ақидаи сиёсии худ дарк намояд, ки ҳам рушди ҷомеа ва ҳам амалишавии орзую манфиатҳои шахсии ӯ фақат дар сурати сулҳу ваҳдат имконпазир мебошад.*

Бо таваҷҷӯҳ ба ин, барои мо зарур аст, ки бо мақсади ба фарҳанги умумӣ табдил шудани андешаи сулҳу ваҳдат дар низоми таълимоти умумии худ ин арзиши муҳимро ҷорӣ намуда, насли навраси худро дар ин рӯҳия тарбия намоем.»

Дар масъалаи таҳаввули мафҳуми ваҳдати миллӣ А. Раҳнамо дар ҷамъбасти нимаи якуми конфронс пешниҳод намуд, ки мувофиқи мақсад мебуд, агар дар сиёсати давлатӣ ва дар расонаҳои иттилоотии расмӣ ин мафҳум минбаъд на ба маънои маҳдуди «созишномаи байни ду ҷониби муайян», балки ба маънои ваҳдат ва ҳамзистии намояндагони тамоми халқҳо, миллатҳо, минтақаҳо ва ақидаҳо дар сатҳи кишвар фаҳмида мешуд. Дар бораи амиқтар намудани ваҳдату ҳамдигаршиносии мардуми кишвар, ӯ пешниҳод кард, ки **туризми дохилӣ ҳамчун яке аз чорахои ваҳдатсозӣ** таҳвият дода шавад. «*Ҳоло дар саросари кишвар роҳҳо сохта шуда, робитаи байни вилояту минтақаҳои мамлакат дар тамоми фаслҳои сол имконпазир аст. Масалан, агар имрӯз дар минтақаи Рашт назди мардум савол гузорем, ки чанд дарсади онҳо вилояти Суғдро дидаанд ё агар дар вилояти Суғд савол гузорем, ки чанд дарсади мардум Бадахшонро дидаанд? Ҳатман хоҳем дид, ки ҳамдигаршиносӣ ва кишваршиносии мардуми мо заифу омезиши миллии мо бисёр поин аст.*

Аз ин рӯ, таҳвияти ҳамдигаршиносӣ ва рушди туризми дохилӣ (саёҳатӣ, фароғатӣ, фарҳангӣ, тиҷорӣ, зиёратӣ, табобатӣ ва ғ.) бисёр зарур аст. Ин иқдом мифҳо ва тасаввурҳои ғайривоқеии мардуми минтақаҳои кишвар дар бораи ҳамдигарро аз байн бурда, ваҳдати миллиро ба сатҳи табиӣ ва инсонӣ мебарад, ки он устувортарин шакли ваҳдат аст.»

Яке аз роҳҳои дигари таҳвияти ваҳдати миллиро иштирокчиёни конфронс дар баланд бардоштани сатҳи тафаккури аҳли илму эҷод ва таҳвияти нақши зиёиён дар ҷомеа донистанд. Ба назари К. Олимов маҳз нақши созанда ва

ваҳдатбахши худро дуруст иҷро накардани зиёиён дар оғози солҳои 90-ум яке аз сабабҳои сар задании ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон буд.

Ин мавзӯъро А. Раҳнамо низ ҳангоми хулосагирӣ таҳлил намуда, пешниҳод кард, ки барои нақши худро дар таҳкими ваҳдати миллӣ дуруст ифо намудани зиёиён, бояд пеш аз ҳама дар сафи худи ин қишри ҳидоятгари ҷомеа ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмии зарурӣ ба вуҷуд ояд. Зеро, имрӯз мо на танҳо шоҳиди мухолифатҳои шадид байни «зиёиёни дунявӣ» ва «рӯҳониёни динӣ» мебошем, балки миёни гурӯҳҳои зиёиёни донишгоҳию академикӣ низ ихтилофҳои ҷиддӣ ҷараён доранд. Ин ҷо мақсад на баҳсҳои илмию назариявӣ, балки ихтилофҳои носолими шахсӣ, маҳалгаройӣ, зидди ҳамдигар ва ҳатто зидди шогирдони ҳамдигар ошкоро мубориза бурдан ва ихтилофи худро ба наслҳои нави олимон гузаронидани баъзе зиёиён дар назар аст. Ӯ хулоса намуд, ки «*ҳамдигарро дуруст шинохтан, эътироф кардани ин ду қаноти фикрию маънавии ҷомеа, яъне зиёиён ва рӯҳониён метавонад яке аз пояҳои ваҳдати миллӣ бошад. То замоне, ки ин ҳамдигарнописандӣ идома ёбад, бахше аз мардум аз пайи уламои динӣ ва бахши дигар аз пайи уламои донишгоҳию академӣ мераванд ва ин бӯҳрон метавонад наслҳо идома ёбад. Вале имрӯз бояд ин ду қишр дар атрофи манфиатҳои миллӣ, рушди моддию маънавии ҷомеа, тарбияти насли наврас ва ғайра бо ҳам муттаҳид шаванд.*»

Ҳамин тавр, мавзӯи таҳкими ваҳдати миллӣ дар конфронс ба таври васеъ баҳсу баррасӣ гашта, иштирокдорони он як силсила мулоҳизаҳо ва пешниҳодҳои амалиеро низ ироа намуданд, ки баъзе аз онҳо дар қисмати ҷамъбастии ин гузориш ҷой дода шудаанд.

Масъалаи 4. **Ваҳдати миллӣ ва рушди иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон**

Дар кори конференсия ба **робитаи байни ваҳдати миллӣ ва рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат** аҳамияти махсус дода шуд. Тавре маълум аст, то замони ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ, сатҳи иқтисодиёти кишвар сол аз сол пасттар мерафт. Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар солҳои 1995-96 нисбат ба солҳои 1991-92 ба маротиб паст гардида, ба таври умумӣ суқут карда буд.

Аз ин рӯ, суханронони конфронс ба масъалаи рушди иқтисодии Тоҷикистон дар 15 соли сулҳу ваҳдат диққати ҷиддӣ дода, дастовардҳои иқтисодии кишвар дар ин солҳоро мавриди омӯзиш, таҳлил ва натиҷагирӣ қарор доданд. Ин мавзӯъро хусусан, муовини раиси Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ Ф. Мӯъминова бо рақамҳои мушаххас ва таҳлили ҳамаҷониба барои иштирокчиёни конфронс пешниҳод намуд. Ӯ нишон дод, ки фарорасии сулҳ ва ваҳдати миллӣ барои рушди иқтисоди миллӣ такони ҷиддие бахшид. Ин буд, ки аз соли 1997 инҷониб вазъ рӯ ба беҳбудӣ ниҳода, рушди Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) аз 1,4% то ба 8,8% расида,

имконият дод, ки устувории муайяне дар иқтисод ба вуҷуд ояд. Ҳамин тавр, ба гуфтаи Ф. Мӯъминова дар тӯли 15 соли ваҳдат маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 4,7 маротиба зиёд гардидааст.

Яке аз масъалаҳое, ки ҳамеша аз ҷониби коршиносони дохиливу хориҷӣ бо нигаронӣ баҳо дода мешуд, вазъияти қарзи берунии Тоҷикистон мебошад. Ҳатто пешгӯӣ низ мекарданд, ки қарзи берунии Тоҷикистон кишварро ба бӯҳрони саросарӣ ё ҳолати «муфлисӣ» мерасонад. Дар ин самт низ ба сулҳу ваҳдат расидани ҷомеа беҳбудиҳои назаррасро пеш овард. Тибқи рақамҳое, ки Ф. Мӯъминова дар ҳамоиш нишон дод, қарзи берунаи Тоҷикистон аз 93%-и соли 1997 то 33% имрӯз паст гардидааст, ки ҳоло дар ин самт ба марзи бехатарӣ расидем ва қариб ташвише боқӣ намондааст.

Ҷанги шаҳрвандӣ сафи фақирону камбизоатонро рӯз ба рӯз зиёд мекард ва дар ин давра сатҳи камбизоатӣ дар кишвар беш аз 80%-ро ташкил менамуд. Вале ваҳдат ва сулҳ имкон фароҳам овард, ки ин нишондод 2 маротиба кам гардида, сатҳи камбизоатӣ имрӯз ба 42% расид. Дар ин давра яке аз дастовардҳои давлат тағйири шакли моликият буд ва дар иқтисоду саноат нақши соҳибкорон низ афзун гардид: имрӯз 40%-и маҳсулоти саноатӣ ва 93%-и маҳсулоти кишоварзӣ дар бахши ғайридавлатӣ истеҳсол мегарданд.

Ҳамчунин, Ф. Мӯъминова бо истифода аз воситаҳои аёнӣ ва электронӣ ба ҳозирин нишон дод, ки эҳёи иқтисодии кишвар ба рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, хусусан, соҳаи маориф ва тандурустӣ низ таъсири ҷиддӣ гузошт.

Академик М. Диноршоев низ дар суханронии ҷамъбастии худ ба **муносибати байни суботи иқтисодӣ ва суботи сиёсӣ** таъкид намуда, иброз дошт, ки ба масъалаи саҳми иқтисодиёт дар таъмини ваҳдати миллӣ бояд диққати калон дода шавад. Зеро, **агар давлат некӯаҳволии мардумро таъмин карда тавонад, он яке аз омилҳои муҳими нигоҳдорандаи ваҳдати миллӣ мешавад.**

Ҳамин тавр, дар конференсия барои ҳозирон нишон дода шуд, ки дар 15 соли Ваҳдати миллӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дастовардҳои иқтисодӣ ва иҷтимоие расидааст, ки дар муқоиса бо даврони то имзои Созишномаи истикрори сулҳ ва ризоияти миллӣ бисёр муҳим мебошанд.

***Масъалаи 5.* Татбиқи сиёсати сулҳу ваҳдатсозии роҳбарияти давлати Тоҷикистон дар минтақаҳои кишвар**

Яке аз хусусиятҳои асосии конференсияи мазкур дар ин буд, ки дар кори он **намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ба таври фаъол иштирок намуданд.** Аз он ҷумла, муовини аввали раиси вилояти Суғд Сангинов Ҷ., муовини раиси ВМКБ Гиёев А., мудири шӯъбаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон Саидов Б., муовини раиси шаҳри Турсунзода Ҷалолӣ М., муовини раиси ноҳияи Ҳисор

Давлатова Х., муовини раиси ноҳияи Тавилдара Раҳимова Г., директори омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳраки Навободи ноҳияи Рашт Зоғаков М., муовини ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб Сайдалиев Д. ва дигарон дар бораи рафти иҷрои сиёсати ваҳдатофарии роҳбарияти давлати Тоҷикистон дар минтақаҳои худ ва дастовардҳои ҳар як минтақа дар 15 соли сулҳу ваҳдати миллӣ суханронӣ намуданд.

Аз ҷумла, муовини аввали раиси вилояти Суғд Ҷ. Сангинов татбиқи сиёсати сулҳу ваҳдат дар вилоятро ба таври васеъ таҳлил намуда, ба ҳозирон нишон дод, ки Ваҳдати миллӣ боиси рушди босуръати хоҷагии халқи вилояти Суғд дар самтҳои гуногун гаштааст. Ба гузориши ӯ, дар ин давра «*ҳаҷми маҳсулоти умумии минтақавӣ чун нишондиҳандаи ҷамъбастии соли 2011 7 млрд 32,7 млн сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2000-ум 14,4 маротиба афзудааст. Дар ин давраи таҳлилӣ даромади буҷаи давлатӣ беш аз 51,8 маротиба зиёд шудааст.*»

Ҷ. Сангинов изҳор дошт, ки дастовардҳои иқтисодиву саноатии вилоят дар даврони Ваҳдат барои гузариш ба **арзишҳои нав** дар ҷомеа мусоидат намудааст. Маҳз дар ин давра дар сатҳи вилоят раванди гузариш аз **тафаккури аграрӣ** ба **тафаккури саноативу ҷаҳонӣ**, аз **ҷомеаи анъанавӣ** ба **ҷомеаи ратсионалӣ** суръат бахшида шудааст. Ҷ. Сангинов дастовардҳои вилояти Суғд дар партави сиёсати сулҳу ваҳдатро ҷамъбаст намуда, хулосагирӣ кард, ки соли 2011-ум барои вилояти Суғд соли саноат буд. Ҳоло корхонаҳои саноатии вилоят қариб 24%-и маҳсулоти саноатии ҷумҳуриро истеҳсол менамоянд ва дар назар аст, ки «*соли 2015-ум вилоят аз **минтақаи аграрӣ-саноатӣ** ба **минтақаи саноатӣ-аграрӣ** табдил хоҳад ёфт*».

Муовини раиси ВМКБ Азиз Гиёев таҳаввулоти ҷиддии вазъияти сиёсию фарҳангӣ ва иқтисодию иҷтимоии вилоят дар даврони Ваҳдати миллиро барои ҳозирон нишон дода, изҳор дошт, ки сокинони вилоят сиёсати сулҳу ваҳдатсозии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмонро ҳамаҷониба дастгирӣ менамоянд. Ӯ дастовардҳои хоҷагии халқи вилоят дар ин давраро ҷамъбаст карда, аз ҷумла эълон дошт, ки аз баракати ин сиёсати роҳбарияти кишвар **«*имрӯз ВМКБ аз бунбасти комуникатсионӣ-иттилоотӣ пурра раҳо ёфта, ба истиқлолияти энергетикӣ низ наздик мешавад*».** Дар бахши рушди саноати кӯҳӣ дар вилоят А. Гиёев таваҷҷӯҳи ҳозиронро хусусан, ба масъалаи коркарди сангҳои қиматбаҳо ва конҳои канданиҳои фоидаовар ҷалб намуд.

Ҳамчунин, дар конференсия рафти иҷрои сиёсати ваҳдатофарии роҳбарияти давлати Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, шаҳри Турсунзода, ноҳияҳои Рашт, Ҳисор ва Тавилдара ва дастовардҳои мушаххаси ин минтақаҳо дар 15 соли сулҳу ваҳдати миллӣ таҳлил гаштанд.

Ҳангоми натиҷагирӣ аз суханрониҳои намояндагони минтақаҳо академик М. Диноршоев баён дошт, ки «*Масъалаи таҳким ва таъмини Ваҳдат дар*

ноҳияву вилоятҳо муҳимтарин масъала мебошад… Дар назари аввал ин масъала сода менамояд, лекин агар диққат намуда, аз назари фалсафӣ ба масъала наздик шавем, масъала бисёр муҳим аст. Ин ҷо проблемаи фалсафии ҷузъ ва кулл ба вуҷуд меояд. Ноҳияҳо ҷузъ - тамоми Тоҷикистон кулл. ***Агар дар ҳар ноҳия ваҳдат барқарор бошад, ваҳдат побарҷо бошад, дар тамоми Тоҷикистон ҳам ваҳдат устувор хоҳад буд.»*** М. Диноршоев таъкид намуд, ки барои ояндаи ваҳдат дар минтақаҳо бисёр зарур, аст ки мақомоти маҳалӣ аз сатҳи зиндагии мардум ба таври ҳамеша огоҳӣ дошта бошанд, зеро мардум дар симои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тамоми ҳокимиятро мебинад ва сатҳи муносибати ҳокимияти маҳаллӣ ба мардум ба таҳкими ваҳдат таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Албатта, суханронии намояндагони минтақаҳо аз камбудиҳо холӣ набуданд ва бештари онҳо хусусияти ҳисоботию оморӣ дошта, ҷанбаи таҳлилии онҳо камтар буд. Вале худи дар мисоли ҳар як минтақа ба таври мушаххас нишон додани рафти татбиқи сиёсати сулҳу ваҳдати миллӣ, нишон додани дастгирии мардуми минтақаҳо аз сиёсати Сардори давлат ва таъсири сулҳу ваҳдат ба рушди ҳар як минтақа аҳамияти бисёр ҷиддӣ дошт.

Масъалаи 6. **Муносибати ақаллиятҳои миллӣ ба мавзӯи сулҳ ва ваҳдат**

Хусусияти дигари конфронси мазкур иштироки фаъоли намояндагони ақаллиятҳои миллӣ ва таҳлили нақши онҳо дар таъмини сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон буд. Тавре зикр шуд, фаҳмиши васеи мафҳуми ваҳдати миллӣ бояд тамоми қишрҳои ҷомеа, аз ҷумла ақаллиятҳои миллии сокини Тоҷикистонро фаро гирад. Иштироки намояндагони халқу миллатҳои гуногуни сокини кишвар дар конфронс низ маҳз ҳамин маънои фарогири ваҳдатро таҷассум менамуд.

Ин масъала хусусан, дар суханронии Б. Маҳмадов, роҳбари Ассотсиатсияи ақаллиятҳои миллии Тоҷикистон В. Ким, намояндаи ҷамъияти ӯзбекзабонони Тоҷикистон, сармуҳаррири нашрияи «Халқ овози» Ҳ. Ҷӯраев, академик М. Диноршоев ва дигарон мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифт.

Аз назари Виктор Ким «*дар давлатҳои якмиллиятие чун Олмон, Куриё ва Ҷопон масъалаи ваҳдати миллӣ баҳсро ба вуҷуд намеорад. Аммо дар ҷомеаҳое, ки ташаккулашон дар шароити бисёрмиллиятӣ ҷараён дорад, ба монанди кишварҳои ИДМ, ваҳдати миллӣ ба маънои васеътар фаҳмида мешавад. Аз ин рӯ, бояд фарқи байни мафҳумҳои «ризоияти ҷамъиятӣ» ва «ваҳдати миллӣ» дуруст дарк карда шаванд*.»

Намояндаи ҷамъияти ӯзбекзабонони Тоҷикистон Ҳ. Ҷӯраев баъзе фикру мулоҳизаҳо дар бораи статуси ақаллиятҳои миллиро рад намуда, изҳор дошт, ки ӯзбекҳои сокини Тоҷикистон худро дар ватани худ, ҷузъи ҷудонашавандаи ҷамъияти Тоҷикистон ва шаҳрванди баробарҳуқуқи Тоҷикистон эҳсос намуда,

розӣ намешаванд, ки дар нисбати онҳо мафҳуми «диаспора» истифода шавад. Ин ҳисси эътимод ба онҳо имкон медиҳад, ки дар таҳкими давлати Тоҷикистон ва таъмини ваҳдату суботи кишвар ҳамчун шаҳрванди комилҳуқуқи ин ватан иштирок намоянд.

Дар масъалаи ақаллиятҳои миллӣ бояд зикр намуд, ки вақтҳои охир талошҳо барои сиёсӣ намудани ин масъала ва барангехтани низоъҳои миллӣ дар сатҳи Осиёи Марказӣ хусусияти ҷиддитар пайдо намудаанд. Ҳодисаҳои хунине, ки соли 2010 дар ҷануби Қирғизистон рух доданд, то чӣ ҳад мураккаб ва ҳассос будани ин масъаларо нишон медиҳанд. Имрӯз низ масъалаи ақаллиятҳои миллӣ дар минтақа ҳамчун як қартаи хатарноки сиёсӣ ба бозӣ дароварда мешавад.

Дар тӯли соли ҷорӣ баъзе кӯшишҳои дар Тоҷикистон ба бозӣ даровардани масъалаи ақаллиятҳои миллӣ низ мушоҳида шуданд. Масалан, дар расонаҳои русӣ ба миён гузошта шудани масъалаи ба истилоҳ, «генотсиди русҳо» дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, мусоҳибаи пурсарусадои муовини раиси ҷамъияти ӯзбекҳои Тоҷикистон С. Шамсиддинов, латукӯб шудани ӯ пас аз ин мусоҳиба, номаи қирғизҳои сокини Тоҷикистон ба Президенти Қирғизистон дар бораи ҳимояи ҳуқуқи қирғизҳо, баъзе соишҳои миллӣ дар минтақаҳои марзии Тоҷикистону Қирғизистон, маводҳои гуногуни матбуотӣ дар ин мавзӯъҳо ва ғайра маҷмӯаи иқдомоте буданд, ки метавонанд муҳити ҳамзистии байни халқҳои гуногуни сокини кишварро халалдор намоянд.

Аз ин рӯ, ҷамъ омадани намояндагони ин ақаллиятҳо дар ин чорабинии ҷумҳуриявӣ дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ ва дар амал нишон дода шудани ваҳдату ҳамзистии мусолиматомези халқҳои сокини кишвар ва дастгирии онҳо аз сиёсати ваҳдатсозии Сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон ва ғайра аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ дошт.

Иштирокчиёни конфронс ба хулоса расиданд, ки дар оянда барои таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳамзистии байни халқҳои сокини кишвар худи мафҳум ва институти «шаҳрвандӣ» дар ҷомеа таҳвият дода шавад. Ин раванд ҳисси «шаҳрвандии Тоҷикистон»-ро дар худшиносии ҳар як сокини кишвар ба ҷои аввал бароварда, шаҳрванди Тоҷикистон буданро ҳамчун умумияти муҳимтарини байни ҳамаи сокинони кишвар, новобаста аз ҳизбияту миллияташон ташаккул медиҳад. Чунин фаҳмиши шаҳрвандӣ барои таҳкими ваҳдати миллӣ аҳамияти калони амалӣ дорад.

Ҳамчунин, иштирокчиён тавсия намуданд, ки барои таҳкими ваҳдати миллӣ дар риторикаи расмию сиёсӣ ба мафҳумҳои умумиятбахше чун «шаҳрвандони Тоҷикистон», «тоҷикистониён», «сокини Тоҷикистон», «халқи Тоҷикистон», «мардуми Тоҷикистон» ва ғайра аҳамияти хоса дода шавад. Дар бораи таъсири ин тарзи муносибат бояд гуфт, ки он аз як сӯ, ба халқияту миллиятҳои сокини кишвар ҳуқуқҳои зиёдеро пешбинӣ намуда, боиси

қаноатмандии ҳуқуқии онҳо мегардад, вале дар амал, онҳоро дар дохили Тоҷикистон ва «аксарияти тоҷикӣ» маҳлул намуда, барои бунёди воҳиди умумии миллию сиёсӣ, яъне шаҳрвандии Тоҷикистон замина фароҳам месозад. Илова бар ин, ташаккули чунин умумият ҳисси маҳалгароиро коҳиш дода, барои устувории ваҳдати тоҷикон ҳамчун миллати ягона таъсири ҷиддӣ мегузорад.

Масъалаи 7. **Ҳизбҳои сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дар шароити плюрализми сиёсӣ**

Тоҷикистон ба таври расмӣ бунёди ҷомеаи плюралистӣ ё гуногунфикриро пеш гирифтааст. Тибқи моддаи 8-уми Конституцсияи ҶТ ҳаёти ҷамъиятӣ дар кишвар дар асоси гуногунфикрӣ ҷараён меёбад. То имрӯз Тоҷикистон дар роҳи татбиқи ин принсип дастовардҳои ҷиддӣ касб намудааст, ки намунаи он фаъолияти расмии 8 ҳизби сиёсӣ, ҳудуди 2 ҳазор ташкилоти ғайридавлатӣ, ҳамзистии мусолиматомези намояндагони фикру ақида, дину мазҳаб ва халқу миллатҳои гуногун мебошад. Намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, ки дар кори конфронс иштирок доштанд, ба маълумоти ҳозирон расониданд, ки сиёсати гуногунфикрӣ ва ҳамзистии фикру ақидаҳо ва халқу миллатҳо дар сатҳи минтақаҳои кишвар низ амалӣ мешавад.

Аммо ҳифзи ваҳдати миллӣ дар шароити ҷомеаи гуногунфикрӣ (плюралистӣ) масъалаест, ки ҳам печидагии назариявӣ ва ҳам аҳамияти ҷиддии амалӣ дорад. Ин аст, ки ин мавзӯъ низ дар маркази диққати иштирокчиёни конфронс қарор гирифта, баррасӣ ва таҳлил гардид.

Директори омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳраки Навободи ноҳияи Рашт Мӯсохон Зоғаков суханронии худро пурра ба мавзӯи плюрализм ва ваҳдати миллӣ бахшида, чунин қайд кард: «*Ба даст омадани ваҳдати миллиро дар Тоҷикистон бе ягон шакку шубҳа метавон ҳамчун падидаи барои рушду пешрафт мусоидаткунанда қабул намуд. Ҳамчунин гуногунандеширо низ, ки густариши он то андозае ба ҳамроҳшавии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ алоқаманд аст, дар ин қатор ҷой додан мумкин аст. Яъне дар шароити гуногунандешӣ бояд муносибат ба масъалаи таъмини ваҳдати миллӣ хело бодиққатона ба роҳ монда шавад. Дар ин шароит ба муносибатҳои ҳизбию мазҳабию динӣ ва ғайра нигоҳ накарда, ҳифз ва таъмини ваҳдати миллӣ бояд дар мавқеи аввал ҷой дошта, ба масъалаи умумимиллӣ ва умумидавлатӣ табдил дода шавад.*»

Ӯ таъкид намуд, ки дар шароити гуногунандешӣ, ба мақсади ҳифз ва таъмини ваҳдати миллӣ мантиқан зарур аст, ки насли нав ба мазмуну мӯҳтавои арзишҳои миллӣ, аз ҷумла ваҳдати миллӣ ба пуррагӣ расанд ва аз падидаҳои номатлуб, ки аз онҳо ваҳдат халалдор мегардад, аз қабили маҳалгароӣ ва ғайра дур бурда шавад.

Ҳамчунин, А. Раҳнамо ба масъалаи моҳияти плюрализм ва таносуби он бо ваҳдати миллӣ таъкид намуда, ин мавзӯъро чунин хулосагирӣ кард: *«Дар ин масъала бисёр зарур аст, ки худи мафҳуми ваҳдат ҳаргиз ба маънои якнавохтии ҷомеа ва ҳатман як хел фикр кардани ҳамаи шаҳрвандон ва ё дар ҳамаи масъалаҳо мавқеи ягона доштани ҳамаи нирӯҳои сиёсӣ фаҳмида нашавад. Дар айни замон, бояд мавҷудияти гуногунфикрӣ ба маънои набудани ваҳдат пазируфта нашавад. Балки, шаҳрвандон ва нирӯҳои сиёсӣ метавонанд дар масъалаҳои гуногун назари хоси худро дошта бошанд, вале дар айни замон, дар масъалаҳои усулие чун ҳифзи давлату миллат, манфиатҳои миллӣ, истиқлолияти давлатӣ, ягонагии кишвар, ваҳдату суботи ҷомеа ва ғайра мавқеи ягона дошта бошанд. Хулоса, барои баёни кӯтоҳи ин масъала формулаи зебоеро аз фарҳанги гузаштаамон истифода менамоям, ки барои ҳамагон ошност:* ***«Ваҳдат дар касрат, касрат дар ваҳдат».*** *Яъне, агар* ***мавқеҳои шахсӣ, гурӯҳӣ ё ҳизбӣ*** *ҳолати касрат ё гуногунфикрии нирӯҳои сиёсии моро ифода кунад, пас* ***мавқеи миллӣ*** *ҳолати ваҳдати нирӯҳои сиёсии моро ифода мекунад. Ин ду мафҳум бо ҳам дар тазод нестанд, зеро дар сатҳҳои гуногун қарор доранд.»*

Масъалаи дигаре, ки рушди он ба низоми гуногунфикрӣ сахт алоқаманд аст, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеа мебошад. Тоҷикистон дар ин самт муваффақиятҳои чашмгире дошта, худи иштироки намояндагони ҳизбҳои сиёсии кишвар дар кори конфронс таҷассумгари гуногунфикрӣ дар фазои сиёсии Тоҷикистон буд.

(Албатта, барои маълумот бояд зикр шавад, ки намояндагони ҲНИТ дар конфронс иштирок надоштанд, вале онҳо ба кумитаи тадорукоти конфронс тамос гирифта, изҳор доштанд, ки фақат ба сабаби баргузории ҷаласаи ҷашнии ҲНИТ дар шаҳри Хуҷанд, ки роҳбарияти ҳизб ба он ҷо сафар намуда буд, дар конфронс иштирок карда натавонистанд ва дар ин масъала узри худро мерасонанд.)

Раиси Маркази худшиносии бонувон дар шаҳри Душанбе Шаҳло Ҷӯраева фаъолияти 8 ҳизби сиёсӣ дар кишварро баррасӣ намуда, диққати ҳозиронро хусусан, ба масъалаи нақши занон дар фаъолияти онҳо ҷалб кард. Ба назари ӯ, дар ташаккулёбии низоми бисёрҳизбӣ, рушди плюрализми сиёсӣ ва ба даст овардани сулҳу ваҳдат нақши занон хеле ҷиддӣ мебошад ва онҳо низ дар дастовардҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии кишвар ҳиссаи сазовори худро гузоштаанд. Ӯ ба намояндагӣ аз қишри занон аз дастгириҳои роҳбарияти кишвар дар таъмини ҳуқуқҳои баробари занон ва мардон қадрдонӣ намуда, қайд кард, ки имрӯз бо ташаббуси Сарвари давлат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдомҳои муҳиме чун қабули як силсила қонунҳо дар масъалаи ҳифзи ҳуқуқи занон, ҷудо намудани квотаҳои президентӣ барои духтарони болаёқат аз тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, пешбарии занони болаёқат ба вазифаҳои

идоракунии давлатӣ ва ғайра амалӣ гаштаанд, ки дар маҷмӯъ, нақши занонро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа баланд намудааст.

А. Раҳнамо дар ҷамъбасти мавзӯи плюрализм ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ иброз дошт, ки низоми бисёрҳизбӣ низ бояд ҳолати солим ва мӯътадили худро нигоҳ дорад. Зеро, агар дар натиҷаи таъкиди зиёд бар ҳизб ва ҳизбият **ҳувияти ҳизбӣ бар ҳувияти миллӣ ва шаҳрвандӣ боло гирад**, бисёрҳизбӣ метавонад ба ваҳдати миллӣ ҳатто таъсири манфӣ низ расонад. Дар чунин вазъият, афроди як «ҳизб» бо афроди «ҳизб»-и дигар, ки **ҳама ҳамватан, ҳамдин, ҳаммазҳаб ва ҳаммиллатанд,** пеш аз ҳама, на ҳамчун ба ҳамватани худ, балки ҳамчун ба «узви ҳизби рақиб» муносибат менамояд. Аз ин рӯ, **инсонӣ ва шаҳрвандӣ шудани нигоҳи ҷомеа ба ҳизбҳои сиёсӣ** як зарурат барои солимсозии муҳити сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ мебошад.

Ӯ қайд намуд, ки дар айни замон, ҳар ҳизби сиёсӣ бояд ин воқеиятро дарк намояд, ки он мавқеи фақат як бахше аз шаҳрвандон ва ҳамватанонро ифода мекунад. Яъне, **худи «ҳизб» будан пеш аз ҳама, ба маънои фақат як бахше аз ҷомеа, фақат як гурӯҳе аз шаҳрвандон будан аст, яъне ба маънои ҳамаи ҷомеа ва ҳамаи шаҳрвандон нест**. Зеро, имрӯз мушоҳида мешавад, ки ҳизбҳои сиёсии мо ҳамагӣ ба таври мутлақ аз номи «**миллат**» ва «**мардуми кишвар**» сӯҳбат мекунанд.

Дар мавзӯи плюрализм, ҳизбҳои сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ конфронс чунин хулосагирӣ намуд, ки ҳизбҳои сиёсӣ дар масъалаҳои гуногуни ҷомеа барномаҳои худро доранд, вале дар айни замон, онҳо бояд дар масъалаҳои усулии давлатдорӣ ва дар мавзӯъҳои стратегии рушди ҷомеа як мувофиқаи бунёдӣ дошта бошанд. Ин ҳолати **ҳамфикрии усулии ҳизбҳо** дар идеяи **«мавқеи миллӣ»,** ки аз тарафи А. Раҳнамо дар ҷамъбасти конфронс ба миён гузошта шуд, ифодаи худро меёбад.

Роҳҳои таҳкими ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон:

15 тавсияи амалӣ баъди 15 солагии Ваҳдати миллӣ

Дар натиҷаи таҳлили маводи конфронси мазкур ва дар назар гирифтани воқеиятҳои ҷомеа дар ин самт, бо ҳадафи таҳкими сиёсати ваҳдатсозии роҳбарияти кишвар ва амиқтар гаштани ваҳдати миллӣ, ба миён гузоштани тавсия ва пешниҳодҳои зерин мувофиқи мақсад дониста мешавад:

1. Мувофиқи мақсад аст, ки худи мафҳуми «ваҳдати миллӣ» таҳаввул ёфта, минбаъд дар сиёсати давлатӣ ва расонаҳои иттилоотии расмӣ ин мафҳум на танҳо ба маънои «созишномаи байни ду ҷониби муайян», балки ба маънои **ваҳдат ва ҳамзистии намояндагони тамоми халқҳо, миллатҳо, минтақаҳо, наслҳо ва ақидаҳо дар сатҳи кишвар** фаҳмонида шавад. Чунин таҳаввули маъно ваҳдати миллиро фарогир ва устувор менамояд.

2. Бо мақсади омӯзиши ҳамаҷонибаи таҷрибаи сулҳи тоҷикон ва устувор намудани ваҳдати миллӣ, дар шаҳри Душанбе **марказ ва ё пажӯҳишгоҳи сулҳи тоҷикон** таъсис дода шавад. Ин пажӯҳишгоҳ илова бар омӯхтан ва ба назарияи илмию методологӣ табдил додани таҷрибаи сулҳи тоҷикон, вазифаи нашру таълими ин таҷриба дар сатҳи миллӣ ва байналмилалиро низ ба дӯш хоҳад дошт. Бинобар вазъияти ноустувори минтақа, нақши чунин пажӯҳишгоҳ дар коркард ва пешниҳоди равишҳои амалии ҳалли низоъҳо барои тамоми минтақа аҳамияти ҷиддӣ пайдо мекунад.

Ҳамчунин, имконпазир аст, ки дар назди ин пажӯҳишгоҳ **осорхонаи хурди сулҳи тоҷикон** ташкил шавад.

3. Бо мақсади барои наслҳои оянда ва барои олимону муҳаққиқон дастрас гаштани таҷриба, санадҳо ва ҳуҷҷатҳои раванди сулҳ ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, зарур аст, ки дар пажӯҳишгоҳи сулҳ ва ё дар Архиви давлатии ҶТ **архиви раванди сулҳ** ташкил ва ҷамъоварӣ карда шавад. Зеро, ҳоло қисми асосии санаду ҳуҷҷатҳои тамоми даврахои музокирот, фаъолияти КОМ ва раванди сулҳсозӣ дар ихтиёри шахсони алоҳида ва иштирокчиёни ҷудогонаи ин раванд қарор дошта, **эҳтимоли умуман, аз байн рафтани ин хазинаи барои таърихи миллат муҳим пеш омадааст.**

4. Кумитаи телевизон ва радио бояд дар назар гирад, ки ҳангоми инъикоси таърих ва ҳодисаҳои даврони ҷанги шаҳрвандӣ, раванди музокироти сулҳ ва фаъолияти КОМ дар воситаҳои ахбори умумии давлатӣ мувофиқи мақсад мебуд, ки дар ин барномаҳо ин ё он тарафи ин раванди мураккаб ба таври ниҳоят танқидӣ муаррифӣ нашаванд. Новобаста аз воқеиятҳои он давра, ин тарзи инъикоси раванди ҷанг ва сулҳи тоҷикон боиси норозигии бахше аз иштирокдорони ин раванд гашта, моҳҳои охир дар воситаҳои ахбори умумии ғайриҳукуматӣ ба таври васеъ ба миён гузошта мешавад. Аз назари равоншиносии сиёсӣ, ин навъи инъикоси масъалаҳо ва идомаи баҳси матбуотӣ дар атрофи онҳо боиси боқӣ мондани рӯҳияи мухолифат ва сари вақт дармон нашудани баъзе захмҳои давраи ҷанги шаҳрвандӣ мегардад, ки ваҳдати миллиро халалдор менамояд.

5. Нақши шахсият дар таърих ва нақши як лидери миллӣ дар наҷоти миллат ва давлат яке аз мавзӯъҳои муҳими илми таърих ва сиёсатшиносӣ мебошад. Вале, нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ба даст овардани сулҳ ва ваҳдати миллӣ то имрӯз асосан ҳамчун таърих, нақл, ёддошт, мушоҳида, хотираи шоҳидон ва ғайра баён шуда, **ҳамчун таҷриба ва методология мавриди омӯзиши объективонаи илмӣ қарор нагирифтааст.** Илова бар ин, тамоюли баъзе олимон ва нависандагон ба мадҳ ва умумигӯии сиёсӣ ва тафаккури филологию адабии аксари онҳо боис гаштааст, ки масъалаи нақши Эмомалӣ Раҳмон дар ин раванд бештар моҳияти шиорӣ, таблиғотӣ,

расонаӣ ва сиёсӣ гирифтааст. Аммо, чунин навъи муносибат бо ин масъалаи ҷиддӣ имкон намедиҳад, ки тамоми паҳлӯҳои он омӯхта ва нишон дода шавад.

Аз ин рӯ, имрӯз зарур аст, ки масъалаи нақши шахсият дар таҳаввулоти таърихӣ ва хусусан, саҳми шахсияти Эмомалӣ Раҳмон дар расидан ба сулҳи тоҷикон пеш аз ҳама **ҳамчун як таҷриба, ҳамчун як мактаб, методология ва илми қобили интиқол** омӯхта ва ҷамъбаст карда шавад. Маҳз дар ҳамин сурат он ҳамчун маводи ҷиддии илмию фундаменталӣ барои омӯхтан, таълим додан, интиқол ба наслҳои баъдӣ ва муаррифӣ дар сатҳи байналмилалӣ муносиб мегардад.

6. Яке аз роҳҳои амалии тақвияти ваҳдати миллӣ **дар ҳолати мӯътадил нигоҳ доштани фазои иттилоотӣ, муҳити идеологӣ ва муносибатҳои дин ва давлат** мебошад. Дар ин самт мувофиқи мақсад аст, ки сиёсати мӯътадилу созандаи Сардори давлат идома дода шуда, вақт, имконот ва нирӯи фикрии зиёде, ки гоҳо барои ташкили маъракаҳои иттилоотӣ алайҳи баъзе нирӯҳо ва шахсиятҳои дохилӣ харҷ мешавад, барои таҳкими ваҳдати миллӣ ва тақвияти мавқеи Тоҷикистон дар ҷанги иттилоотие, ки аз хориҷ таҳмил мешавад, равона гардад. Дар ин сурат, ҳам имкониятҳо сарфаҷӯӣ шуда, ҳам муҳити дохилӣ солимтар гашта, ҳам ҳамлаҳои иттилоотӣ аз хориҷ ҷавоби муносиби худро меёбанд.

Илова бар ин, мӯътадил намудани муносибати мақомоти алоҳидаи давлатӣ бо муҳити динии кишвар ва дар фазои иттилоотӣ хотима ёфтани баҳсҳои доимии онҳо низ дар таҳкими ваҳдат ва нексозии нигоҳи мардум ба давлат таъсири ҷиддӣ мегузорад. Хусусан, дар остонаи маъракаҳои муҳими сиёсие, ки дар соли оянда баргузор мешавад, масъалаи мӯътадил гардонидани фазои идеологию иттилоотии ҷомеа аҳамияти фавқулодда муҳим пайдо мекунад.

7. Мувофиқи мақсад аст, ки барои баланд бардоштани сатҳи ҳамдигаршиносии аҳолии минтақаҳои гуногуни кишвар **барномаи миллии рушди туризми дохилӣ** қабул карда шавад. Дар доираи ин барнома аҳолии минтақаҳои гуногун бо мақсадҳои саёҳатӣ, омӯзишӣ, тиҷоратӣ, табобатӣ, зиёратӣ ва ғайра ба минтақаҳои дигари кишвар сафар намуда, бо таъриху табиати ҳар мавзеъ ва ҳаёту урфу одатҳои мардуми минтақаҳои гуногуни мамлакат аз наздик шинос шаванд. Чунин иқдом метавонад тасаввур ва шинохти мардуми минтақаҳои кишвар дар бораи ҳамдигарро воқеъбинона намуда, ваҳдати миллиро дар сатҳи мардумӣ устувор намояд.

8. Барои тақвияти ҳамдигаршиносии аҳолӣ дар сатҳи умумимиллӣ мувофиқи мақсад аст, ки Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ дар якҷоягӣ бо Вазорати маорифи ҶТ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ **лагерҳои ҷумҳуриявии маърифати ҷавонон, лагерҳои ҷумҳуриявии наврасон, саёҳатҳои гурӯҳии кишваршиносии насли наврас ба минтақаҳои гуногуни кишвар, барномаи мубодилаи ҳафтаина ва ё моҳонаи хонандагон байни**

оилаҳо ва мактабҳои минтақаҳои гуногун ва ғайраро баргузор намоянд. *(Чунин таҷриба дар кишварҳои рушдёфтаи ҷаҳонӣ ба таври васеъ истифода мешавад ва солҳои охир баъзе ташкилотҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон низ чунин барномаҳоро дар шакли маҳдуд ва бо мақсадҳои муайян амалӣ менамоянд. Вале мувофиқи мақсад аст, ки ин барномаҳо ба таври васеъ ва ҳадафманд* ***маҳз аз ҷониби худи давлати Тоҷикистон*** *амалӣ гарданд.)*

9. Бо мақсади таъмини рушди мувозини минтақаҳои кишвар бояд **сиёсати рушди минтақаҳо** тақвият ва суръат бахшида шавад. Хусусан, дар наздиктарин мӯҳлат ба амал татбиқ намудани барномаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию сиёсии ВМКБ, минтақаи Рашт ва минтақаи Зарафшон, ки нишондиҳандаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии онҳо нисбат ба нишондиҳандаҳои миёнаи ҷумҳуриявӣ хеле поинтар мебошанд, мувофиқи мақсад дониста мешавад. Татбиқи ин барномаҳо дар таҳкими ваҳдати миллӣ нақши амалӣ доранд.

10. Яке аз роҳҳои таҳкими ваҳдати миллӣ ташаккули мафҳумҳо, арзишҳо ва рамзҳои ғайрисиёсии умумимиллӣ мебошад. То имрӯз, дар ташаккули рамзҳои сиёсию ғоявии умумимиллӣ баъзе корҳои арзишманд анҷом шудаанд, ки таъсири зарурии худро доранд. Вале, барои ҷалби қишрҳои гуногуни «ғайрисиёсӣ»-и шаҳрвандон, зарур аст, ки баъзе барномаҳо, рамзҳо ва маъракаҳои **зоҳиран ғайрисиёсӣ ва ғайриидеологии** ваҳдатсозӣ амалӣ гарданд. *(Як мисоли чунин иқдом муттаҳидии мардум дар масъалаи НБО Роғун буд.)* Ҳамчунин, имкон дорад, ки маъракаҳое чун ташвиқи мухлисии шаҳрвандон ба тими миллии футболи Тоҷикистон, истиқболи қаҳрамонони олимпӣ дар минтақаҳои кишвар, пешвозгирии 8 нафар ҳоҷиёни **пиёдаи** тоҷик, ки имсол дар расонаҳои хабарии байналмилалӣ шӯҳрати махсус ёфтаанд, ташкили барномаи «Боми ҷаҳон», ки сафари гурӯҳӣ ва оилавии шаҳрвандон ба вилояти Бадахшонро ташвиқ намояд ва ғайра ба роҳ монда шавад. Ин барномаҳо бояд тарҳрезии ҳадафмандона шуда, рафт ва натиҷаҳои онҳо кӯшиши ҷиддии таблиғотӣ ва иттилоотӣ дода шаванд.

11. Дар солҳои охир ҳассосияти махсус пайдо кардани масъалаи муносибати байни халқу миллиятҳо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, **такмили сиёсати давлатии ҶТ дар масъалаи ақаллиятҳои миллиро** тақозо дорад. Дар шароити нав, хусусан, барои роҳ надодан ба имкони ҳамчун фишанги сиёсӣ истифода шудани вазъияти ақаллиятҳои **русзабон, ӯзбекҳо ва қирғизҳо** чораҳои мушаххас андешидан зарур мебошад.

Дар ин самт, аз ҷумла, зарур аст, ки Кумитаи телевизион ва радио масъалаи ҳаҷм, мазмун ва сифати барномаҳои худ дар бораи ин ақаллиятҳо ва ба забони онҳоро бознигарӣ карда, ба шароити нави минтақавию ҷаҳонӣ ва ба заруратҳои ҳифзи ваҳдат ва амнияти миллӣ мутобиқ намояд. Беҳтар мебуд, то Вазорати маорифи ҶТ низ фаъолияти муассисаҳои таҳсилӣ бо забони ин ақаллиятҳоро

ҷиддӣ гирифта, дастовардҳои мавҷуда дар ин соҳаро ба маълумоти аҳли ҷомеа расонад. Ба таври умум, мувофиқи мақсад аст, ки тамоми паҳлӯҳои зиндагии осоишта ва баробарҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ дар Тоҷикистон нишон дода шуда, имкони рахнаҳои иттилоотӣ ва сӯиистифодаҳои сиёсӣ дар ин масъала пешгирӣ шавад.

12. Бо мақсади таҳкими ваҳдати миллӣ ва таъмини ҳамзистии бехалали халқҳои сокини кишвар **тақвияти худи институти «шаҳрвандӣ»** дар ҷомеа зарур аст. Ин раванд ҳисси **«шаҳрванди Тоҷикистон будан»**-ро дар худшиносии ҳар як сокини кишвар ба арзиши аввалиндараҷа табдил намуда, онро ҳамчун умумияти муҳимтарини ҳамаи сокинони кишвар, новобаста аз миллат, дин ва ақидаи сиёсияшон ташаккул медиҳад. Дар ин самт, аз ҷумла мувофиқи мақсад аст, ки дар риторикаи расмию сиёсӣ ба мафҳумҳои умумиятбахше чун «шаҳрвандони Тоҷикистон», «тоҷикистониён», «сокини Тоҷикистон», «халқи Тоҷикистон», «мардуми Тоҷикистон» ва ғайра аҳамияти хоса дода шавад.

13. Муносибати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ба масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бояд ба таври ҷиддӣ такмил гашта, мавридҳое, ки ба таҳкими ваҳдати миллӣ халал ворид мекунанд, рафъ ва ислоҳ карда шавад. Аз ҷумла, сатҳи пасти саводи сиёсӣ ва идеологии роҳбарияти шаҳру ноҳияҳо ва хусусан, паст будани салоҳияти пешбарии кори идеологӣ аз тарафи муовинони соҳавии онҳо боис мегардад, ки муносибати мардум бо мақомоти маҳаллии давлатӣ бо мушкилот рӯбарӯ гардад. Маҷмӯаи мавод ва шикоятҳое, ки имрӯзҳо дар матбуот дар ин бора ба нашр мерасанд, нишонгарӣ он аст, ки дар ин самт масъалаҳои зиёд ҷой доранд.

Бинобар ин, пешниҳод мешавад, ки роҳбарони шаҳру ноҳияҳо ва муовинони онҳо пеш аз таъйин шудан ба ин вазифаҳо аввал дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ аз курсҳои пурраи **идоракунии давлатӣ, фарҳанги роҳбарӣ ва равишҳои кори ташкилӣ ва идеологӣ** гузаронида шаванд. Зеро, мардуми минтақаҳо маҳз дар симои онҳо сиёсати роҳбарияти олии кишварро дида, аз тарзи муносибати онҳо дар бораи сиёсати роҳбарияти кишвар хулосабарорӣ мекунанд. Аз ин рӯ, ислоҳу беҳбуди муносибати мақомоти маҳаллӣ бо шаҳрвандон яке аз иқдомҳои зарурӣ барои таҳкими ваҳдати миллӣ дар саросари кишвар мебошад.

14. Барои таҳкими ваҳдат, дар канори фаъолиятҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, идеологӣ ва маърифатӣ, таваҷҷӯҳ ба ҳалли **масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа низ бисёр муҳим** аст. Имрӯз хусусан, ҳалли муносиби мушкилоти фазои сармоягузорӣ, ислоҳи сиёсати андоз, идомаи ислоҳоти иқтисодӣ, рушд ва эҳёи соҳаи кишоварзӣ ва ғ. аҳамияти махсус пайдо мекунад. Ҳамчунин, рушди соҳаи тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ яке аз пояҳои устувори ваҳдати миллиро ташкил менамояд. Ҳамин тавр, ба вуҷуд овардани **заминаҳои**

иқтисодӣ ва иҷтимоии вахдати миллӣ низ дар ҳифзи он аҳамияти калон пайдо мекунанд. Зеро дар сурати ҳалли саривақтии худро наёфтани мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ вахдати миллӣ осебпазир мегардад.

15. Дар раванди босуръати ҷаҳонишавӣ вахдати миллӣ ба **баъзе тахдидҳои наве** рӯбарӯ гаштааст, ки моҳияти иттилоотӣ ва шабакавӣ доранд. Ин равишҳо хусусан, бо истифода аз шабакаи интернет ва расонаҳои хабарии электронӣ амалӣ карда мешаванд, ки ба ҷавонон таъсири ҷиддӣ мегузоранд. Таҷрибаи кишварҳои дигар нишон медиҳад, ки агар дар зеҳни ҷомеа маълумот ва ахбори хориҷӣ бар ахбори дохилӣ ғалаба кунад, дигар ҳифзи вахдату субот бо усулҳои анъанавӣ (идеологӣ ва қудратӣ) номумкин мешавад. Бинобар ин, мувофиқи мақсад аст, ки роҳҳои иттилоотӣ ва муосири ҳифзи вахдати миллӣ низ истифода шаванд. Дар ин самт хусусан, ташкили расонаҳои иттилоотии чандзабонае, ки аз назари сатҳи касбӣ, огоҳии сиёсӣ ва имкониятҳои фаннию молӣ бо расонаҳои хориҷии ҷанги иттилоотӣ рақобатпазир бошанд, зарур аст.

Б.МАҲМАДОВ

ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ДАСТОВАРДИ БУЗУРГИ МИЛЛАТ

Суханронии Раиси Маркази тадқиқоти стратегии
назди Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон

Б.А. Маҳмадов

дар конференсияи ҷумҳуриявии
«Плюрализм ва масъалаҳои навсозии низоми сиёсӣ дар Тоҷикистон»
бахшида ба 15-умин солгарди Ваҳдати миллӣ,
ш. Душанбе, 22 июни соли 2012

Ҳамватанони гиромӣ,

Бо камоли самимият Шумоёнро ба ин толори бошукӯҳ хуш омадед гуфта, ҳамаи Шуморо ба ин рӯзи мубораку тақдирсоз, 15-умин солгарди Ваҳдати миллӣ, ки дар арафаи он қарор дорем, табрику муборакбод намуда, ба Шумо ва дар шахси Шумо ба тамоми мардуми сарбаланду меҳнатқарини Ватани азизамон – Тоҷикистон тансиҳатию сарбаландӣ ва фазои сулҳу ваҳдати ҳамешагӣ орзу менамоям.

Имрӯз мо дар ин толор ҷамъ омадаем, то ин чорабинии илмӣ ва сиёсиро бо масъулияти баланд ва бо рӯҳияи воқеан миллию ватандорӣ баргузор намоем.

Тавре дар Паёми имсолаи Президенти мӯҳтарами Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, соли ҷорӣ барои кишвари мо соли таҷлили ду ҷашни бузург, 15-умин солгарди Ваҳдати миллӣ ва 20-солагии Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

15 сол пеш ҳуҷҷате ба имзо расид, ки сарнавишти давлати тоҷикон, тақдири миллати тоҷик ва дигар халқу миллатҳои сокини Тоҷикистонро ба куллӣ тағйир дод. Арзиши таърихии ин санадро ҳанӯз ҳамон замон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин баҳо додааст:

«Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ аз аҳамияти бузурги худ бо Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як радиф меистад. Агар Эъломия ба ҷумҳурии мо ба таври расмӣ истиқлолият ва соҳибихтиёриро дода бошад, пас Созишнома дар ватани мо сулҳу салоҳро таъмин намуд.».

Касоне, ки фоҷеаи ҷанги шаҳрвандиро бо чашми худ диданд ва хусусан, касоне, ки раванди музокирот ва сулҳи тоҷиконро аз наздик медонанд, ёд доранд, ки сулҳу оштии миллӣ бо чӣ мушкилоте ба даст омада буд. Дар ин роҳ садҳо фарзандони огоҳу баномуси ватан солҳои тӯлонии умрашон, қисми дигар ҷони худро фидо карданд. Аз ин хотир, бояд аз заҳмату ҷонфидоиҳои таърихии

Сардори давлат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва афроде, ки дар раванди сулҳи тоҷикон саҳм гузоштаанд, бо камоли эҳтиром ва қадрдонӣ ёдоварӣ намоем.

Имрӯз, дар арафаи 15-умин солгарди Ваҳдати миллӣ, мо як марҳилаи бисёр муҳими рушди кишварро ҷамъбаст намуда, бо умеду боварӣ ва бо масъулияти баланд ба марҳилаи дигари рушди он менигарем.

Чун дар ин толор иштирокчиёни бевоситаи раванди сулҳу ваҳдатсозӣ, намояндагони доираҳои илмию эҷодии мамлакат, намояндагони минтақаҳо ва халқу миллиятҳои сокини Тоҷикистон, шахсиятҳои огоҳу соҳибназари кишвар ҷамъ омадаанд, боварӣ дорам, ки мо ҳамроҳ марҳилаи гузаштаро таҳлилу ҷамъбаст намуда, дар бораи марҳилаи ояндаи рушди кишвар мулоҳизаронӣ мекунем. Бо ҳамин мақсад минбари сӯҳбату таҳлилро пеш аз ҳама ба ихтиёри меҳмонони гиромӣ гузошта, танҳо барои оғози сӯҳбат ва баррасии мавзӯъҳои конфронс, ба чанд нуктаи муқаддимавӣ ва усулӣ ишора менамоям.

Масъалаи якум, ки мехостам имрӯз рӯи он таваҷҷӯҳ намоем, дарки аҳамияти воқеии дастовардҳои ин 15 соли гузашта мебошад. Мо имрӯз, бо сари баланд гуфта метавонем, ки дар натиҷаи сулҳу ваҳдат давлатдории миллии мо ҳифз гашт, миллати мо аз вартаи нобудӣ наҷот ёфт, халқҳои сокини кишвари мо ба зиндагии осоишта расиданд, пояҳои асосии иқтисодию иҷтимоии кишвар ба таври устувор гузошта шуд, сохтори давлатии мо шакли комили худро гирифт ва роҳи рушди кишвар аз тарафи худи мардум интихоб ва муайян гашт.

Ин ҳама, дар маҷмӯъ, дастоварди бисёр муҳимест, ки мардуми Тоҷикистонро насиб гаштааст ва маҳз ҳифзи ҳамин дастовардҳо имкон медиҳад, ки дар бораи ояндаи устувор ва боэътимод сӯҳбат намоем. Аз ин хотир, дарки аҳамияти ин дастовардҳои бунёдӣ ва ҳифзи огоҳонаи онҳо бояд **яке аз муҳимтарин барномаҳои стратегии мо** бошад.

Масъалаи дуюм, ки имрӯз таъкид ва таваҷҷӯҳ ба он бисёр муҳим аст, ба фарҳанги умумии ҷомеа, хусусан, ба фарҳанги насли ҷавони кишвар табдил додани андешаи сулҳу субот ва ваҳдат аст. Идеяи сулҳу субот ва ваҳдат чун шиор ва ғояи миллӣ барои ҷомеаи мо хидмати бузург намуд. Акнун замони он аст, ки ваҳдат ва меҳнати созанда дар сатҳи зарурати ҷамъиятӣ ва фардии ҳар шаҳрванди кишвар фаҳмида шавад. Бояд ҳар тоҷикистонӣ, новобаста аз миллат, дин ва ақидаи сиёсии худ дарк намояд, ки рушди пайвастаи ҷомеа ва амалишавии орзую манфиатҳои шахсии ӯ танҳо дар фазои сулҳу ваҳдат имконпазир мебошад.

Аз ин хотир, бо мақсади ба фарҳанги умумӣ табдил шудани андешаи сулҳу ваҳдат мо дар маърифату маънавияти ҷомеа ин арзиши муҳимро ҷорӣ намуда, насли наврасро дар ин рӯҳия ба воя расонем.

Масъалаи сеюм, ки барои ҳифз ва таҳвияти ваҳдати миллӣ ниҳоят зарур аст, **ташаккули арзишҳои умумимиллӣ** мебошад. Моҳияти асосии ин ғоя аз

он иборат аст, ки мардуми кишвар дар атрофи арзишҳои умумимиллӣ ва умумибашарӣ муттаҳид гашта, муҳити устувори ҳамзистӣ ва рушди миллӣ ба вуҷуд оварда шавад. Чунин арзишҳои умумӣ барои тоҷикистониён пеш аз ҳама, ватану ватандӯстӣ, Тоҷикистони соҳибистиқлолу дунявӣ, манфиатҳои миллӣ, сулҳу ваҳдати ҳамагонӣ, рушди инкишофи кишвар, таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, зиндагии сазовор ва некӯаҳволии ҳар фард ва ғайра мебошад. Ин арзишҳо мақсаду маром ва пайвандгари тамоми сокинони Тоҷикистон, новобаста аз миллат, синну сол, дин ва ақидаи сиёсии онҳост.

Иштирокдорони мӯҳтарами конфронс,

Омӯзишу таҳлили масъалаҳои зикршуда ва таҳияи пешниҳодҳо дар ин самтҳо аз ҷумлаи вазифаҳои **Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** низ ба ҳисоб меравад.

Ин Марказ идораи муҳими сиёсию таҳлилӣ дар назди Сардори давлати Тоҷикистон буда, масъулияти таҳлил, барномарезӣ ва ояндабинии самтҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷӣ ва иқтисодию иҷтимоии мамлакатро ба дӯш дорад. Бо мақсади таҳкими ваҳдати миллӣ ва дар атрофи ғояҳои баланди давлатӣ ҷамъ шудани тамоми нерӯҳои зеҳнии солими кишвар, мо омодаем, ҳамкории доимиро бо тамоми вазорату идораҳои давлатӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳои илмию эҷодӣ ва шахсиятҳои соҳибназари кишвар ба роҳ монем.

Мо, мардуми Тоҷикистон таҷрибаи пурарзиши муколама дорем ва чуноне, ки Сарвари давлат дар Паёми имсолаи худ иброз дошт, тамоми мушкилоту масъалаҳои худро бо роҳи музокирот ҳал карда метавонем. Шояд рамзӣ низ бошад, ки 15 сол пеш, 20 июни соли 1997 маҳз дар ҳамин толор аввалин ҷаласаи тадорукотии Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон баргузор шуда буд.

Ҳамин тавр, Маркази тадқиқоти стратегӣ метавонад макони пайванди нерӯҳои зеҳнии миллӣ барои таҳвияти минбаъдаи давлатдории миллӣ, маскани таҳияи стратегияҳои комили таҳкими суботу ваҳдати ҷомеа ва рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар бошад. Бешубҳа, ваҳдати нерӯҳои зеҳнии солими ҷомеа ва ҳамкорию пайвастагии стратегии аҳли илму эҷоди кишвар яке аз пояҳои устувори ваҳдати миллӣ хоҳад буд.

Пайвастагии нерӯҳои зеҳнии солими ҷомеа ва ҳамкорию ваҳдати стратегии аҳли илму эҷоди кишвар масъалаи муҳими дигарест, ки умедворам, мавриди таваҷҷӯҳи иштирокчиёни гиромӣ қарор мегирад.

Хулоса, мувофиқи масъулият он бояд ба ниҳоде табдил шавад, ки дар он бо ҷалбу иштироки беҳтарин нерӯҳои зеҳнии миллӣ барномаҳои стратегии рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат, консепсияҳои рушди маънавию сиёсии ҷомеа ва барномаҳои таълиму тарбияи насли наврас таҳия гарданд. Имрӯз, ки **асри**

иттилооту технологияи навин ва асри илму огоҳист, аз мо талаб мекунад, ки бо таҳлилу ояндабинии комил, бо лоиҳаҳои консептуалии санҷидашуда ва бо барномаҳои мукаммали стратегӣ ба сӯи оянда ҳаракат намоем.

Дӯстони гиромӣ,

Бо вуҷуди осудагии комили фазои дохилии кишвар, набояд фаромӯш кард, ки мо дар муҳити бисёр печидаи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ қарор дорем. Ошкортар шудани бархӯрди манфиатҳои қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ дар атрофи Осиёи Марказӣ, норӯшан боқӣ мондани ояндаи Афғонистони ҳамсоя, ҷараёни пайвастаи ҷаҳонишавӣ ва ғайра моро водор мекунад, ки ҳушёрии сиёсиро аз даст надиҳем. Хусусан, аз ин кишвар хориҷ шудани нирӯҳои Амрико ва НАТО, ки дар соли 2014 пешбинӣ шудааст, метавонад оғози марҳилаи нави бӯҳрон дар Афғонистон бошад. Ин воқеият масъалаи ҳифзи суботу ваҳдатро дар Тоҷикистон боз ҳам муҳимтар менамояд.

Дар поёни сухан бори дигар ҳар яки Шумо, ҳамватанони гиромиро ба ҷашни 15-умин солгарди Ваҳдати миллӣ муборакбод намуда, ба кору фаъолияти Шумо ва хусусан, ба кори ин конференсияи муҳим барору комёбиҳо орзумандам.

Сарбаланду сиҳатманд бошед!

УДК 327+39(4/9) (575.3)

НАҚШИ САРВАРИ ДАВЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАЪМИНИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Худобердӣ Холиқназаров,
муовини якуми Раиси Маркази тадқиқоти стратегии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар мақола нақши раҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ ва роҳи басо мушкилу душвор ба сӯи дастёбӣ ба ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, ки аз Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олӣ ибтидо мегирад, бо факту далелҳо мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтааст. Инчунин мавзӯи чандин раванди гуфтушунид ва музокира байни тоҷикон дар кишварҳои мухталиф ва шуҷоату ҷасорати нотакрори Эмомалӣ Раҳмон дар ҷараёни ин музокирот аз диди як ширкаткунандаи бевоситаи ин музокирот баррасӣ ва қаламдод шудааст.

Калимаҳои калидӣ: *Сардори давлат, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, музокирот, Комисиюни оштии миллӣ, Созмони Милали Муттаҳид, сулҳи тоҷикон, Шӯрои ҷамъиятии тоҷикон.*

Понздаҳ сол пеш, 27 июни соли 1997 фарзанди фарзонаи миллати тоҷик Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва дигар фарзандони ватанпараст, меҳандӯст ва сулҳхоҳи тоҷик баъд аз нофаҳмиҳо ва даргириҳои таҳмилӣ дар натиҷаи музокироти сулҳ ба ин кашмакашҳо хотима гузошта, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистонро имзо карданд.

Ин санади сарнавиштсоз Тоҷикистонро аз вартаи ҳалокат ва нобудӣ наҷот дода, ба миллати тоҷик рӯҳи нав, илҳоми нав бахшид, дар сарҷамъ кардани миллат, иттиҳоду ягонагии мардум нақши бебаҳо гузошт. Бо имзо шудани ин санади таърихӣ давлати соҳибистиқлоли мо ҳуввият ва ҳастии хешро дубора ҳифз кард ва ба ҷаҳониён исбот намуд, ки миллати тоҷик дорои тамаддун ва фарҳанги бостонӣ буда, Ватанро муҳимтарин муқаддасоти хеш медонад.

Сулҳи тоҷикон на танҳо давлату миллатро наҷот дод, балки дар дили насли ҷавони тоҷик умед ба ояндаи нек, хушбахтӣ, саодат, некномӣ ва ваҳдати ногусастаниро зинда намуд.

Расидан ба сулҳ кори басо душвор ва ниҳоят мураккаб буд. Баъд аз анҷоми Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олӣ, Раиси навинтихобшудаи Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон тамоми қувва ва иродаю имконияти хешро барои таъмини сулҳ, баргардондани муҳоҷирин ба Ватан ва шурӯи музокирот бо мухолифини собиқ равона намуд. Иқдоми Эмомалӣ Раҳмон аз ҷиҳати методологӣ дорои аҳамияти ниҳоят бузург буд, зеро ӯ миллатро ба ғолибу мағлуб ҷудо накард ва савганд хӯрд, ки вазифааш аз он иборат аст, ки охирин

шаҳрванди фирории Тоҷикистонро ба Ватан баргардонад, миллатро сарҷамъ намуда, ҳама дар якҷоягӣ дар заминаи ваҳдати миллӣ Тоҷикистони соҳибистиқлолро созанд. Бо ин изҳороти худ Сардори давлат аз ибтидо дарҳоро барои музокира кушод ва ин заминаи бисёр муҳим барои дар оянда шурӯъ шудани музокироти байни тоҷикон гардид.

Қобили зикр аст, ки дар ин роҳи басо душвор шуҷоату ҷасорати нотакрори Эмомалӣ Раҳмон, фаросати азими мардумпарваронааш, ватанпарастӣ ва миллатдӯстиаш боиси он гардид, ки ӯ ҷони хешро ба гарав монда барои таъмини ваҳдат ва барқарории сулҳ дар Тоҷикистон сафарҳои пурхатар намуда, сулҳу ваҳдатро дар кишвар барқарор намояд.

Яке аз солҳои бениҳоят душвор ва сарнавиштсози гуфтушунидҳо соли 1995 буд, ки дар ин сол аввалин бор музокироти сатҳи олӣ дар шаҳри Кобул баргузор гардид. Пеш аз сафар ба Афғонистон дар моҳи апрели соли 1995 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суҳбати ихтисосиашон бо хабаргузории «Интерфакс» дар бораи ҳадафҳои вохӯриашон бо Сайид Абдуллоҳи Нурӣ чунин иброз доштанд: - Ҳангоми вохӯрӣ бо роҳбари оппозисиюн ман пеш аз ҳама мавзӯҳоеро баррасӣ хоҳам намуд, ки ба ҳалли мусолиматомези қазияи Тоҷикистон иртибот дошта, масъалаҳои оташбас ҳам дар сарҳад ва ҳам дар дохили кишвар, баргашти тамоми муҳоҷирине, ки ҳануз дар хоки Афғонистон ҳастанд ва ҳамчунин дигар масъалаҳоро дар бар хоҳад гирифт. Мақсади ман расидан ба мусолиҳа бо оппозисиюн мебошад, ки ин мусолиҳа бояд бе чуну чаро аз ду тараф иҷро шавад.

Дар вазъияти мураккаб ва ноамнии комил дар шаҳри Кобул, ки дар бист километр берун аз он ҷанги шадиди байни нерӯҳои ҳукуматӣ ва гурӯҳҳои мухолиф идома дошт ва мушакҳо ба тарафи шаҳр ва бахусус ба фурудгоҳи Кобул паронда мешуданд, ҳавопаймои Сарвари давлат дар фурудгоҳи шаҳри Кобул ба замин нишаст ва баъдан музокирот байни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари мухолифини собиқ Сайид Абдуллоҳи Нурӣ шурӯъ гардид. Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар чунин шароити сахт ва хатарнок барои таъмин ва истиқрори ҳар чӣ зудтари сулҳу салоҳ дар Ватан ва оромии миллат дар душвортарин шароит ду рӯз музокироти хеле муҳим ва сарнавиштсозро муваффақона анҷом дод. Натиҷаи музокироти сатҳи олӣ дар Кобул барои ташвиқ ва тарғиб намудани барқарории фазои сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар Тоҷикистон аҳмияти фавқуллода дошт. Дар «Изҳорот»-е, ки аз тарафи ду роҳбар ба имзо расид, аз ҷумла чунин ишора шуда буд: - «ҷонибҳои тоҷикон ба хотири рафъи низоъ аз тариқи сиёсӣ, тавассути музокирот, бунёди шароити сулҳи пойдор дар сарзамини тоҷикон тамоми ҷидду ҷаҳди хешро дареғ нахоҳанд дошт».

Пас аз баргаштани ҳайати ҳукуматии Тоҷикистон ба Душанбе, шодравон Аҳмадшоҳи Масъуд, вазири дифоъи Афғонистон дар мулоқот бо хабарнигорон

аз хусуси мавқеи гуманистӣ ва ватандӯстона доштани Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуда чунин гуфт: - Раҳбари Тоҷикистонро ман ҳамчун шахсияте дарёфтам, ки халқи кишвараш, миллати тоҷикро, ватанаш Тоҷикистонро хеле амиқ ва самимона дӯст медорад. Барои беҳбудии халқу марзу бумаш омодааст ҷонбозиҳо кунад. Бо чунин Раис тоҷикон ҳатман ба сулҳу оштӣ даст хоҳанд ёфт.

Дар худи Тоҷикистон низ ҳамон сол дар минтақаҳои зери нуфузи мухолифини собиқи мусаллаҳ Президенти Тоҷикистон дар шароити хеле хатарнок мулоқоту гуфтушунидҳои зиёде бо гурӯҳҳои гуногун анҷом дод, ки баъдан натиҷаҳои хуб доданд.

Музокироти бениҳоят душвори дигар дар сатҳи олӣ дар Хустдеҳи Афғонистон дар зимистони басо сарди соли 1996 сурат гирифт. Ин музокирот дар як деҳаи дурдасти афғонӣ Хустдеҳ, ки дар он на ҷойи хоби мувофиқ мавҷуд буд ва на барқ. Ҳайатҳои музокироти сулҳи тоҷикон ду шабонарӯз музокира карданд ва дар натиҷа Протокол дар бораи танзими авзои ҳарбию сиёсии минтақаҳои доғ дар 8 банд таҳия ва ба имзо расид, ки дар натиҷаи он оташбас барқарор гардид ва нерӯҳои низомии мухолифони собиқ ба мавзеъи пештараашон баргаштанд. Президенти Тоҷикистон дар ин музокирот пешниҳод намуд, ки ҷиҳати таъмин ва таҳкими сулҳ дар Тоҷикистон бояд Комисиюни Оштии Миллӣ таъсис шавад ва роҳбари он бояд намояндаи мухолифин бошад. Чунин пешниҳоди ҷасурона дар он давра кори осон набуд.

Дар маҷмӯъ, дар натиҷаи музокироти тӯлонӣ, ки аз 5 апрели соли 1994 то 27 июни соли 1997 дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон Афғонистон, Покистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия, Туркманистон идома ёфтанд, муяссар шуд, ки барои амалӣ намудани ҳадафҳои сулҳ 9 даври музокирот, 6 вохӯрии сарон ва 21 маротиба музокирот анҷом дода шавад, ки дар натиҷаи онҳо 40 ҳуҷҷати тақдирсози миллат ба имзо расонида шуд. Дар ҷараёни гуфтушунидҳо тоҷикон ба хубӣ фаҳмиданд, ки ҷанги таҳмилӣ бояд фавран қатъ гардад, чунки ин даргирии бародаркуш миллати тоҷикро метавонист аз байн барад ва ба давлатдории тоҷикон хотима бахшад. Бегонагоне, ки ин ҷангро ба сари миллат таҳмил карданд маҳз таназзулу нобудии давлатдории тоҷиконро мехостанд. Аммо, шукри парвардигор, ки тирашон хок хӯрд.

Бояд таъкид намоям, ки баъзе аз кишварҳои дуру наздик намехостанд дар Тоҷикистон сулҳу оромӣ бошад ва бо ҳар роҳ ба раванди сулҳ халал мерасонданд. Тавре ки маълум аст, аз нахустин қадамҳои истиқлолият доираҳои муайяни бадхоҳ бо истифода аз таҷрибаи даврони гузашта ва усулҳои озмудаи худ, бо роҳи барангехтани низоъҳои дохилӣ ва бозиҳои сиёсӣ давлати ҷавони Тоҷикистонро дучори ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гардонданд. Дар натиҷа беш аз сад ҳазор шаҳрвандони мо кушта шуданд, қариб як миллион нафар иҷборан хонаву дари худро тарк карда, ба кишварҳои ҳамсоя фирор

намуданд. Мувофиқи ҳисобҳо ҷанги таҳмилӣ ба иқтисодиёти мамлакат, дар маҷмӯъ, беш аз 10 миллиард доллари амрикоӣ зиёни моддӣ расонид, ки он замон 105 маротиба аз буҷети соли 1995 зиёд буд. Зиёда аз 30 ҳазор хонаҳои истиқоматӣ сӯзонда, садҳо биноҳою иншоот, заводу фабрикаҳо, муассисаҳои тиб, маориф ва идораҳои давлатӣ ва дигар муассисаҳои зиёде харобу валангор гардиданд. Зарари маънавии ҷанг ҳадду ҳисоб надорад. Зеро бар асари он даҳҳо ҳазор модарон аз фарзандонашон, даҳҳо ҳазор занон аз шавҳаронашон маҳрум гардида, зиёда аз 55 ҳазор кӯдакон ятим монданд.

Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, ки 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва ба имзо расид, ба ҷаҳониён нишон дод, ки миллати бофарҳанг, ватандӯст, сулҳхоҳ ва сулҳпарвари тоҷик дар он давраи хеле сахт ва мудҳиш якпорча шуд, роҳи музокироти сулҳро пеш гирифт, аз ақлу фарҳанги азалии хеш истифода намуд, аз роҳи ба тариқи зӯрӣ ҳал кардани мушкилоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ даст кашида, сиёсати пешгирифтаи Сарвари давлатро ба хотири таъмини сулҳи сартосарӣ самимона дастгирӣ намуд.

Бо кӯшишу ҷаҳду ҷадалҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи давра ба давраи сулҳи сартосарӣ, таъмини фазои боварӣ ва эътимод ба ҳамдигар, аз байн бурдани фазои бадбинӣ ва даргириҳои мусаллаҳ, фаҳмондани ҳадафҳои сулҳ ва ваҳдати миллӣ, халъи силоҳ намудани баъзе қумондонони саркаш ва дар амал татбиқ намудани созишномаҳои имзошуда, фароҳам овардани заминаи мусоид барои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар, Комиссиони Оштии Миллӣ дар шаҳри Душанбе таъсис гардид. Қобили зикр аст, ки Комиссиони Оштии Миллӣ, бо сардории раиси собиқаш шодравон Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, дар раванди таъмини сулҳ ва иҷрои вазифаҳои хеш фаъолияти хеле хуб нишон дод ва ба Ватан содиқона хизмат кард. Рӯҳаш шоду ёдаш ба хайр бошад.

Имзо ва татбиқи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар ҷомеаи мо раванди ваҳдати миллӣ, худогоҳӣ, эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ ба мисли парчам ва нишонҳои миллӣ, демократикунонӣ, таҳаммулпазирӣ ва гуногунандеширо тақвият бахшид ва сулҳи тоҷиконро пойдор кард. Дар натиҷа аз баракати сулҳу салоҳ дар кишварамон ҳизбу созмонҳои мухталиф, аз ҷумла ҳизби характери динидошта низ арзи вуҷуд намуд. Ногуфта намонад, ки дар миқёси Осиёи Марказӣ ягона ҳизби динӣ дар Тоҷикистон фаъолият дорад ва ҳамин далел нишон медиҳад, ки дар ҷомеи мо фазои комилан демократӣ барқарор аст.

Имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба давлатҳои гуногуни ҷаҳон нишон дод, ки минбаъд тамоми мардуми ҷумҳурӣ Сарвари давлат Эмомали Раҳмонро ҳамчун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф ва эҳтиром намуда сохти демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро интихоб ва қабул намуданд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ итминон

пайдо кард, ки Тоҷикистон роҳи сулҳ, ободӣ ва бозсозии кишварро пеш гирифт ва бад-ин хотир кишварҳои мухталиф омодагии худро барои сармоягузорӣ дар ватанамон нишон доданд.

Истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ волоияти ичрои қонунҳои ҷумҳурӣ, амру дастурҳои Президенти кишвар ва қарорҳои Ҳукумати ҷумҳуриро дар тамоми қаламрави Тоҷикистон таъмин намуд ва ба қумондонсолорӣ хотима бахшид. Мардуми тоҷик, ки аз қумондонсолорӣ хаста ва безор шуда буд, нафаси озод кашид. Ҳамагон фаҳмиданд ва дарк намуданд, ки танҳо бо роҳи сулҳу салоҳ метавонанд ваҳдати миллиро таҳким бахшанд, миллатро зинда кунанд, эҳтирому обрӯйи Ватанро дар арсаи ҷаҳонӣ баланд бардоранд ва насли навро дар рӯҳияи соҳибистиқлолӣ, муҳаббат ба марзу бум, ба таъриху адабиёту фарҳангу забони модарӣ, пешрафти ҷомеаи демократӣ, худшиносии миллӣ ва арзишҳои суннатӣ тарбия кунанд.

Баъд аз барқарории ваҳдати миллӣ ва сулҳи сартосарӣ дар кишварамон бо ташаббус ва ибтикори ҳамешагии Сарвари давлат раванди бозсозии иқтисодии кишвар, рушди демократия, гуногунандешӣ, таҳаммулпазирӣ, озодии сухан ва матбуот, ташаккули тафаккури миллӣ равнақу ривоҷи бештар пайдо намуда, ваҳдати миллиро мустаҳкам намуд.

Бо дастуру супориши мустақими Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ- иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва соҳаҳои гуногуни ҳаёти кишвар барномаҳои инвестисионӣ ва чорабиниҳои муҳими зерин дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурӣ гузаронида шуданд, ки эътиқод ва эътимоди мардумро ба раванди бозсозии кишвар даҳчанд намуданд, ки аз ҷумлаи онҳо:

- таъсиси Шӯрои ҷамъиятии Тоҷикистон;
- сохтмони роҳҳои оҳан ва автомобилгард, туннелу нерӯгоҳҳои барқӣ;
- дар сатҳи ҷаҳонӣ гузаронидани маъракаҳои фарҳангӣ, аз қабили 1100 солагии таъсиси давлатдории Сомониён, соли тамаддуни ориёӣ, 680 солагии олим ва мутафаккири Шарқ Мирсаид Алии Ҳамадонӣ, 1150 солагии устод Рӯдакӣ, ҷаҳонишавии Наврӯзи бостонӣ ва дигар фаъолиятҳои фарҳангӣ;
- ҷудо кардани 75 ҳазор гектар замин барои киштукори мардум;
- таҳия, қабул ва дар амал татбиқ намудани қонуну қарорҳои ҳуқуқӣ барои рушду равнақи демократия дар кишвар.

Ҳудуди фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ на танҳо аз нигоҳи сифат, балки аз лиҳози миқдор низ густариш ёфт, мазмуну моҳияти гуногунандешӣ гирифт ва имрӯз дар кишвар 456 рӯзномаву маҷалла нашр мешавад, ки дар миёни онҳо 270 нашрия мақоми ғайридавлатиро доранд. Дар соли 2009 Тоҷикистон аз нигоҳи озодии сухан дар

ҷаҳон ҷои 113 – ро гирифта аз ҳамсоягони худ дар Осиёи Марказӣ дар сафи пеш буд.

Имрӯз дар Тоҷикистон 8 ҳизби сиёсӣ, аз ҷумла ҳизби характери динӣ дошта, озодона фаъолият намуда дар парлумони кишвар намоянда доранд, ки ин нишондиҳандаи аслии мавҷудияти плюрализм, яъне гуногунандешии воқеӣ ва рушди демократия дар Тоҷикистон аст.

Таҷрибаи сулҳофарини тоҷикон, ки асосгузори он Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон мебошад, имрӯзҳо вирди забони ҷомеаи байналмилалӣ гаштааст, ба ҷаҳониён собит намуд, ки миллати дорои фарҳангу таърихи бузург ҳамеша дар ҳолати душвор ва сарнавиштсози таърихӣ аз ин неъматҳои худододӣ истифода намуда, худро наҷот медиҳад. Ба қавли собиқ Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид Кофи Аннан, тоҷикон намунаи беназири таҷрибаи сулҳофариро барои мамлакатҳои дигар ба армуғон оварданд.

Дар охир пешниҳод менамоям, ки бо кӯмаку мусоидати Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон **Пажӯҳишгоҳи низоъшиносӣ ва фарҳанги сулҳ,** ки бевосита дар даҳсолаи наздик барои амалӣ намудани манфиатҳои миллии мо, тарбияи насли наврас ва бахусус ҷавонон дар руҳияи садоқат ба Ваҳдати миллӣ ва фаҳмишу дарку қадрдонии сулҳу субот дар Тоҷикистон зарур мебошад, таъсис дода шавад.

THE ROLE OF HEAD OF THE STATE EMOMALI RAHMON IN MAINTENANCE PEACE AND NATIONAL UNITY IN TAJIKISTAN

Kholiknazarov Kh., *candidate of historical sciences,*
The first deputy of the Chairman of the Centre of Strategic Researches
under the President of the Republic of Tajikistan

The article notices the role of Head of the State Emomali Rahmon in maintenance of peace and National unanimity in the difficult way achievement the national agreement in Tajikistan since the XVI Session of the Supreme council with the realization the detailed analyses real factors and examples. There is given the themes and geography of negotiating processes with the unprecedented influence of Emomali Rahmon on the course of inter Tajik negotiations, described by the real participant of this processes

Key worlds: *Head of the state, agreement on peace and consent, negotiations, commission of national reconciliation, UN Organization, Tajik peace, Council of the social agreement.*

РОЛЬ ГЛАВЫ ГОСУДАРСТВА ЭМОМАЛИ РАХМОНА В ОБЕСПЕЧЕНИИ МИРА И НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА В ТАДЖИКИСТАНЕ

Худоберди Холикназаров , *к.и.н.*
первый заместитель Председателя Центра стратегических исследований
при Президенте Республики Таджикистан

В статье отмечается роль главы государства Эмомали Рахмона в обеспечении мира и национального единства на трудном пути достижения национального согласия в Таджикистане начиная с XVI-й сессии Верховного Совета с проведением детального анализа реальных фактов и примеров. Приводится изложение тем и географии переговорного процесса с указанием беспримерного влияния Эмомали Рахмона на ход межтаджикских переговоров, описанная непосредственным участником этих процессов.

Ключевые слова: *глава государства, договор о мире и согласии, переговоры, коммиссия национального примирения, Организация Объединненых Наций, таджикский мир, совет общественного согласия.*

УДК 39 (4/9)+94(575.3)

ПРЕЗИДЕНТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН – ПОЯГУЗОРИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА ЭҲЁИ ТОҶИКИСТОН

Атахон Сайфуллоев, *д. и. ф., проф.*
муовини аввали раиси Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дар вилояти Суғд

Дар мақолаи мазкур нақш, ҷойгоҳ ва мақоми Президент Эмомалӣ Раҳмон чун поягузори ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Пайдоиш ва густариши ғояи ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон ба се марҳилаи асосӣ тақсимбандӣ шуда, дар алоқамандӣ ва дар иртибот бо фаъолияти сиёсиву иҷтимоии Президенти кишвар таҳлил шудааст.

Калимаҳои калидӣ: *Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, интихоботи умумихалқӣ, Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истиқлолияти озуқавории Тоҷикистон, нерӯҳои солим.*

Дар таърихи тараққиёти ҳар мамлакат даврахои тақдирсоз ва гардишҳои ҳалкунандае рух медиҳанд, ки дар роҳи навсозиҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии он, инқилоби тафаккур, худогоҳии миллӣ ва рушду камоли миллат аҳамияти фавқулодда бузург касб мекунанд. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ноябри 1992 с.) мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба сари қудрат овард, дар се интихоботи умумихалқӣ - солҳои 1994, 1999 ва 2006 аҳолии Тоҷикистон ӯро Президенти Ҷумҳурӣ интихоб кард,ки ҳамаи ин воқеаҳо тақдирсоз буданд.

Пайдоиш ва густариши ғояи вахдати миллӣ дар Тоҷикистон, ки се марҳилаи асосиро дар бар мегирад, аз фаъолияти ин марди абаркудрат ҷудо нест.

Марҳилаи якум. Пайдоиш ва ташаккули ғояи ваҳдати миллӣ (солҳои 1992-1994);

Марҳилаи дуюм. Ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳҳои амалии ваҳдати миллӣ (солҳои 1994-1997);

Марҳилаи сеюм. Ваҳдати миллӣ ҳамчун муҳимтарин омили ободонӣ ва навсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз соли 1998 то ба имрӯз);

Дар давраи шӯравӣ мегуфтанд, ки шахсият дар дигаргунсозиҳои куллии мамлакат нақши муҳим намебозад, вале мо дар давоми бист соли ҳастии Тоҷикистони навин шоҳиди барҳақ гардидем, ки Эмомалӣ Раҳмон чун роҳбар ва сиёсатмадори типи нав дар равандҳои таърихии тақдири мамлакат нақш ва

мақоми ҳалкунандаро ба иҷро расонд. Дар вазъияте, ки аз беҳунарии ҳукумати мусолиҳаи миллӣ истифода карда, марказ ва ҷануби Тоҷикистонро гурӯҳҳои зидди ҳамдигари ҷангиёни мусаллаҳ фаро гирифта буданд ва ҳукумати фалаҷгардида дар вартаи ҳалокат қарор дошт, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ватани мо сулҳ овард, ба ташнакомони зиндагӣ оби ҳаёт ҳадя кард. То ки мамлакат аз асорати нобудӣ наҷот ёбад, хавфу хатари барҳам хӯрдани Тоҷикистон аз байн биравад, оташи ҷанги бародаркуш хомӯш гардад, тоҷикони мусофиру парешони иҷборӣ ба кишвари худ баргарданд ва соҳибватан бишаванд, ба Эмомалӣ Раҳмон як ҷаҳон ақлу заковат, ҳиммату хирад, ҷасорату диловарӣ лозим омад, ки ҳамаи ин вазифаҳои сангинро сарбаландона ба иҷро расонад.

Мухолифини муттаҳидаи тоҷик, ки мақсади ниҳоии эшон омадан ба сари ҳокимият буд, дар ин ҷода муқобилати шадид нишон доданд, ҳатто нерӯҳои мусаллаҳ ташкил намуда, ба муқобили халқ ва ҳукумати қонунии Тоҷикистон мубориза бурданд. Онҳо бо кӯмаки хӯҷаинҳои худ дар хорича паноҳ бурда ба фаъолияти давлати соҳибистиқлоли тозабунёди Тоҷикистон пайваста халал медоданд. Дар ҳамин гуна вазъияти муташанниҷ Эмомалӣ Раҳмон тамоми нерӯҳои солими мамлакатро муттаҳид намуда роҳҳои мусолиҳаи миллиро ҷустуҷӯ мекард. Бо супориш ва иштироки бевоситаи Эмомалӣ Раҳмон комиссияи ҳукуматии Тоҷикистон бо Мухолифини муттаҳидаи тоҷик аз 5-уми апрели соли 1994 то 27-уми июни соли 1997 дар Маскав, Теҳрон, Исломобод, Кобул, Ашқобод, Машҳад, Бишкек ва ғ. 22 маротиба гуфтушунид карданд ва дар ҷараёни ин мулоқотҳо тадриҷан масъалаҳои ҳаётан муҳими миллат ва давлати Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва ҳаллу фасл қарор меёфтанд, қарорҳо ва протоколҳои тақдирсоз қабул мешуданд. Шахсан худи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари мухолифини муттаҳидаи тоҷик Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар сатҳи олӣ шаш маротиба дар бораи оштии миллӣ мулоқотҳои судманд ба ҷо оварданд.

Давраи хотимавии мулоқот, яъне вохӯрии шашум дар сатҳи олӣ аз 24-ум то 27 -уми июни соли 1997 дар шаҳри Маскав ба вуқӯъ пайваст. Дастоварди бузурги ин мулоқот «Созишномаи умумӣ дар хусуси барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ба шумор меравад.

Ба ҷуз тадбирҳое, ки дар роҳи ба даст овардани оштии миллӣ ва сулҳи кулл андешида шуданд, боз изҳороти Эмомалӣ Раҳмон ва Сайид Абдуллоҳи Нуриро аз 17-19 майи соли 1995 дар Кобул, мулоқоти ғоибонаи онҳоро моҳи августи соли 1995 дар Душанбе ва Кобул тазаккур бояд дод. Дар таърихи сулҳи байни тоҷикон инчунин изҳороти муштараки Эмомалӣ Раҳмон ва Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар шимоли Афғонистон 18-уми декабри соли 1996, Созишномаи Эмомалӣ Раҳмон ва Сайид Абдуллоҳи Нурӣ зимни вохӯриашон дар Маскав 23 декабри соли 1996 аҳмияти калон касб кардаанд. Дар ҳамаи ин мулоқотҳо

ташаббускори аввалин Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон буд. Маҳз ташаббус ва ҷасорати раҳбарии Эмомалӣ Раҳмон буд, ки бо мақсади расидан ба ваҳдати миллӣ, сулҳи кулл ва таъмини ҳаёти осоиштаи халқи тоҷик бо қарори иҷлосияи махсуси Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11-12 марти соли 1996 ба ихтиёри намояндагони мухолифини муттаҳидаи тоҷик 30 % роҳбарӣ ба идора ва муассисаҳои гуногуни давлатии Тоҷикистон дода шуд.

Як ҳафта муқаддам аз рӯзи ба имзо расидани ҳуҷҷати умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон 20-уми июни соли 1997 дар толори Маркази тадқиқоти стратегӣ ҷаласаи кумитаи тадорукоти Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон баргузор гардид ва 18 июли соли 1997 дар Театри опера ва балети С.Айнӣ Маҷлиси муассисони Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон баргузор шуд, ки дар он шашсад нафар вакилон аз тамоми ҷумҳурӣ иштирок доштанд. Онҳо дар ин ҷаласа Эмомалӣ Раҳмонро якдилона раиси Шӯрои Марказии Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон интихоб карданд. Баъд аз муноқишаҳои сершумори байни тоҷикон ба имзо расидани ҳуҷҷати таърихии истиқрори сулҳ ва оштии миллӣ, ба ин вазифаи ҷамъиятӣ сарвар интихоб шудани Президент Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи мамлакат давраи навро оғоз кард. Ин давра давраи бунёдкорӣ, созандагӣ, барҳам хӯрдани бӯҳрони иқтисодӣ ва вижагиҳои тоза пайдо кардани иқтисодиёти мамлакат - ислоҳотҳои иқтисодӣ ва рушду камоли маънавии миллат ба шумор меояд.

Ҳар як нақшаву тадбири Президент Эмомалӣ Раҳмон- хоҳ сиёсиву иқтисодӣ, хоҳ маънавӣ, боиси пойдор гардидани ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон мегарданд. Намунаи дурахшони ин тадбирҳо навсозиҳои роҳҳои кишвар мебошанд, ки ҳамчун «Шоҳроҳи ваҳдат» ном баровардаанд. Ин шоҳроҳ тамоми манотиқи мамлакатро ба ҳам мепайвандад ва то сарҳади Ҷумҳурии халқии Хитой рафта мерасад. Шоҳроҳи мазкур аҳмияти бузурги сиёсӣ ва иқтисодӣ касб мекунад. Вай роҳи моро ба хориҷа мекушояд, барои ободии мамлакат хизмат мекунад ва мардумони шаҳру навоҳии гуногуни Тоҷикистонро ба ҳамдигар ҷавитар мепайвандад.

Сохтмонҳои бузурги Тоҷикистон бо кӯмаки Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии мардумии Хитой ва Федератсияи Русия давом доранд, ки онҳо муносибатҳои байналмилалии Тоҷикистонро бо мамлакатҳои мазкур мустаҳкам менамоянд.

Яке аз масъалаҳои муҳими истеҳкоми ваҳдати миллӣ ва рушду камоли маънавии Тоҷикистон истифода аз мероси бузурги ниёгон дар тараққиёти Тоҷикистони навин маҳсуб мешавад. Мероси динӣ, илмӣ ва адабии аҷдодони кабири халқи тоҷик ва оқилона истифода кардани он дар ҳаёти ҷомеа, бешубҳа, боиси мустаҳкам гардидани ваҳдати миллӣ хоҳад буд. Дар асарҳои мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Аз Ориён то Сомониён», «Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни

ориёӣ», маърӯза ва мақолаҳои эшон дар бораи 1100-солагии Давлати Сомониён, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Камоли Хуҷандӣ, Мирсаид Алии Ҳамадонӣ, фарзанди фарзонаи халқи тоҷик Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит , ки бо унвони Имоми Аъзам машҳур аст, муносибати сарвари давлат ба мероси маънавии миллат ва истифодаи он дар навсозиҳои Тоҷикистон хеле равшан зуҳур мекунад.

Яке аз василаҳои хеле муҳими истеҳком ва густариши ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон мулоқотҳои анъанавии Президент Эмомалӣ Раҳмон бо аҳли зиё - олимон, шоирон, нависандагон, омӯзгорон, рӯзноманигорон, ҳунармандон, ходимони тиб ва амсоли инҳо мебошанд. Ҷаноби Олӣ ҳатто яке аз суханрониҳои худро дар вохӯрӣ бо зиёиёни мамлакат (19 марти соли 1997) «Ваҳдати миллӣ маромі мост» номидааст. То имрӯз 15 мулоқоти пурмӯҳтавои Эмомалӣ Раҳмон бо зиёиён баргузор гардид Навтарин вохӯрии Ҷаноби Олӣ бо эҷодкорони мамлакат дар арафаи ҷашни Наврӯз - 20 марти соли равон дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон (2012) баргузор шуд, ки низ моломол аз ғояи ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон ба шумор меояд.

Дар ягон мамлакати мутамаддини дунё сарвари давлат ҳар сол дар арафаи иди Наврӯз бо шоирон, нависандагон, рӯзноманигорон санъаткорон ва олимони худ вохӯрда чунин гуфтугӯи самимона ва гарму ҷӯшон барпо намекунад. Ин мулоқотҳо, ки ба ҳукми анъанаи наҷиб даромаданд, рӯшантарин нишонаи ваҳдати сарвари давлат ва ҳукумати Тоҷикистон бо зиёиёни эҷодкор ба шумор меоянд, моҳиятан сиёсати фарҳангии Президенти кишвар маҳсуб мешаванд.

Ваҳдати миллӣ мафкураи асосии давлат аст. Мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон зарурати истеҳкоми онро мушаххас ба миён мегузоранд. Ҳаллу фасли се масъалаи ҳаётан муҳими давлат ва ҷамъият – аз бумбасти коммуникатсионӣ раҳониданидани мамлакат, таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истиқлолияти озуқаворії Тоҷикистон бидуни густариши ваҳдати миллӣ имконнопазир аст. Аз ҷониби дигар, бомуваффақият ҳал намудани масоили номбурда боиси пойдории ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон мегарданд.

Маҳз ба шарофати талошу муборизаҳои мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистон шароити осоишта фаро расид, маҳз дар натиҷаи ягонагии сарвари давлат ва ҷамъият сулҳи пойдор барқарор гардид, маҳз ба туфайли ҳаракатҳои пайвастаи халқ ва роҳбари хирадманди он Тоҷикистон ватани сулҳ ва кишвари соҳибихтиёри демократӣ гардид. Маҳз аз ҳамин сабаб бисёр мамлакатҳои дунё таҷрибаи сулҳи Тоҷикистонро меомӯзанд. Ин аст, ки Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон поягузори ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон мебошанд.

PRESIDENT EMOMALI RAHMON – FOUNDER OF THE NATIONAL UNITY AND REVIVAL OF TAJIKISTAN

Atakhon Sayfulloev, *doctor of philosophy, professor*
The first deputy of the Chairman of the Social movement of National Unity
and revival of Tajikistan in Sughd province

In the given article is described the role, place and the contribution of the President of Tajikistan Emomali Rahmon as a founder of national unity and revival of Tajikistan. The occurrence and development of national unity in Tajikistan divided into three stages, which are analyzed in the view of relations with the social-political activity of the President of Tajikistan.

Key worlds: *XVI Session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan, national Unity and revival of Tajikistan, maintenance of energetic and food independence, health forces of the society.*

ПРЕЗИДЕНТ ЭМОМАЛИ РАХМОН – ОСНОВОПОЛОЖНИК НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА И ВОЗРОЖДЕНИЯ ТАДЖИКИСТАНА

Атахон Сайфуллаев, *д.ф.н., проф.*
первый заместитель председателя Общественного движения национального единства
и возрождения Таджикистана в Согдийской области

В настоящей статье описывается роль, место и вклад Президента РТ Эмомали Рахмона, как основоположника национального единства и возрождения Таджикистана. Появление и развитие идеи национального единства в Таджикистане разделено на три этапа, которые проанализированы с учетом связи с социально-политической деятельностью Президента страны.

Ключевые слова: *XVI Сессия Верховного Совета Республики Таджикистан, национальное единство и возрождение Таджикистана, межнациональные выборы, общественное движение национального единства и возрождения Таджикистана, обеспечение энергетической и продовольственной независимости, здоровые силы общества.*

УДК 341.1/.8+327(575.3)

САБАБҲОИ НИЗОИ БАЙНИ ТОҶИКОН ВА ТАЪМИНИ СУЛҲУ ВАҲДАТ ДАР КИШВАР

Кароматулло Олимов, *д.и.ф.,*
узви вобастаи Академияи илмҳои ҶТ,
узви собиқ Комиссияи оштии миллӣ

Дар ин мақола сабабу омилҳои ихтилофи байни тоҷикон аз нигоҳи илмӣ ва аз диди имрӯза таҳлилу арзёбӣ шудааст. Аз ҷумла даҳ сабаби низои байни тоҷикон зикр гардидааст. Ҳамчунин нақшу аҳамияти имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти ҷомеа чун сарогози гардиши куллӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавии халқи тоҷик, баррасӣ шудааст ва бар зарурати ҳифзу таҳкими пояҳои сулҳ ва дастовардҳои ваҳдати миллӣ таъкид гардидааст.

***Калимаҳои калидӣ**: низои байни тоҷикон, сулҳу ваҳдати миллӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, экстремизми сиёсӣ, маҳалгароии ифротӣ, унсурҳои ҷинояткор, фоҷиаи миллӣ.*

Пешрафту муваффақиятҳои ҳар оила, ҳар қавм, ҳар халқ, ҳар миллат ва ҳар давлат ба муттаҳидӣ ва ягонагии он сахт марбут аст. Ин як ҳақиқатест инкорнопазир. Вале дар марҳалаҳои гуногуни зиндагӣ бинобар сабабҳо ва омилҳои айнӣ ва зеҳнӣ унсурҳои таъминкунандаи ваҳдат халалдор шуда, боиси парокандагӣ ва ҳатто нобудии қавмҳо, миллатҳо ва давлатҳо мешаванд.

Ба миллати тоҷик хатари парокандагию нобудӣ борҳо таҳдид карда, давлатҳои эҷодкардааш ба завол рӯ ба рӯ шуда, вале дар тӯли бештар аз ҳазор сол худро аз маҳвшавӣ наҷот дода, то ба боргоҳи истиқлолияти миллию давлатӣ расид. Барои қадру қимати сулҳ ва ваҳдати миллиро бештар дарк кардан баъзе омилҳои сар задани ҷангро донистан ва ба таври холисона онҳоро муайян кардан зарур аст.

Сабабҳои ҷанги шаҳрвандиро дар Тоҷикистон метавон дар омилҳои зайл дид:

1. Сиёсати нодурусти роҳбарони Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ ва дар солҳои ҳаштодуми асри гузашта дур шудани онҳо аз ҳифзи манфиатҳои умумидавлатӣ ва ба самти нодуруст равона кардани ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар саросари Иттиҳоди Шӯравӣ. Ба ақидаи баъзе таҳлилгарон ин натиҷаи хиёнати мислаш дар ҷаҳон диданашудае буд, ки Михаил Горбачёв ба халқу давлати худ карда буд.

2. Омода набудани роҳбарони онвақтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шароити нави таърихӣ ва надоштани иродаи мустаҳкам ва ҷасорати идоракунии давлати соҳибистиқлол.
3. Популизми сиёсии як гурӯҳи афрод, ҳизбҳо ва ҳаракатҳои навтаъсиси охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-ум ва ба дастнигарии қувваҳои беруна қарор гирифтани иддае аз онҳо.
4. Ба экстремизми сиёсӣ табдил ёфтани ҳаракати динӣ дар кишвар ва аз лиҳози сиёсӣ бетаҷриба будани роҳбарони он.
5. Маҳалгароии ифротии таассубомез бар зидди роҳбарони Тоҷикистон.
6. Аз вазъияти ноустувор сӯистифода кардани қувваҳое, ки душмани давлатдории халқи тоҷик ва истиқлолияти давлатии ӯ будаанд.
7. Вазъи нооромии Афғонистон ва таъсири он дар раванди ҳодисаҳои солҳои навадуми асри гузашта.
8. Нақши манфии баъзе аз воситаҳои ахбори омма ва ташаккули нодурусти афкори умум, ки яке аз омилҳои нооромкунандаи ҷомеа шуданд.
9. Бетарафии сарварони Вазорати корҳои дохилӣ ва гвардияи президентӣ дар оғози муноқишаҳо ва хиёнати ошкорои онҳо дар вазъияти пурмасъулияти таърихи Ватан ва миллат ва хилофи Конституцсия ва манфиатҳои умумимиллӣ амал кардани онҳо.
10. Фаъол шудани унсурҳои ҷиноятқор ва ҳавасмандии онҳо ба ғорати амволи давлатӣ ва шахсии мардум бо роҳи даҳшатафканӣ ва қатлу куштор.

Албатта, ҳар давлату ҷомеа ба душворию бӯҳрон дучор мешавад ва бо роҳҳои гуногун ин мушкилҳоро ҳаллу фасл мекунад. Дар кишварҳои аврупоӣ низ ҷангҳои дохилӣ ва дар кишварҳои шарқӣ низ задухӯрдҳою кашокашҳои ба хунрезиҳо оваранда кам набуданд.

Вале дар Тоҷикистон доман густурдани фоҷиаи миллӣ, ки аксарияти мутлақи қурбоншудагон тоҷикон буданд, гӯё барои аз байн бурдани ин миллати қадимтарин ва соҳибфарҳанги Осиёи Марказӣ тарҳрезӣ шуда буд. Заминаи беобрӯ кардани роҳбарони ҳизбию давлатии ҷумҳуриро соли 1988 ҳангоми ба Душанбе омада бо зиёиёни мулоқот баргузор кардан котиби КМ ҲКИШ оид ба идеология А. Яковлев гузошта буд. Маҷлис чунин тарҳрезӣ шуда буд, ки дар афкори умум гӯё зимоми кор на дар дасти роҳбарони ҳизбии ҷумҳурӣ, балки дар дасти чанд нафар суханронони мухолифақида бошад. Зеро дар он маҷлис аз котибони КМ ҲКТ касе барои радди ақидаи мунаққидони ҳизб сухан нагуфт. Баъдан мушкилиҳо бештар ва асосҳои давлати сотсиалистӣ дар Тоҷикистон заифтар шудан гирифт. Оқибат муборизa барои ҳокимият ба хунрезӣ ва фоҷиа анҷомид.

Натиҷаи ин мансабталошиҳо ва фаъолияти ғайриконституцсионӣ чунин шуд, ки Бедил гуфта буд:

Халқе ба коргоҳи ҷасад арза доду рафт

Мову мане, ки дуди чароғи мазор буд.

Масъулияти ҳифзи манфиатҳои олии миллӣ Сарвари нави давлатро ба интихоби тарзу усули корҳои ғайримуқаррарӣ ва ҷасурона водор кард. Эмомалӣ Раҳмон вазифаҳои аввалиндараҷаро муайян карда, барои ҳалли он кӯшиши беандоза ба харҷ дод. Роҳбарияти мухолифин, пеш аз ҳама марҳум Саид Абдуллоҳи Нурӣ низ вазифаи таърихии худро ба хубӣ эҳсос кард.

Аввалан, бояд дар саросари кишвар оташбас эълон шуда, аз муқовимати мусаллаҳона даст кашида ба гуфтушуниди натиҷабахш оғоз карда мешуд. Дуюм, гурезагон ва муҳоҷирони иҷбӣ ба Ватан ва ҷои зисти доимиашон баргардонда мешуданд.

Ҳамзамон барои ҷорӣ шудани қонуният, таъмини мардум бо маводи озуқаворӣ чораҳои таъҷилӣ андешида шуда, бояд таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба проблемаи Тоҷикистон ҷалб мегардид. Аммо ин корҳо содаву осон набуданд.

Бояд гуфт, ки ба ҳам омадани мавқеъҳо аз соли 1993 то соли 1997 марҳалаи ниҳоят душвор буд. Зеро барои ба вуҷуд омадани боварӣ корҳои зиёде сурат мегирифт. Созмонҳои байналмилалӣ низ гӯё мавзӯъро бо тамоми ҷузъиёт дарк наменамуданд.

Дар ин шароит иқдоми муҳимтарин аз ҳарду ҷониби дар ихтилофбуда бояд сурат мегирифт ва боварии тарафайн ва замонати иҷрои ӯҳдадориҳое, ки қабул мешуданд, ба вуҷуд меомад.

Дар чунин давра ба сари кор омадани Эмомалӣ Раҳмон ва дорои хислатҳои зарури роҳбарӣ будани ӯ, ба мисли ҷасорат, ватандӯстӣ, масъулияти баланди вазифашиносӣ ва садоқат ба ваҳдати миллӣ барои тезтар ҳал шудани проблемаҳои сулҳи Тоҷикистон нақши муҳим бозид.

Сарвари навинтихобшудаи давлат барои мулоқот ва бевосита гуфтугӯ кардан бо роҳбарони иттиҳоди мухолифин ҳар гуна имконияти мувофиқро истифода менамуд. Ба хотири ваҳдати миллӣ аз ҳаргуна таҳдиди хатарҳо сарфи назар намуда, мебоист бо далелу бурҳони қавӣ зарурати қатъи ҷанг ва ба ватан баргардондани фирориёнро исбот мекард. Ҳамзамон барои ба шароити нави таърихӣ, моликияти мухталиф ва гуногунақидатӣ, ки унсурҳои муҳими демократия мебошанд, заминаи қонунӣ муҳайё мегашт.

Дар соли 1994 ба таври раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудани Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба вуҷуд омадани низоми нави иҷтимоӣ ва ворид шудан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ заминаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсиро

фароҳам овард. Барои қотеъона ҳал кардани масъалаҳои муҳимтарини сиёсию иҷтимоӣ тарзи идораи президентӣ мусоидат намуд.

27 июни 1997 марҳалаи дар ҳақиқат таърихӣ буд. Зеро имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ аз як тараф ҷамъбасти гуфтушунидҳои зиёд ва душвори чандсолаи тоҷикон ва аз тарафи дигар оғози марҳалаи боз ҳам душвортар буд. Акнун мебоист ҳуҷҷатҳои сарнавиштсози ба имзо расида амалӣ мешуданд. Ваҳдати сухан ва амал исбот мешуд.

Имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти ҷомеа оғози гардиши куллӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавии халқи тоҷик гардид.

Ин сулҳ боварии даҳҳо ҳазор ҳамватанони бегуноҳ, занону кӯдакон, пиронсолону ҷавонон, ки маҷбуран тарки Ватан карда буданд, ба зиндагӣ эҳё намуд. Сулҳи ба даст омада натиҷаи заҳматҳои зиёди сулҳофаринии миллати тоҷик ва иродаи неки ҳар ду ҷониб буд. Хидмати Президентро махсусан бояд зикр кард, ки агар ӯ ҷасорат нишон дода, аз хатар наҳаросида, ба Афғонистон ҷиҳати мулоқот бо сарварони ИНОТ сафар намекард, ин сулҳ метавонист хеле дер ба даст ояд ва ё амалӣ нагардад. Ё худ дар ҳолати ниҳоят вазнини сиёсию низомӣ барои вохӯрӣ бо дастаҳои силоҳбадаст ба ВМКБ рафта, на танҳо аз хатари террор натарсид, балки силоҳбадастонро бовар кунонд, ки ба ғайр аз сулҳ ва таъмини амнияти чораи дигар ва вазифаи ватанпарастонаи олитар вуҷуд надорад.

Кишварҳои дӯст ва кафили сулҳ, созмонҳои байналмилалии бонуфуз, бахусус СММ ва САҲА барои истиқрори сулҳ кори хеле муҳимро анҷом доданд. Шахсиятҳои шинохта ва ватанпарасти кишвар низ, ки дар раванди гуфтушуниди ҷонибҳо иштирок карда, мавқеъҳоро баҳам наздик карданд, хидмати арзишманд намуданд.

Баъд аз имзои Созишномаи умумии сулҳ мақоми татбиққунандаи он Комиссияи оштии миллӣ (КОМ) вазифаи пурмасъулият ва таърихиро иҷро кард.

Барои иҷрои протоколҳои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ монеаҳои айнӣ ва зеҳнӣ батадриҷ рафъ карда мешуданд. Монеаи айнӣ қабл аз ҳама вазъи иқтисодӣ маҳсуб мешуд. Махсусан, ҳалли масъалаи манзили ба Ватан баргаштагон, ки хонаҳояшон сӯхта ва ё ғайриқонунӣ ғасб шуда буданд, хеле душвор буд. Ҳалли проблемаҳои низомӣ низ бағоят вазнин буд. Ҳамчунин таъмини мардум бо озуқаворӣ дар он шароит кори осон набуд. Бо вуҷуди ин, ҳукумат бо дастгирии созмонҳои байналмилалӣ барои обод кардани хонаҳои вайроншуда, бо маводи хӯрока таъмин кардани шаҳрвандони бозгашта, тамоми чораҳоро медид, то ки ҳарчи зудтар ин мушкил бартараф гардад. Ҳамчунин баррасӣ ва ҳаллу фасли масъалаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ аз масъалаҳои дараҷаи аввали кори КОМ ба ҳисоб мерафт. Ворид намудани тағйирот дар

Конституцсия ва қонунҳо, ба вазифаҳои давлатӣ пешбарӣ кардани намояндагони ИНОТ, иҷозат ба фаъолияти ҳизбҳо ва ҳаракатҳои манъшуда, татбиқи қонуни авф ва ғайра кори дар воқеъ мураккаб буданд, ки хушбахтона, бо муваффақият иҷро шуданд.

Як масъалаи мавриди баҳси дигар, ки дар КОМ ва матбуоти он солҳо бо эҳсос муҳокима мешуд, хусусияти дунявӣ ва динии давлат буд. Аслан ин баҳс таърихи тулонӣ дошта, то имрӯз ба ин ё он муносибате идома дорад. Вале баҳсҳои ҷонибдорони ин ё он тарафи масъала ба хулосаи воҳид расиданд, ки моддаи 100-и Конституцсияи ҶТ оид ба хусусияти дунявии давлат бинобар тағйирнопазир будани моҳияти он боқӣ монад.

Баъзе қувваҳо ақида доштанд, ки сулҳи Тоҷикистон устувор буда наметавонад ва хостанд, ки ҷанги навро дар Тоҷикистон созмон диҳанд. Вале ҳамкории қувваҳои ИНОТ бо қувваҳои ҳукуматӣ ҳангоми ба вилояти Суғд ворид шудани дастаҳои мусаллаҳи Худойбердиев мустаҳкам будани асосҳои сиёсии давлат ва дар лаҳзаҳои душвор ва хатар ба манфиатҳои умумиллӣ садоқати ҳар ду ҷонибро ба вахдати миллӣ исбот кард.

Дар муддати понздаҳ сол, ки аз имзои Созишномаи сулҳ ва ризоияти миллӣ мегузарад, вахдати миллӣ дар кишвари мо решаи мустаҳкам давонд ва боровар гардид. Вале ҳифзи ҳамешагии он зарур аст. Омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва ахлоқии таҳкимбахши онро пайваста дар назар гирифтан, кадрҳои соҳаҳои гуногун, махсусан ҷавононро дар рӯҳияи покии ахлоқ ва дарки манфиатҳои умумимиллӣ тарбия намудан, аз зарарҳои ифротгарой, маҳалгарой, мансабпарастӣ бохабар кардан вазифаи муқаддаси ватандории тамоми ҷомеа, махсусан роҳбарони сатҳҳои гуногун маҳсуб мешавад.

Имрӯз Тоҷикистони азизи мо ба муваффақиятҳои назарраси сиёсӣ,иқтисодӣ, иҷтимой ва фарҳангӣ ноил шудааст, дар ҷаҳони муосир ҷойгоҳи худро пайдо кардааст. Пояҳои истиқлолияти давлатии мо сол то сол қавитар мегардад. Амнияту оромӣ, ки маҳз маҳсули сулҳу ризоияти миллӣ мебошанд, имкониятҳои ободию осудагии кишвари ҷаннатсифати моро бештар фароҳам овардаанд.

THE REASONS OF CONFLICT BETWEEN TAJIKS AND MAINTENANCE PEACE AND UNITY IN THE COUNTRY

Karomatullo Olimov, *doctor of philosophy***,**
academician of the Academy of sciences of Tajikistan, former member of the Commission of National reconciliation

The article analyzes the reasons and factors inter Tajik conflict in the view of science and modernity. In particular, are emphasized ten threats into the peace of Tajiks. В частности подчеркиваются десять угроз миру таджиков. The contribution and importance of signing the Agreement on peace and consent as a rotary stage in political, social and spiritual life of Tajik people is noticed and is marked the necessity o protection and strengthening peace and achievement of national unity.

***Key worlds**: inter- Tajik conflict, peace and national unity, civil war, political extremism, nationalism, gangsterism, national tragedy.*

ПРИЧИНЫ КОНФЛИКТА МЕЖДУ ТАДЖИКАМИ И ОБЕСПЕЧЕНИЕ МИРА И ЕДИНСТВА В СТРАНЕ

Кароматулло Олимов, *д. ф. н, академик АН РТ,*
бывший член Комиссии национального примирения

В статье анализируются причины и факторы межтаджикского конфликта с точки зрения науки и современности. В частности подчеркиваются десять угроз миру таджиков. Также отмечается вклад и значение подписания Договора о мире и согласии как поворотного этапа в политической, социальной и духовной жизни таджикского народа и подчеркивается необходимость защиты и укреплении мира и достижений национального единства.

***Ключевые слова**: межтаджикский конфликт, мир и национальное единство, гражданская война, политический экстремизм, национализм, бандитизм, национальная трагедия.*

УДК ^а323.1(575.3)

САБАҚҲОИ ОМӮЗАНДАИ СУЛҲИ ТОҶИКОН

Абдунабӣ Сатторзода, *проф*ессор

Муаллифи мақола зикр менамояд, ки натиҷаҳои раванди сулҳ ва сабақҳои он ҳанӯз комилан равшану возеҳ нашудааст ва бар ин ақида аст, ки ихтилофи байни тоҷикон тарҳрезишуда ва таҳмилӣ аз хориҷ будааст. Дар мақола таъкид шудааст, ки бояд ба қадри сулҳу салоҳ, оромию осудагӣ ва ваҳдате, ки дорем, бирасем, онҳоро беш аз ҳар вақти дигар азизу муқаддас бидонем, ҳифз намоем ва ба камол бирасонем. Аз сабақҳо ва дастовардҳои нодири сулҳу ваҳдатамон тамоми қишрҳои ҷомеаро бохабар созем ва онро ба унсури устувори фарҳанги ҷомеамон табдил диҳем.

***Калимаҳои калидӣ**: сабақҳои омӯзандаи сулҳ, муллоҳои демократмаоб, ҷанги таҳмилӣ, манфиатҳои миллӣ, ғаразҳои гурӯҳию мазҳабӣ, мансабталошӣ, молу сарватҷӯӣ, таҷрибаи нодири сулҳи тоҷикон.*

Тоҷикистон дар 21 соли даврони истиқлоли давлатӣ дастовардҳо, бидуни шак, зиёд дорад, **аммо муҳимтарин ва бузургтаринаш ҳамоно дарёфти сулҳу оштӣ мебошад.**

Вале бо камоли таассуф бояд эътироф кард, ки ҳанӯз ҳам ҷомеаи тоҷик пас аз сипарӣ шудани понздаҳ соли ба имзо расидани Сзишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон (27 июни 1997) аз натиҷаҳои раванди сулҳ ва сабақҳои он **ба андозаи лозима маълумоти саҳеҳ ва дуруст надорад.** Ба замми ин дар ин фосилаи замонӣ насле ба воя расид, ки аз асли воқеаҳои солҳои навадуми асри гузашта ва раванди сулҳу оштии миллӣ бехабар аст. Ба ҳамин иллат аст, ки ҳанӯз ҳам дар ҷомеа бо тасаввуроти барғалате рӯбарӯ мешавем, ки гӯиё он солҳо ду гурӯҳи мансабхоҳ: яке – «барқароркунандагони сохти конституцсионӣ» ва дигаре – «муллоҳои демократмаоб», аввал, бо ҳам ҷангиданд ва сониян, оштӣ карданду мансабҳоро байни ҳам тақсим намуданд.

Онҳое, ки дар бораи воқеъаҳои басо мураккаби он солҳои барои кишвар наҳс ва раванди пуршебу фарози сулҳи тоҷикон чунин **тасаввури содалавҳона ва дур аз воқеъият** доранд, бехабар аз онанд, ки дар асл ин муноқишаву низоъ миёни минтақаҳо ва нерӯҳои сиёсӣ ва мардумии Тоҷикистон, агар дуруст ва мунсифона мулоҳиза шавад, **тарҳрезишуда ва таҳмилӣ аз хориҷ** буд. Имрӯз намояндагони он кишварҳое, ки дар «воқеъаҳои Тоҷикистон» мустақиман даст доштанд, мисли Владимир Квачков, раҳбари собиқи бригадаи 15 ГРУ (Сарраёсати иктишофии Русия), Александр Мусиенко, афсари бригадаи мазкур, Сергей Колосов ва Александр Сухолесский, афсарони хадамоти махсуси бригадаи 16 ГРУ ва дигарон ниқобҳои сиёҳро аз рӯй гирифта, дар

китоби хотирот ва мусоҳибаҳои интернетии худ мегӯянду менависанд, ки **«тобистони соли 1992 вақте дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ шурӯъ шуд, бо фармони вазири мудофиаи Ӯзбекистон Рустам Аҳмадов мо барои «барқарор намудани сохти конституцсионӣ» ба Тоҷикистон рафтем».**

Ҳанӯз ҳам на ҳамаи ҳамватанони мо бохабар аз онанд, ки кишварҳои манфиатхоҳи минтақа ва дуру наздик он солҳо **бо сӯистифода аз ноаҳлӣ ва ноиттифоқии мо** дар ҳалли масъалаҳоямон **ба корҳои дохилии кишварамон ба таври ошкоро ва бе ҳеч истиҳола дахолат менамуданд** ва бо дасти худиҳоямон теша ба решаи ваҳдати миллат ва давлату давлатдории миллиамон мезаданд. Ин «дӯстони нонии» мо ҳанӯз ҳам **аз ниятҳои шуми худ даст накашидаанд** ва дар паси дару деворҳои мо гӯш ба қимор истодаанд ва тайёранд, ки бо истифода аз хурдтарин ҳамдигарнофаҳмиҳои мо ба майлу муроди худ истифода намоянд ва чанд боигарии боқимондаамонро низ аз худ намоянд.

Шароити феълӣ аз ҳар як шаҳрванди ватандӯсту миллатпарасти Тоҷикистон бо исрор тақозо мекунад, ки **ба қадри сулҳу салоҳ, оромию осудагӣ ва ваҳдате, ки дорем, бирасем, онҳоро беш аз ҳар вақти дигар азизу муқаддас бидонем, ҳифз намоем ва ба камол бирасонем.** Аз сабақҳо ва дастовардҳои нодири сулҳу ваҳдатамон тамоми қишрҳои ҷомеаро бохабар созем ва онро **ба унсури устувори фарҳанги ҷомеамон табдил диҳем.** Агар мо имрӯз тавонем, ки ин рисолати миллиамонро иҷро намоем, бузургтарин сабаке хоҳад буд, ки аз раванди сулҳу ваҳдатамон бардоштаем.

Тавре ки маълум аст, муқовимати сиёсию низомие, ки 5 майи соли 1992 дар байни нерӯҳои сиёсӣ ва маҳаллии онвақтаи ҷумҳурӣ оғоз гардид, пасон, ба таъбири бисёр дақиқ ва дурусти Президенти мӯҳтарами ҶТ Эмомалӣ Раҳмон, ба **«ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ»** табдил ёфт.

Бо сипарӣ шудани се соли муборизаи шадиди мусаллаҳона, расонидани хисороти ҳангуфти ҷонию молӣ, бе хонаю бе ҷою макон гардидани садҳо ҳазор шаҳрвандони мамалакат тарафҳои даргири тоҷик ва роҳбаронашон ба натиҷае омаданд, ки на танҳо ҳеч яке онҳо на дар танҳоӣ ва на дар ҳамдастӣ бо кишварҳои ҳавохоҳашон ба ғаразҳояшон намерасанд, балки бо идомаи он **хавфи аз миён рафтани давлати тозаистиқлоли тоҷикон ва халалдор шудани тамомияти арзии он бештар мегардад.**

Хиради азалии миллии роҳбарони мӯҳтарами ҳар ду тарафи сулҳи тоҷикон – Ҷаноби олӣ Эмомалӣ Раҳмон ва устод Саид Абдуллоҳи Нурӣ ҳамчун сиёсатмадорони варзида боз дар он зоҳир гашт, ки онҳо тавонистанд аз фурсати ба ҳам муносиб омадани манфиатҳои кишварҳои зидахл моҳирона истифода намоянд. Худо нахоста, агар онҳо ин фурсати муносибро аз даст медоданд, ба даст овардани сулҳу салоҳ дар кишвар ё сахт душвор мегардид ва ё ба вақти номуайян ба таъхир меафтод.

Зарурати дарки **манфиатҳои миллӣ он вақт хушбахтона бар ҳамаи хоставу ғаразҳои гурӯҳию мазҳабӣ, маҳаллию қавмӣ, мансабталошию молу сарватҷӯиҳо бартарӣ ёфта** ва тоҷикон аз зарурати сулҳу оштӣ ва гуфтугӯй сухан оғоз намуданд.

Аз зарурати сулҳу оштӣ ва музокирот сухан оғоз кардани роҳбарони тарафҳои даргир он вақт ҳанӯз маънои онро надошт, ки ҷонибҳо ба пуррагӣ аз он ҳимоят менамуданд. Фазои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқиро дар он солҳо дар Тоҷикистон тарафҳои даргир ва ҳимоятгарони дохилию хориҷиашон чунон сохта буданд, ки касе агар аз сулҳу салоҳ сухан оғоз мекард, ё хоин эълон мешуд ва ё кушта мегардид. Дар майдонҳои гирдиҳамоӣ гӯши шунаво ва дидаи биное намонда буд. Ҳама ташнаи муқовимат ва ҷанги тан ба тан буданд. Ва лоф аз нерӯву лашкари сафдари хеш зада, дар кӯчаву хиёбонҳо намоишкорӣ мекарданд ва ошкоро ба ҳамлаву задухӯрдҳои рӯёрӯй омодагӣ мегирифтанд. Равшан буд, ки дар он рӯзҳо нерӯҳои сулҳхоҳ дар муқобили тарафдорони муқовимат ва задухӯрд хеле заиф буданд.

Дар ҳар ду тараф касоне, ки муқобили сулҳу оштӣ ва музокирот буданд, кам набуданд, чи дар байни низомиён ва чи сиёсиҳо. Танҳо роҳбарони сиёсии тарафҳои дохили қазия пештар аз ҳама чунин заруратро дарк карда буданд ва ба музокирот омода буданд. Он вақт Президенти мӯҳтарами ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари ИНОТ Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ба хулосае омада буданд, ки «тоҷикон худашон бояд ҳамаи масъалаҳои марбут ба Тоҷикистонро аз роҳи муколама ва гузаштҳои дутарафа ҳал намоянд». Агарчи ҳам барои Президенти Тоҷикистон ва ҳам барои роҳбари ИНОТ осон набуд, ки тарафдоронашон, махсусан фармондеҳони низомиашонро розӣ ба музокирот ва сулҳ намоянд. Онҳо барои ин вақти зиёд ва заҳмати зиёд сарф карданд. Онҳо барои он ки мақомоти давлатӣ ва мухолифонро ба музокирот ва сулҳу оштӣ розӣ намоянд ва онҳоро ба натиҷаҳои мусбати он бавар кунонанд, ҳар як дар замина корҳои зиёдеро анҷом доданд.Аз ҷумла, бо доираҳои мухталиф, гурӯҳҳои ҷудогонаи давлатӣ ва мухолифон маслиҳату машваратҳо оростанд. Барои мисол, тарафи ИНОТ пас аз чандин маслиҳату машварат дар шаҳрҳои ҷудогонаи Афғонистону Покистон ва бори охир пеш аз оғози Музокироти расмӣ дар пойтахти Эрон пас аз вохӯрӣ бо ҷонишини аввали вазири корҳои хориҷии Русия А. Адамишин дар таърихи 6 декабри 1993 рӯзи дигар бо ҳам нишаста, ба таври расмӣ ба ифоқа расиданд ва санади таърихии «Пешниҳодҳо барои ҳалли мусолиматомези низои ҳарбию сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (7 декабри 1993)-ро қабул ва интишор намуданд, ки заминаи ақидатӣ барои музокироти онҳо бо ҷониби Ҳукумат гардид. Тарафи Ҳукумат низ дар навбати худ агарчи аз рӯзи аввали барқарорӣ нияти оғози гуфтушунид бо мухолифони худро доштааст, тасмими ниҳоии иштирок дар Музокироти ояндаро танҳо дар моҳи марти соли 1994 гирифта буд.

Агар Президенти мӯҳтарами ҶТ Эмомоалӣ Раҳмон ва раҳбари ИНОТ устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ раванди сулҳро сарварӣ намекарданд ва аз давре ба давре ва аз марҳилае ба марҳилае аз худ ҷасорат ва масъулият нишон намедоданд, гумон буд, ки Музокироти байни тоҷикон дар муддати нисбатан кӯтоҳ ба самар мерасид ва сулҳу оштӣ дар кишвари мо барқарор мегардид.

Ман борҳо шоҳиди он будам, ки Музокирот ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ба бунбасте медаромад ва ҳайатҳои музокиракунанда ва аъзои КОМ гумон мекарданд, ки муқовимату мухолифат аз сар гирифта мешавад. Вале хушбахтона, ки ин ду роҳбар саривақт ҳозиру нозир мешуданд ва душвортарин мушкилотро бо як нишаст ҳаллу фасл намуда, тамоми масъулиятро бар дӯши худ мегирифтанд.

Ҳалли саҳмияи 30%, имзои Протоколи сиёсӣ, иҷозаи ҳизбҳои сиёсии бар асоси динӣ ва ғайра масъулияти сангине буд, ки гумон аст, ки ба ҷуз шахсияти миллии фавқулодае мононди Эмомалӣ Раҳмон каси дигаре онро ба зима мегирифт. То ин ки ҷиддӣ будани ин қазия бароятон то андозае равшан шавад, лаҳзае тасаввур намоед, ки агар сулҳи тоҷикон барор намегирифт, чи тӯҳмату маломатҳо ба сари ӯ мерехт ва чи гунаҳҳои сағираю кабирае ба ӯ нисбат дода мешуд. Вақте ки раванди сулҳ барор гирифт, касони зиёде хостанд, ки худро ба он шарик гардонанд. Вале он вақт на ҳама аз Президент ва тасмими гирифтааш ҷонибдорӣ мекарданд.

Далели он ки тарафҳои даргири қазияи Тоҷикистонро маҳз дарки зарурати ҳифзи манфиатҳои миллӣ ба сулҳу оштӣ ва Музокирот водор сохта буд, ин аст, ки дар муҳимтарин санадҳое, ки дар ҷараёни Музокироти сулҳи тоҷикон ба имзо расида буданд, як нукта гаштаю баргашта таъкид ёфтааст, ки тарафҳо «барои таъмини риояи манфиатҳои олии халқ ва давлати тоҷик азми қатъӣ дошта», «бо дарки хатари ҳалокатбори муқовимати низомию сиёсӣ ва масъулияти бузурги худ барои ояндаи халқ ва давлати тоҷик... ба созиш расиданд». «Мо, - гуфта буданд Президенти мӯҳтарами ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари ИНОТ шодравон Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар Изҳороти муштараки хеш дар Кобул рӯзи 19 марти соли 1995, - манфиатҳои олии мардуми тоҷик ва мамлакати азияткашидаамонро ба инобат гирифа, ба хотири ноилшавӣ ба сулҳу ризоият дар Тоҷикистон, муҳайё сохтани шароити мусоид барои ободонию шукуфоии ҳақиқии Ватан... мулоқот доир сохтем».

Рамзист, ки нахустин санаде, ки тарафҳои тоҷикон дар Музкироти сулҳ ба имзо расонданд, Изҳороти якҷояи иштироккунанадагони Музокироти байни тоҷикон «Дар бораи масъалаи ҳифзи маъмунгоҳи «Бешаи палангон» дар таърихи 19 апрели 1994 буд. Ҳанӯз он вақт муқовимати сиёсию низомӣ дар авҷ буда, то сулҳу оштӣ се солу ду моҳи дигар буд. Ин худ шоҳиди равшани он аст, ки миллати тоҷик табиатан ва таърихан ободгар аст, на вайронгар. Он вақт тарафҳои тоҷикӣ ҳанӯз намедонистанд, ки кай сулҳу оштӣ ба даст меояд, аммо

ғами онро мехӯрданд, ки як гӯшаи ободу зебои диёрашон хароб нагардад. Ингуна масъулиятро танҳо касоне дарк мекунанд, ки дар баробари ватани худ, халқи худ масъулият доранд.

Манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафа ва рафти Музокироти сулҳи тоҷикон, пеш аз ҳама, аз ҳифзи якпорчагии Тоҷикистон, тамомияти арзӣ ва давлатдории тоҷикон иборат буд. Зеро дар он вақт, дарвоқеъ, хатари ҷиддии аз байн рафтани давлати тозаистиқлол ва тозабунёди Тоҷикистон, халалдоршавии тамомияти арзии он, ба минтақаву маҳалҳои ҷудогона қисмат шудани он таҳдид мекард. Гап-гапи ташкили Ҷумҳурии Бадахшон, кӯшиши танзими Қонуни асосии Бадахшон, бастани роҳҳо ва таркондани пулҳо дар самти шимол, ҳамлаи мусаллаҳона ба вилояти Суғд, эълони Ҷумҳурии исломии Ғарм ва ғайра далел бар ин мебошад. Дар замина таваҷҷӯҳи шуморо ба як гуфтаи Президенти мӯҳтарами ҶТ Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзи 26 июни 2004 дар арафаи ҷашни Ваҳдат ҷалб намуданям. Сардори Давлат ва Ҳукумати кишвар аз мавҷуд будани нақшаи ба се бахш тақсим намудани Тоҷикистон: 1) Ҷумҳурии Бадахшон; 2) Бо ном минтақаи озоди Хуҷанд ва 3) Қисмати ҷануби Тоҷикистон ёд оварда буданд, ки он ҳам қазияи болоро тасдиқ мекунад. Ногуфта намонад, ки ба татбиқи нақшаи мазкур нерӯҳои муайяни дохилӣ ва хориҷӣ манфиатдор буданд ва дар ҳамин роҳ пайгирона фаъолият менамуданд.

Вақтҳои охир дар ҷомеаи тоҷик як падидаи нохуше ба мушоҳида мерасад, ки сахт ташвишовар буда, мисоли равшани сарфи назар кардан аз сабақҳои сулҳи тоҷикон мебошад. Ин чиз аз нав ва бо шиддати ҳарчи бештар зуҳур намудани ҳодисаи боло гирифтани манфиатҳои гурӯҳию ҳизбӣ, қавмию маҳаллӣ, фурсатталабию манфиатҷӯӣ, худхоҳию ғаразҳои шахсӣ бар манфиатҳои умумимиллӣ ва давлатӣ мебошад. Зимнан, фаромӯш набояд кард, ки дар он солҳо тоифаи манфиатҷӯву фурсатталаб ва тамаъкору боғараз, ки,мутаассифона, дар ҳамаҷо ҳастанд, бо истифода аз вазъи ноором ба суди худу бар зарари ба истилоҳ “ҳарифонашон” хеле сӯиистифода карданд.

Барои он ки **аз таҷрибаи нодири сулҳи тоҷикон сабақҳои даркориро гирифта бошем** ва дигар ба иштибоҳоте, ки солҳои 90-ум карда будем, роҳ надиҳем, **бояд онро ҳаматарафа омӯхт.**

То имрӯз дар бораи раванди дарёфти сулҳу оштӣ дар Тоҷикистон, таҷрибаи нодири сулҳи тоҷикон, дар бораи он ки чӣ тавр ва ба кадом тарзу тариқ тарафҳои сулҳи тоҷикон ба сулҳ ва оштию ваҳдат расиданд, мақолаву рисола, мақмӯаву китобҳо навишта, гузоришҳову сӯҳбатҳо карда ва мизи гирду конференсияҳое дар дохил ва хориҷ аз Тоҷикистон баргузор гардиданд.

Бо ташаббуси баъзе кишварҳои аъзои СММ ва созмонҳои минтақаӣ ва байналмилалӣ чанд лоиҳаи вижае ба омӯхтани таҷрибаи сулҳи тоҷикон ва амалӣ гардонидани дастовардҳои он дар ҷомеаи тоҷик ихтисос дода шуданд,

монанди тарҳҳои Муколамаи бардавом, Муколамаи минтақаӣ ва Муколамаи миллӣ дар чорчӯби Конфронси Дармут аз тарафи Бунёди Кеттеринг ва Институти байналмилалии Муколамаи устувори ИМА, “Эҷоди роҳҳои сулҳсозӣ дар муколама оид ба ҳамзистӣ ва ҳамфикрии фарҳанг ва тамаддунҳо дар қаламрави САҲА” ё лоиҳаи Арне Зайферт аз тарафи Вазортаи умури хориҷии Олмон ва Маркази таҳқиқоти САҲА дар Ҳамбург, “Муколамаи диниву дунявӣ дар Тоҷикистон” аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Швейтсария ва ғайра.

Ин лоиҳаҳо, бидуни шак, ба натиҷаҳои чашмгире ноил гардиданд ва дар доираи онҳо ду-се китоби арзишманде ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба чоп расиданд, ки аз тарафи коршиносон ва донишмандони ватанию хориҷӣ ба хубӣ пазируфта шуданд ва бо ҳамин **заминаи мусоиди назарӣ ва амалиро барои то ба ҳар фарди ҷомеаи тоҷик расондани сабақҳо ва дастовардҳои асосии сулҳи тоҷикон фароҳам сохтанд** ва аз ин ҷиҳат аҳамияти фавқулода бузурги илмӣ ва амалӣ доранд.

Бо ин ҳама, эътироф бояд кард, ки корҳое, ки дар ин замина то ба имрӯз ба анҷом расидаанд , **на танҳо нокифоя мебошанд, балки воқеъияти раванди мазкурро, ки басо мураккаб ва пурпечутоб аст, чунонки бояд ба пуррагӣ ва дурустӣ, инъикос намекунанд.** Дар робита ба китобу тадқиқот, хоса хотироте, ки дар бораи раванди сулҳ ва оштии миллӣ дар Тоҷикистон таълиф гардидааанд, мехоҳам як гуфтаи Президенти мӯҳтарами ҶТ Эмомалӣ Раҳмонро дар суханроние, ки дар ҷамъбасти Конфронси байналмилаӣ рӯзи 25 июни соли 2007 карда буданд, иқтибос намоям: “Бисёриҳо китоб менависанд, аммо дурӯғ менависанд. Аз худ қаҳрамон метарошанд. Навиштаҳои холисона даркор аст. Бояд онҳое, ки бевосита шоҳиданд, нависанд”. Бояд иқрор шуд, ки воқеъияти ҳол, мутаассифона, чунин аст, ки Сардори давлат ва Ҳукумати кишвар ба мушоҳида гирифтаанд. Барои мисол донишманде дар китобе, ки онро Пажӯҳишгоҳи фалсафаи Академияи илмҳои ҶТ бо номи “Назария ва методологияи ваҳдати миллӣ” (2007) чоп намудааст, тарафҳои сулҳи тоҷиконро чун “нерӯҳои дунявӣ (миллатдӯст) ва динӣ (исломгаро)” (*саҳ.94*) муаррифӣ намудааст, ки як тасаввури комилан барғалат мебошад. Зимнан, дар ин китоб касоне аз сулҳу ваҳдат сухан рондаанд, ки ҳатто номи санади асосиии Музокирот - Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистонро ғалат меоранд, чи расад ба дарки моҳияти он. Зимнан, як корманди ҳамин муассисаи илмӣ Ғаффор Мирзоев дар шумораи охирини рӯзномаи “Озодагон” (20 июни 2012) дуруст навиштааст, ки “агар зиёиёни мо то ба ҳол дар мавриди ин ҳаводис ба ин сатҳ ва шева андешаронӣ кунанд, вой бар ҳоли мардуми одӣ ва ҷавонони ноогоҳ ва аз мактабу маориф дурмонда”.

Албатта ҳар кас ба ҳодисаву воқеъаҳои он солҳо, ба раванди дарёфти сулҳу оштӣ аз нигоҳи худ, биниши худ ва бардошти худ баҳо медиҳад ва ҳақ ҳам

дорад. Вале шарт он аст, ки аз сари инсоф нагузарад, ба бозтоби воқеъияти он солҳо назари якҷониба накунад, ба таҳриф роҳ надиҳад, хулоса дурӯғ нагӯяд. Ман касонеро медонам, ки он солҳо аз эшон ному нишоне набуд, на дар ин тараф ва на дар он тараф, вале дар ҷомеа низоъ андохта буданду баъд дар гӯшаҳои наздику дур пинҳон шуда буданд, аммо имрӯз ҷор мезананд, ки гӯё маҳз онҳо ба Тоҷикистон сулҳ овардаанд. Онҳо ҳамонҳоянд, ки дар солҳое, ки тарафҳои даргир ба ҳам музокирот ва сулҳ мекарданд, метарсиданд, ки ба онҳо наздик оянд, чи ҳоҷат ба оне, ки ба раванди сулҳ ва оштӣ мусоидат карда бошанд.

Ҳанӯз ҳам барои ҳаматарафа омӯхтани раванди сулҳи тоҷикон ва сабақҳои омӯзандаи он фурсат ва имконот вуҷуд дорад. Аксари шоҳидони бевосита ва иштироккунандагони он воқеъаҳо ва раванди сулҳу оштии миллӣ, ки имрӯз манбаъи асосӣ ва ягонаи боэътимод мебошанд, ҳастанд. Бо гузаштани ҳар сол ин имконот ва фурсат камтар ва тангтар хоҳад шуд. Бадии кор дар он аст, ки ба истиснои санадҳои расмии Музокирот, ки дар маҷмӯаву китобҳои алоҳида ба чоп расидаанд, дигар тамоми маводи марбут ба он дар дасти шахсони алоҳида аст. На бойгонии Комиссияи муштараки оташбас ва на бойгонии Комиссия оштии миллӣ ва на бойгонии Музокироти сулҳи тоҷикон дар асл вуҷуд дорад. Ҳамаи ин маводи парешон, вале бисёр муҳимро дар як ҷо бояд гирдоварӣ кард ва омӯхт. Вагарна бо мурури замон ин саҳифаи таърихамон низ мисли бисёр саҳифаҳои дигари он номуайян боқӣ хоҳад шуд.

Агар муассисае мисли Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ ташаббускори гирдоварӣ, таҳқиқу тадқиқ ва табъу нашри ин маводи парешон, вале бисёр арзишманд шавад, ин кор барои дарки дурусти равандҳои даврони истиқлолият дар кишвар, аз ҷумла раванди сулҳу оштӣ дар он ва ояндабиниҳои стратегӣ мусоидат хоҳад кард.

Ҳозирони гиромӣ,

Пас аз 5 рӯз – 27 июн яке аз боарзиштарин ва муқаддастарин идҳои миллии мо – Рӯзи ваҳдат ҷашн гирифта мешавад. Рӯзе, ки дар кишвари азизи мо бо имзои «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» дар таърихи 27 июни соли 1997 сулҳу сафо, оромиву осудагӣ, оштию ваҳдатро дубора барқарор намуда буд. Ман ин санаи муборакро барои ҳар яки шумо ва дар шахси шумо барои ҳамаи ҳамватанони гиромиамон муборакбод мегӯям ва таманнои онро дорам, ки дар дилу дар сари ҳар яки шумо, азизону наздиконатон, атрофиёнатон, дар муҳиту фазое, ки зиндагӣ ва кор мекунед, ҳамеша ваҳдат, меҳру муҳаббат ва садоқат пирӯз бошад ва ҳаргиз он рӯзҳои шум, рӯзҳои наҳс ва фалокатбору фоҷеаборе, ки бар сари маруми мо замоне омада буд, такрор нашавад.

INSTRUCTIVE LESSON OF THE TAJIK PEACE

Abdunabi Sattorzoda, *professor*

The author of this article notices that the results of peace process and the reasons of conflict up to now are not completely investigated and considers that, inter Tajik contradiction was designed and managed from the behind the borders. The article emphasizes that, it is necessary to save, develop and appreciate the peace and stability, which we have. Lessons and achievements of appreciate peace and the national unity is necessary for making the property of the society and to transform them into the cultural heritage.

Key worlds*: instructive peace lessons, mullahs-democrats, imposed war, national interest, group interests, karerism, corruption, invaluable experience of Tajik peace.*

ПОУЧИТЕЛЬНЫЙ УРОК ТАДЖИКСКОГО МИРА

Абдунаби Сатторзода, *проф.*

Автор статьи подчеркивает, что результаты мирного процесса и причины конфликта до сих пор полностью не изучены и считает, что межтаджикское противостояние было спроектировано и управлялось из-за пределов государства. В статье подчеркивается, что необходимо сохранять, развивать и ценить мир и спокойствие, которое имеем. Уроки и достижения бесценного мира и национального единства необходимо сделать достоянием общества и преобразовать их в культурное наследие.

Ключевые слова*: поучительные уроки мира, навязанная война, национальные интересы, групповые интересы, карьеризм, коррупция, бесценный опыт таджикского мира.*

УДК 323.272+316.658+94(575.3)

РОЛЬ СМИ ТАДЖИКИСТАНА В ОБЕСПЕЧЕНИИ МИРА И НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА ТАДЖИКСКОГО НАРОДА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Салихов Н.Н. д. ф. н.,
ректор Кулябского государственного университета
имени Абуабдуллох Рудаки

В статье подчеркивается значение СМИ как мощнейшей инструмент формирования социального пространства в современном мире и с этой точки зрения изучается роль СМИ в обеспечении мира и национального единства. Также оценивается уровень прогресса и преобразований в СМИ Таджикистана на протяжении последних десяти лет.

Ключевые слова: *СМИ, информация, демократическое общество, свобода слова, государственные и негосударственные издания, общественное мнение, основы медиаполитики.*

Средства массовой информации являются одним из мощнейших инструментов формирования социального пространства в современном мире.

С развитием информатизации таджикского общества средства массовой коммуникации начинают оказывать все более ощутимое воздействие на различные сферы жизни социума, в частности, на политическое сознание и поведение населения.

Средства массовой коммуникации играют в политической жизни общества существенную роль, имея самое непосредственное отношение к его жизнедеятельности и выполняя репродуктивную (отображают политику через радио, телевидение и прессу) и креативную (творящую) и другие функции.

Актуальным вопросом на современном этапе остается то, что основная роль института СМИ в Таджикстане состоит в артикуляции интересов как государственных, так и частных владельцев СМИ и информировании аудиторий о текущих событиях, в том числе и о политических. Конечно, до реальной объективности в подаче информационных материалов еще далеко, но этого не смогли добиться даже самые уважаемые СМИ мира (что мы видели недавно на примере освещения событий в Сирии). Гораздо важнее, что основная роль СМИ в Таджикистане стала именно такой, какая и должна быть у института СМИ – информирование.

Этим и объясняется выбор темы статьи «Роль СМИ Таджикистана в обеспечении мира и национального единства таджикского народа в современных условиях»

Целью исследования является анализ роли СМИ в обеспечении мира и национального единства таджикского народа в условиях независимости и переходного периода к демократическому обществу.

Для достижения этой цели были сформулированы и последовательно рассмотрены следующие задачи:

- анализировать роль СМИ Таджикистана в разные периоды развития и ее влияние на формирование общественного мнения;
- проанализировать место СМИ в общей системе современной культуры;

Проникновение СМИ в политическую жизнь общества чрезвычайно многоаспектно. Средства массовой информации, взятые как целое, играют различные социально-политические роли, те или иные из которых в зависимости от определенного числа типичных социально-политических ситуаций приобретают особую общественную значимость. Это может быть роль организатора, объединителя, консолидатора общества, его просветителя. Также они могут играть и дезинтегрирующую, разъединительную роль.

За последние 10 лет СМИ в Таджикистане количественно и качественно претерпел значительные изменения. По ходу своего развития они приобретали разнообразные функции, и, соответственно, изменялась их роль и влияние на политический процесс. Можно сказать, что именно за это время произошла полная трансформация советской медиаполитической системы в новую, таджикскую. Мы считаем, что трансформация СМИ согласно исследователей истории таджикских СМИ условно можно разделить на три этапа: первый этап – период советского господства; второй этап – период становления или период независимости, и, наконец, третий этап – переходный период развития СМИ к демократическому обществу, который охватывает последние 10 лет. Каждый из этапов характеризуется уникальным сочетанием роли и функций института СМИ в таджикском обществе.

Первый этап характеризуется господством советской социалистической идеологии. Роль СМИ этого периода заключалось в утверждении советского образа жизни. Нельзя забывать, что все СМИ являлись государственными и следовательно использовались для поддержки социалистической системы.

Второй этап – начало 90-х годов XX века характеризуется становлением СМИ независимого таджикского общества. Роль СМИ в общественной жизни резко изменилась, т.е. получило незначительную свободу и использовалась для

поддержки реформистских начинаний Президента Таджикистана. В это время появляются независимые издания.

Третий этап СМИ таджикского общества, который условно можно назвать переходным к демократическому обществу, охватывает последние 10 лет и количественно и качественно изменился. Об этом свидетельствует данные из послания Президента к парламенту от 20 апреля 2011 года.

Осуществленный анализ роли СМИ в обеспечении мира и национального единства таджикского народа в условиях независимости и переходного периода дает основание сделать следующие основные выводы:

1. Реалистическое описание событий 90-х годов. О событиях 90-х материалов достаточно много. Печатные издания, телевидение, радио того времени, а также документальные и мемуарные труды непосредственных участников тех событий, хронология всех происходивших политических событий в республике в исследуемый период свидетельствует о рождении признаков демократии. Статьи, опубликованные в печати в эти годы, свидетельствуют о взглядах и мыслях людей, которые желают мира и национального единства таджикского народа. Однако не следует забывать, что существовало два рода СМИ: 1. Государственные и ряд изданий, поддерживающие позицию власти. 2. Негосударственные (оппозиционные, независимые, частные и др.). В информационной борьбе между ними стороны, хотя и утверждали о мире и национальном единстве таджикского народа, в действительности же, каждая сторона выражала собственные интересы. Другое явление характерное для этого периода деятельности СМИ – это разрыв и смешение жанров. Это было связано с тем, что события 1991-1999 г.г. происходили стремительно, т.е. на первый план выходит информационная потребность в освещении этих событий. В дальнейшем ситуация изменилась в связи с переговорным процессом между правительством и оппозицией. В этой ситуации, роль СМИ заключалась не только в обеспечении информации, но и анализ, оценке и осмыслении сложившейся ситуации. Таким образом, роль СМИ этого периода в обеспечении мира и национального единства таджикского народа нельзя назвать успешным в силу приведенных доводов.

2. Роль СМИ периода 1999 по настоящее время можно характеризовать, несомненно, как активный и созидательный в плане укрепления мира и безопасности, отказ от конфронтации, и эффективного противодействия таким вызовам, как распространение религиозного экстремизма, внутренние конфликты и кризисы, терроризм и наркотрафик. Нельзя допустить, чтобы трагедия происходившая в годы противостояния вновь повторилась. На наш взгляд, усилия СМИ общества должны быть направлены, прежде всего, на укрепление мира и национального единства таджикского народа. Важно добиться объективного освещения происходящего. Это создаст предпосылки

для того, чтобы объявленные Президентом республики и правительством меры по демократизации реально выполнялись.

3. Важен еще один аспект. В нынешнее время формируется новое и эффективное средство самого активного воздействия, продвинутых информационных и коммуникационных технологий. Можно сказать, что Интернет, социальные сети, мобильные телефоны и т.п. превратились наряду со СМИ в эффективный инструмент как внутренней, так и международной политики. Это новый фактор, требующий осмысления, в частности для того, чтобы, продвигая и дальше уникальную идею укрепления мира и национальной идеи таджикского народа в Интернете, уменьшить риск его использования религиозными экстремистами, террористами и преступниками.

4. В ходу все чаще и такое понятие, как использование комплекса инструментов и методов достижения целей посредством СМИ как рычаг воздействия на общество. К сожалению, нередко методы СМИ используются для взращивания и провоцирования экстремизма, сепаратизма, национализма, регионального местничества, манипулирования общественным сознанием и др. Следует четко различать — где свобода слова и объективное освещение реальной действительности со стороны СМИ, а где задействуются противоправные инструменты.

5. Трудно прогнозировать, как дальше будет развиваться деятельность СМИ в переходном периоде. Вижу роль СМИ в том, чтобы при активном участии в жизни общества помочь таджикскому народу, прежде всего обеспечить сохранение мира, стабильности, укрепление национального единства. В принципе считаю, что такая цель СМИ в переходном периоде вполне достижима.

НАҚШИ ВАО-И ТОҶИКИСТОН ДАР ТАЪМИНИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛИИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ШАРОИТИ КУНУНӢ

Н.Н. Солеҳов, *д. и. ф.,*
ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ

Дар мақола аҳамияти васоити ахбори омма чун қавитарин василаи шаклгирии фазои иҷтимоӣ дар ҷаҳони муосир зикр гардида, аз ин зовия нақши он дар таъмини сулҳу ваҳдати миллии халқи тоҷик мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамчунин марҳалаҳои рушду инкишоф ва таҳаввулоту дигаргуниҳои ВАО-и Тоҷикистон тайи даҳ соли охир арзёбӣ шудааст.

Калимаҳои калидӣ: *ВАО, иттилоот, ҷомеаи демократӣ, озодии сухан, нашрияҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, афкори умум, низоми медиасиёсӣ.*

THE ROLE OF TAJIK MASS-MEDIA IN MAINTENANCE OF PEACE AND NATIONAL UNITY OF TAJIK PEAPLE IN THE MODERN CONDITIONS

N.N. Salihov, *doctor of philosophy*
Rector o the Kulob State University named after Rudaki

This article emphasizes the importance of Mass-media as a most powerful informational tool in formation the social space in the contemporary world and from this point is studied the role of Mass-media in maintenance of peace and national unity. Also is estimated the level progress and transformations in the Mass-media of Tajikistan during the last ten years.

Key worlds: *Mass-media, information, democratic society, freedom of speech, state and non-state issues, social opinion, bases of media-politics.*

УДК 159.922+332.145(575.32)

ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОИИ ВМКБ

Азиз Гиёев,
муовини раиси вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон

Мақола ба мавзӯи аҳамияти ваҳдати миллӣ барои рушди иқтисодию иҷтимоии ВМКБ бахшида шудааст. Маҳз сиёсати сулҳофарини Сарвари давлат имкон бахшид, ки Бадахшон аз бунбасти ҷуғрофиву коммуникатсионӣ, иттилоотӣ раҳо ёфта, бо қадамҳои устувор ба истиқлолияти энергетикӣ наздик шавад. Кушодашавии роҳҳо имкон бахшиданд, ки тиҷорату савдо равнақи тоза гирифта, барои ҳамкории мутақобилаи судманд бо соҳибкорони ватаниву хориҷӣ шароитҳои мусоидтаре фароҳам оянд. Ҳамзамон бо ин, дар натиҷаи дастгирии молиявии ҳукумати мамлакат дар вилоят, ки қариб 90 фоизи хароҷоти он аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ маблағгузорӣ мегардад, рушди соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, пардохти маошу нафақа ва сатҳу сифати зиндагии мардум куллан дигаргун шудааст.

***Калимаҳои калидӣ*:** *Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ, иқдоми ваҳдатҷӯёнаи Президент, бунбасти коммуникатсионӣ, шоҳроҳи байналмилалии Мурғоб–Қулма–Қароқурум, роҳи мошингузари Кӯлоб – Дарвоз, Пажӯҳишгоҳи инсоншиносӣ, Пойгоҳи илмии кишоварзӣ, Донишгоҳи Осиёи Марказӣ.*

Аз рӯзи ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон 15 сол сипарӣ шуд. 15 сол боз халқи сулҳофару бунёдкори кишвар ин санаи фархундаро бо шукӯҳу шаҳомати хоса ҷашн мегирад.

Ба сулҳу ваҳдат ва ҳамраъйӣ омадани миллат дар он рӯзҳои пурмоҷаро амали осону саҳл набуд. Сарвари кишвар дар яке аз баромадҳояшон қайд карданд, ки: «Дар гузаргоҳи интиҳои асри ХХ ва оғози асри ХХ1 дар масири таърих борҳо миллати ҷафодидаи тоҷик бо сабабҳои гуногун дар марзи фоҷиавии ҳаёту мамот қарор гирифт. Роҳи ягонаи наҷот аз ин вартаи ҳалокат муросою созиш, ба ҳам омадани қувваҳои мухолиф ва сулҳу субот буд ва мо маҳз ҳамин роҳро интихоб намудем».

Тоҷикистони азизи мо баъди як соли соҳибистиқлол гардидан ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд. Завол ёфтани империяи абарқудрати шӯравӣ, аз байн рафтани таъминоти мутамаркази иқтисодӣ, ки ба фалаҷ гардидани сохтори давлатӣ оварда расонд, мардуми заҳматкаши тоҷикро ба вартаи ҷанг кашид. Қобили қайд аст, ки чархи таърих ба бахти миллати тоҷик мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба арсаи сиёсат овард, таъмини сулҳу субот ба ҳам овардани миллати соҳибтаърихи тоҷик яке аз ҳадафҳои олии ин шахси бузург

буд ва аз рӯзи ба мансаби волои Сарвари давлат нишастанаш ин сиёсатмадори нотакрор гомҳои нахустини худро дар роҳи истиқрори сулҳ гузошт. Тавре худашон дар иҷлосияи ХУ1 Шӯрои Олӣ гуфта буданд: «Ё ман дар Тоҷикистон сулҳро барқарор мекунам ё дар ин роҳ ҷони худамро медиҳам». Баҳри амалӣ намудани ин гуфтаҳояш, барои ба даст овардани сулҳу салоҳ, кӯшишҳои ҷавонмардона ба харҷ дод.

Тоҷикон бори дигар, бо имзои ин санади тақдирсоз, барои ҷаҳониён собит намуданд, ки миллати тоҷик дорои фарҳанги волою арзишҳои баланди ахлоқӣ буда, дар офариниши сулҳу салоҳ ибрати дигаронанд.

Дар таърихи миллати кӯҳанбунёдамон воқеаҳои бузург ниҳоят бисёранд, аммо мусолиҳаи миллии мо дар таърихи навини миллат ва давлатамон дастоварди бузург ва беназир аст. Имрӯз мо ифтихори онро дорем, ки ризоияти миллии тоҷикон, иқдомоти наҷиби Сарвари давлат ҳамчун таҷрибаи бузурги офариниши сулҳ дар сиёсати ҷаҳонӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Аз ин рӯ мо бояд ба ин дастоварди оламшумул ҳамеша эҳтиром гузорем, онро таҳкими ваҳдати милливу рисолати шаҳрвандӣ ва қарзи ватандорӣ донему ба халалдор гардидани он ҳаргиз роҳ надиҳем.

Роҳбарияти давлат ва собиқ мухолифин дар он рӯзҳо пеш аз ҳама бо назардошти манфитаи миллату давлат ва дарки масъулияти таърихӣ дар назди наслҳои имрӯзаву оянда, барои аз бӯҳрони шадид баровардани ҷомеа тамоми кӯшишу ғайрати худро равона карда буданд. Миллати кӯҳанбунёду соҳибтамаддун ва сулҳпарвари тоҷик барои барқарории сулҳу оромӣ ва ҷонибдори ваҳдати баҳои миллат аз сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаҷониба пуштибонӣ менамуд. Дар ҷараёни музокирот, ки аз соли 1994 оғоз гардид, ҳар ду ҷониб зарурияти ваҳдат ва сулҳи пойдорро дарк намуда, кӯшиш ба харҷ доданд, ки дар Тоҷикистон ҳар чи зудтар сулҳу салоҳ ҳукмрон гардаду миллату давлати тоҷик аз вартаи нобудӣ раҳо ёбад.

Дар оғози раванди музокироти он солҳо, таъмини минбаъдаи сулҳ ва таҳкими ҳамешагии он дар баробари дигар омилҳо нақши Сарвари давлат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, басо беандоза буд.

Ваҳдати миллӣ барои ҳар нафар тоҷикистонӣ арзиши муқаддас, омил ва сарчашмаи пешрафти кишвар, шарти ҳастии миллат буда, бешубҳа аз андешаи миллиамон ба зуҳур омад. Андешаи миллӣ бошад, барои халқи мо суннати азалист, ки аз афкори маънавии халқамон пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек манша мегирад. Камоли ифтихормандию сарафрозиҳои зиёди мост, ки аҳли башар ин афкори инсондӯстона ва адолатпарваронаи тамаддунии халқи тоҷикро дар симои осори гаронбаҳои ниёгон бо эҳтиром ба забон меоранд.

Ваҳдатро зебоии маънавӣ ва азамату қудрати ҳар як миллату халқият мегӯянд. Миллате, ки офтоби ваҳдатро арҷгузорӣ мекунад, тавассути он дунёи маънавии хеш ва олами атрофро сарсабз мегардонад, халқе, ки шӯълаи пуранвори онро манбаи илҳом қарор дода, зиндагӣ эҷод мекунаду бо адлу дод харобиҳоро обод месозад, миллати соҳибзафар, халқи комёбу бахтиёр аст.

Дар бораи хизматҳои барҷастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисон Эмомалӣ Раҳмон, садоқати бепоён, фазилату шоистагии фитрӣ, истеъдоди фавқулодда, имону эътиқоди ӯ, ки ҳама нерӯю тавон аз муҳаббати худодод мегираду сарманшаашон садоқату вафодорӣ аст, бисёр гуфтаанду навиштаанд ва боз ҳам мегӯянду хоҳанд навишт.

Иқдоми муҳими ваҳдатҷӯёнаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон он аст, ки монеаҳои байни маҳалҳои гуногуни кишвар бартараф карда шуданд. Роҳҳои нав, воситаҳои нави алоқа, густариши робитаҳои тиҷоратӣ, фарҳангӣ ба он оварда расонд, ки шинохти беҳтару ҳамдигарфаҳмӣ зиёдтар гардид. Имрӯз дар шаҳру навоҳии гуногуни мамлакат шаҳрвандони аз минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ омадаро дучор омадан мумкин, ки сари як дастархон мешинанд, дар чорабинию маросимҳои якдигар иштирок мекунанд ва шарики ғаму шодии якдигаранд. Маҳз дар солҳои истиқлолият итминон ҳосил кардем, ки мо шаҳрвандони мамлакат на фақат фарқият, балки умумият ва решаҳои зиёди пайвандӣ доштаем.

Чӣ тавре ки аз мушоҳидаҳои ҳаррӯза бармеояд, Эмомалӣ Раҳмон ормону орзу, маънавиёту тафаккур, суннату анъанаҳо ва арзишҳои маънавии мардуми ҳамаи минтақаҳоро ба хубӣ медонад ва нисбати онҳо хеле самимона арҷгузорӣ мекунад. Муҳаббати ӯ нисбати мардуми тоҷик, маҳдуди як минтақа нест, балки он дар ҳама ҷо нисбати ҳамаи сокинони мамлакат аз як тараф ва аз тарафи дигар нисбати ҳар як сокини Тоҷикистон мушаххасу нишонрас аст.

Миллати тоҷик набояд нақши ҳамаи онҳоеро, ки барои аз байн бурдани фоҷиаи ба сараш омада ҷаҳду талош ва ҷонбозиҳо кардаанд фаромӯш созад, ба қадри сулҳу салоҳ, ваҳдат ва заҳмати фарзандони миллат, ки баҳри ободию осудагии мамлакат, дар он солҳои мудҳиш ба дӯш гирифта буданд, бирасад.

Сарвари давлат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон қайд карда буданд:-«Бо гузашти солҳо мо аҳамияти таърихии ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз, қимати сулҳу субот ва ваҳдати миллиро бештар дарк ва қадр менамоем. Зеро маҳз аз баракати муттаҳид сохтани нерӯҳои сиёсӣ ва таъмини ризоияти ҷомеа мо пеш аз ҳама тавонистем истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзии Ватани азизамонро ҳифз намоем ва мардуми худро аз парокандагӣ эмин нигоҳ дорем. Ба шарофати сулҳу субот ва ваҳдат, ки бо хираду заковати азалии миллатамон, иродаи кулли мардуми тоҷик, инчунин мадади беғаразонаи созмонҳои бунуфузи байналмилалӣ ва кишварҳои миёнарав муяссар гардид, мо тавонистем дар барораби эҳёи давлатдории тоҷикон, таъмини рушди устувори

иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон нуфузу эътибори онро дар арсаи байналмилалӣ ба сатҳи бесобиқа баланд бардорем».

Ба шарофати Ваҳдати миллӣ ва барқарор шудани сулҳ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, бо кӯмаки Сарвари давлат Бадахшони азизи мо рӯ ба инкишоф ниҳод.

Воқеан, сулҳу амонӣ буд, ки мо дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии ҳар як соли даврони истиқлолият чунин пешрафт намудем, ки он ба даҳсолаҳои пеш баробар аст. Маҳз сиёсати сулҳофарини Сарвари давлат имкон бахшид, ки Бадахшон аз бунбасти ҷуғрофиву коммуникатсионӣ, иттилоотӣ раҳо ёфта, бо қадамҳои устувор ба истиқлолияти энергетикӣ наздик мешавад.

Дар баробари бо роҳи мустақим пайваст гардидани тамоми манотиқи кишвар дар шароити хеле сангини иқтисодии ҷумҳуриамон сохтмони шоҳроҳи байналмилалии Мурғоб - Қулма –Қароқурум дар муддати кӯтоҳ анҷом пазируфта, тавассути роҳи мошингузари Кӯлоб- Дарвоз Бадахшон ба пойтахти кишварамон дар ҳамаи фаслҳои сол пайванд гардид. Дар асоси ду лоиҳаи нав сохтмони марҳалаи сеюми роҳи мошингарди Кӯлоб-Қалъаихум ва Шогун-Зиғар ба маблағи 532 миллион сомонӣ оғоз гардид.

Кушодашавии роҳҳо имкон бахшиданд, ки тиҷорату савдо равнақи тоза гирифта, барои ҳамкории мутақобилаи судманд бо соҳибкорони ватаниву хориҷӣ шароитҳои мусоидтаре фароҳам оянд. Соҳибкорони кишварҳои хориҷи дуру наздик барои ғанӣ гардонидани бозор ва таъсиси корхонаҳо баҳри коркарди боигариҳои диёрамон шурӯъ намуданд. Он рӯз дур нест, ки бо беҳтар гардидани сифати роҳҳо такмили инфраструктура, системаи телекоммуникатсионӣ ва дигар паҳлӯҳои хизматрасонӣ, ҳамкориҳо дар ин самт суръат ва сифати нав мегиранд.

Ҳамзамон бо ин, дар натиҷаи дастгирии молиявии ҳукумати мамлакат дар вилоят, ки қариб 90 фоизи хароҷоти он аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ маблағгузорӣ мегардад, рушди соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, пардохти маошу нафақа ва сатҳу сифати зиндагии мардум куллан дигаргун шудааст.

Дар давоми солҳои истиқлолият соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии вилояти Бадахшон ба таври назаррас рушд ёфта, дар ин давра аз ҳамаи манбаъҳои маблағгузории давлатӣ барои тараққиёти вилоят беш аз 1 миллиарду 620 миллион сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки ин маблағҳо барои соҳаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, сохтмони иншоот, роҳҳо ва дастгирии буҷети вилоят сарф гардидаанд.

Аз ҷумла, аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ барои пӯшонидани қисми хароҷоти буҷети вилоят 332 миллион сомонӣ, инчунин аз ҳисоби Фонди захиравии Президенти кишвар, вазорату идораҳо ва дигар манбаъҳои давлатӣ қариб 218 миллион сомонӣ равона карда шудааст.

Илова бар ин, дар ин давра аз буҷети ҷумҳуриявӣ аз ҳисоби маблағҳои Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ барои пардохти нафақаи нафақахӯрони вилояти Бадахшон ба маблағи беш аз 173 миллион сомонӣ кӯмаки молиявӣ ҷудо гардидааст. Барои рушди вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон танҳо дар соли 2010 аз ҳамаи манбаъҳои маблаҳгузорӣ беш аз 378 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст, ки ин нисбат ба соли 2002 16 баробар зиёд мебошад.

Дар бахши сохтмони асосии вилоят дар давоми солҳои истиқлолият аз ҳамаи сарчашмаҳои маблаҳгузорӣ 550 миллион сомонӣ ҷудо гардида, танҳо дар даҳ соли охир ба маблаҳи беш аз 220 миллион сомонӣ фондҳои асосӣ ба кор дароварда шуданд.

Дар вилоят филиалу бахшҳои ҷариб ҳамаи бонкҳои амалкунандаи кишвар ва як ҷатор ташкилотҳои ҷарздиҳии хурд фаъолияти худро ба роҳ монда, ба аҳолӣ аз рӯи ҳамаи намуди амалиётҳои мавҷудаи бонкӣ хизмат мерасонанд.

Бо ташаббуси ҳукумати кишвар ҳамасола ҷарздиҳӣ барои соҳаҳои гуногун, аз ҷумла инкишофи саноат, сохтмон, кишоварзӣ ва дастгирии соҳибкории хурду миёна дар вилоят босуръат афзоиш меёбад. Танҳо дар панҷ соли охир дар вилоят ҳаҷми умумии ҷарзҳои хурди додашуда беш аз 3 маротиба афзоиш ёфта, ба 303 миллион сомонӣ баробар гардид.

Имрӯз дар ҳудуди вилоят 17 лоиҳаи инвеститсионии муштараки ҳукумати мамлакат ба маблаҳи беш аз 617 миллион сомонӣ амалӣ шуда истодааст, ки он барои сохтмон ва таҷдиди роҳҳои мошингард, бунёди нерӯгоҳҳо ва рушди соҳаҳои энергетика, кишоварзӣ, азхудкунии замин, беҳбудии ҳолати мелиоративии он, ислоҳот ва рушди соҳаҳои маорифу тандурустӣ ва рушди деҳот равона карда шудааст.

Илова бар ин, тибқи созишномаҳои нави сармоягузориҳои давлатӣ барои беҳтар намудани шароити обтаъминкунии шаҳри Хоруғ тақрибан 15 миллион сомонӣ равона карда мешавад. Маҳз амалишавии ҳадафҳои созандагиву бунёдкорӣ тавассути татбиқи босамари як ҷатор барномаҳои умумидавлативу вилоятӣ имконият фароҳам овард, ки дар давоми солҳои истиқлолият дар вилоят истифодаи иқтидорҳои истеҳсолии мавҷуда, азнавсозии истеҳсолот вобаста ба талаботи замон, ба вуҷуд овардани корхонаҳои нави дорои технологияҳои навтарин ба таври назаррас таъмин гардад. Ҳоло дар вилоят 13 корхона ва 20 сехи хурди саноатӣ фаъолият дошта, тавассути дастгирии вазорату идораҳо ва ҷалби сармояи соҳибкорони ватанӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 2 сехи коркарди санг, 5 сехи дӯзандагӣ ва 2 корхонаи хурди коркарди растаниҳои шифобахш таъсис дода шудааст.

Тӯли ин солҳо коргоҳҳои ҷаннодӣ ва сангтарошии шаҳри Хоруғ, корхонаи хиштбарорӣ ва сехи дӯзандагии ноҳияи Ванҷ, сехҳои коркарди

меваи хушк ва истеҳсоли маҳсулоти ширии ноҳияи Рӯшон, корхонаи дуредгарии ноҳияи Шуғнон ба фаъолият шурӯъ намуданд.

Ҳоло дар вилоят 97 корхонаи хурд ва 1750 нафар соҳибкори инфиродӣ фаъолият доранд.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар давоми даҳ соли охир беш аз ду маротиба афзоиш ёфта, аз 16 миллион сомонии соли 2001 то 47 миллион сомонӣ дар соли 2011 расидааст.

Дар маҷмӯъ барои суръатбахшии рушди иқтисодиву иҷтимоии вилоят се барномаи мушаххас таҳия ва тасдиқ гардида, дутоаш пурра ҳал гардиданд ва дар асоси "Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар давраи то соли 2015" як қатор лоиҳаҳои бунёди корхонаҳои коркарди маъданҳои кӯҳӣ, коркарди сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва саноати сабукро тавассути ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ дарбар мегирад. Барои амалӣ гардидани ин барнома бештар аз якуним миллиард сомонӣ маблағгузорӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар қаламрави вилоят имкониятҳои густариш додани саноати маъдани кӯҳӣ зиёд буда, он яке аз воситаи беҳтарини бо ҷои кор таъмин кардани аҳолӣ мебошад. Дар давоми солҳои охир беш аз 30 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуда, минбаъд ҳам корҳо дар ин самт идома хоҳанд ёфт. Ҳоло дар вилоят барои иктишоф ва истихроҷи 7 кони канданиҳои фоиданоки мармар, тилло, мису никел ва нуқраи ноҳияҳои Ванҷу Дарвоз ва Роштқалъаву Мурғоб ба 5 ширкати ватаниву хориҷӣ иҷозатнома дода шудааст, ки онҳо фаъолияти худро идома дода истодаанд.

Инчунин дар вилоят беш аз 42 конҳои гуногун, аз ҷумла тиллову нуқра, ёқуту лоҷувард ва монанди инҳо кашф шуда, илова бар ин, зуҳуроти 50 намуди канданиҳои фоиданок муайян карда шудааст. Дар баробари ин, якчанд зуҳуроти мушаххас барои омӯзиши геологӣ ва як қатор конҳои иктишофшуда ҷиҳати пешниҳод ба озмун барои истихроҷ омода мебошанд.

Солҳои наздик дар ҳудуди вилоят бо бунёди корхонаҳои хурду миёна истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳиро ба роҳ монда, ба ин васила ҷойҳои нави корӣ ташкил ва баландшавии сатҳи зиндагии аҳолӣ таъмин карда мешавад.

Дар баробари идомаи сохтмон ва таҷдиди иншооти бузурги энергетикӣ дар вилоят "Барномаи дарозмуддати бунёди силсилаи нерӯгоҳҳои хурди баркӣ дар давраи солҳои 2009-2020" мавриди татбиқ қарор дорад, ки тибқи он дар ҳудуди вилоят бо ҷалби сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ сохтмони 16 нерӯгоҳи хурди барқи обӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар ҳудуди вилоят, аз ҷумла дар ноҳияҳои Ванҷ, Рӯшон, Дарвоз, Шуғнон, Роштқалъа ва Ишкошим

сохтмони 8 адад нерӯгоҳи барқи обии хурд бо иқтидорҳои аз 35 то 500 киловатт идома дорад.

Умуман, дар давраи истиқлолият дар вилоят 40 адад нерӯгоҳи барқи обии хурд сохта шуда, бо иқтидори аз 5 то 576 киловатт мавриди баҳрабардорӣ қарор доранд. Бо мақсади таъмини талаботи аҳолии вилоят бо барқ Ҳукумати Тоҷикистон тавассути Шартномаи консессионӣ бо Ширкати барқии «Помирэнерҷӣ» имконият фароҳам овард, ки нерӯгоҳҳои барқи обии “Помир-1” ва “Хоруғ” фаъолияти мураттаби худро ба роҳ монанд. Дар ҳолати амалишавии лоиҳаҳои мазкур дар вилоят барои рушди соҳаи саноат ва ба кишварҳои ҳамсоя фурӯхтани барқи зиёдатӣ имконияти мусоид фароҳам хоҳад омад.

Дар айни замон корҳои омӯзишӣ оид ба сохтмони нерӯгоҳи барқии Санобод, ки тавоноиаш бештар аз 100 мегаватт мебошад, идома доранд. Бо мавриди истифода қарор гирифтани ин нерӯгоҳи азим иқтидори истеҳсолии барқ дар вилоят се баробар меафзояд ва имконияти ба роҳ гузоштани истеҳсолоти воқеиро ба вуҷуд меоварад.

Мушкилоти асосии мардуми кӯҳистон дар даврони то истиқлолияти давлатӣ суръати хеле сусти сохтмон ва набудани василаҳои коммуникатсионӣ буд. Хушбахтона, дар даврони истиқлолият ба шарофати Ваҳдати миллӣ дар ин самтҳо корҳои амалӣ анҷом дода шуданд. Дар маҷмӯъ дар қаламрави вилоят дар давоми солҳои истиқлолият беш аз 150 иншооти гуногуни коммуникатсионӣ таъмир, барқарор ва сохта ба истифода дода шудаанд.

Дар ин давра роҳу пулҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ низ бунёд ва барқарор карда шуданд. Аз ҷумла, аз ҳисоби буҷети давлатӣ танҳо дар давоми панҷ соли охир бо сарфи 60 миллион сомонӣ роҳи мошингарди Мурғоб-Тохтамиш, роҳҳои ағбаҳои Куйтезак, Харгӯшӣ ва Курук, қитъаҳои алоҳидаи шоҳроҳи Душанбе-Хоруғ, ду пул дар ноҳияи Ванҷ мавриди сохтмону азнавсозӣ қарор гирифтанд.

Бо мақсади беҳтар намудани муносибатҳои бозаргонӣ ва ҷалби бештари сармояи дохиливу хориҷӣ барои рушди иқтисодиёти минтақа қарори Ҳукумати Тоҷикистон “Дар бораи таъсиси минтақаи озоди иқтисодии Ишкошим” ба тасвиб расид, ки ҳоло барои минтақаи озоди иқтисодии мазкур 200 гектар замин ҷудо гардида, дар доираи ташкили инфраструктураи он бунёди майдони ҳавоии ноҳия ва терминали байналмилалӣ пешбинӣ шудааст. Дар баробари ин, соҳаи сайёҳӣ дар ҳудуди вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон яке аз соҳаҳои даромаднок ва ояндадор маҳсуб меёбад. Табиати нотакрору манзараҳои рангин, чашмаҳои шифобахшу қалъаву нигораҳои қадима ва афзалиятҳои дигари нодир дар қаламрави вилоят барои рушди сайёҳӣ мусоидат менамоянд. Бинобар ин, чуноне ки Ҷаноби Олӣ дар Маҷлиси фаъолони вилоят ишора намуданд, тараққӣ додани сайёҳӣ дар вилоят бояд ба

яке аз самтҳои асосии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ табдил дода шавад ва мақомоти маҳаллӣ дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати ҷумҳурӣ дар ин соҳа нақшаҳои хеле бузург дорад.

Яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёти кишвари мо, аз ҷумла минтақаи Бадахшон кишоварзӣ буда, рушду инкишофи он кафолати амнияти озуқавории мардум мебошад.

Бо дарназардошти болоравии нархҳои ҷаҳонии сӯзишворӣ ва таъсири он ба нархи навои дигар молҳо, аз ҷумла маводи озуқаворӣ ба хотири таъмини амнияти озуқавории кишвар Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намуданд, ки истифодаи ҳар вақаб замин, махсусан заминҳои обӣ бахусус дар шароити камзаминии мо аҳамияти махсус дорад.

Кишоварзони вилоят ин дастурҳоро бемайлон амалӣ намуда, соли 2011 истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро ба 340 миллион сомонӣ расониданд, ки ин нисбат ба соли 2000-ум 7 баробар бештар аст.

Нисбат ба соли 1992 истеҳсоли ғалладонагиҳо 3,8 баробар, сабзавот 11 баробар, картошка 6 баробар, тухм ва асал беш аз 100 баробар зиёд шудааст.

Дар қатори дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа соҳаҳои иҷтимоии вилоят, аз ҷумла маорифу тандурустӣ ва фарҳанг низ таҳти ғамхорӣ ва дастгирии бевоситаи Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор доранд.

Танҳо дар давоми се соли охир дар қаламрави вилоят таъмиру барқарорсозӣ, азнавсозӣ ва сохтмони бештар аз 200 иншооти иҷтимоӣ, аз ҷумла хобгоҳ барои донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Хоруғ, варзишгоҳи марказии шаҳри Хоруғ, Маркази ҷавонон дар шаҳри Хоруғ, мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хоруғ, азнавсозии театри вилоятӣ, шӯъбаҳои касалхонаи вилоятӣ, 16 марказу бунгоҳи саломатию тиббӣ дар ноҳияҳои вилоят ба анҷом расидаанд. Ҳамчунин, муассисаҳои таълимии вилоят бо 2200 компютер таъмин карда шудаанд, ки ин дар таносуб ба ҳар нӯҳ хонанда як компютер рост омада, нишондиҳандаи беҳтарин дар мамлакат мебошад. Мушкилоти аз вагонҳо баровардани синфхонаҳо пурра ҳал гардида, дар маҷмӯъ бештар аз 170 мактабҳо сохтаву азнавсозӣ гардиданд. Сифати таълим ва дунёи маънавии толибилмон комилан дигар гардида, зодагони Бадахшон дар донишгоҳҳои бонуфузи кишварҳои пешрафта таҳсил мекунанд.

Бо мақсади тайёр намудани мутахассисони баландихтисос ҳамасола тавассути квотаи президентӣ аз ҳисоби хонандагони болаёқат, инчунин фарзандони оилаҳои эҳтиёҷманди вилоят ба муассисаҳои олии кишвар донишҷуён қабул карда мешаванд. Агар то даврони истиқлолият дар вилоят ягон муассисаи таълимии олӣ вуҷуд надошт, имрӯз Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи академик Моёншо Назаршоев, Институти биологии Помир,

Пажӯҳишгоҳи инсоншиносӣ, Пойгоҳи илмии кишоварзӣ аз зумраи муассисаҳои илмӣ-таълимӣ буда, сохтмони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ шурӯъ мегардад.

Яке аз дастовардҳои бузурги солҳои Ваҳдати вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз бунбасти иттилоотӣ раҳо гардидани сокинони он мебошад.

Давоми солҳои охир дар ҳамаи ноҳияҳои вилоят шабакаҳои кӯҳнаи аналогӣ ба шабакаи нави рақамии дорои 1000 рақам иваз карда шуда, пайвастшавӣ ба интернет, инчунин фарогирии шабакаҳои алоқаи мобилӣ таъмин гардида истодааст. Маҳз бо шарофати истиқлолияти давлативу суботи ҷомеа фазои иттилоотии ҳудуди вилоят сол аз сол бою рангин гардида, ҳоло қариб ҳамаи аҳолии вилоят аз тамошои барномаҳои шабакаи аввали телевизиони марказӣ ва инчунин 87 фоиз аз телевизиони «Сафина», 56 фоиз аз барномаҳои «Баҳористон» ва 82 фоиз аз тамошои барномаи «Ҷаҳоннамо» бархӯрдоранд. Дар даврони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бо вуҷуди масъалагузориҳо дар ҳамаи сатҳҳо ташкили намоишҳои телевизиони тоҷик ҳатто дар маркази вилоят ғайриимкон арзёбӣ мегардид. Имрӯз хатти нурӣ бо истиснои ноҳияи Ишкошим тамоми ҳудуди вилоятро бо шабакаҳои ҷаҳонӣ пайваст намудааст.

Ҳамзамон қайд кардан лозим аст, ки натиҷаҳои чор - панҷ соли охир дар ин ҷода умедбахшанд. Арзишҳои ватандӯстӣ ва хештаншиносӣ торафт устувор мегарданд, илму фарҳанг дар солҳои истиқлолият заминаҳои моҳиятан нав пайдо намуданд. Дар ин давра ҷашнвораҳои зиёде доир гардиданд, ки таҷлили онҳо аз як тараф гиромидошти мероси гузашта бошад, аз тарафи дигар ба хизмати имрӯзу фардо кашидани он мерос ба хотири тарбияи ахлоқӣ ва ҳисси ватандӯстиву ватанпарастии ҷавонон буд.

Мо имрӯз бо муаллимони худ, бо олимону адибони худ, бо табибону ҳунарварони худ барҳақ фахр дорем, ки онҳо дар инкишофи илму адаб, фарҳангу маърифати миллати тоҷик ҳиссаи арзандаи худро гузошта истодаанд. Захираҳои бузурги табиӣ ва имконоти зиёди ақлоние, ки вилояти кӯҳсори мо дорад, на дар ҳар кишвари бузургу пешрафта мавҷуд аст. Садҳо нафар зодагони вилоят дар донишкадаҳои мамолики дуру наздики хориҷи кишвар илму донишҳои замонавиро омӯхта истода, таҷрибаи кору фаъолиятро дар шароити муносибатҳои иқтисоди бозорӣ аз худ намуда истодаанд. Боиси шодмонист, ки орзуи деринаи зодагони Бадахшон дар бобати таъсиси донишгоҳи давлатӣ дар вилоят маҳз ба даврони истиқлолият рост омад.

Корҳои беше дар соҳаҳои тандурустӣ ва фарҳанг анҷом дода шуда, чандин иншоотҳои замонавӣ дар тамоми минтақаҳои вилоят бунёд

гардидаанд, ки ба беҳбудии сиҳатии мардум ва комилан дигар гардидани дунёи маънавии сокинон мусоидат менамоянд.

Таърихи ҳар як халқу миллат бахусус миллати бостонии тоҷик монанди занҷирест, ки аз ҳам гусаста намегардад. Рӯ овардан ба гузашта ин мунаввар кардани роҳи оянда аст. Ҳамчунин ҳадаф аз ёдрас намудани дастовардҳои даврони истиқлолияту Ваҳдат ин сабақ гирифтан аз таърихи пурфоҷиаи миллат, ба қадри давлати милливу истиқлолияти он расидан, якпорчагии мамлакат ва ваҳдати бо нархи ҳазорҳо ҷон харидаи миллӣ ва аз дастдарозии ҳамагуна бадхоҳони миллат ҳифз кадани ин дастовардҳои беназир мебошад Шоире дар ин бобат хеле бамаврид гуфтааст:

Ҳар чӣ дар олам харобӣ рух диҳад,
Чун бубинӣ аз нифоқ аст, аз нифоқ.
В-он чӣ таъмири харобиҳо кунад,
Дар ҳақиқат иттифоқ аст, иттифоқ.

NATIONAL UNITY AND THE SOCIAL-ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE BADAKHSHAN MOUNTAINOUS AUTONOMOUS PROVINCE

Aziz Giyoev,
deputy Chairman of the BMAP

The article devoted to the importance of national unity in the development of social-economic environment of BMAP. Статья посвящена значению национального единства в развитии социальной экономической среды ГБАО. Only the peaceful policy of the Head of the state allowed Badakhshan to outcome from the communicational-geografic deadlock and with the sure steps to come closer to the power independence. The opening the new roads allowed to speed up the development of business and entrepreneurship, created the environment of international mutually beneficial cooperation of domestic and foreign businessmen. As that time the level of living conditions of population with the financial support of the Government essentially changed as the social payments and development of social-economic environment of the province, where 90 per cent of expenses cover from the state budget.

Key worlds: *Agreement on peace and cooperation, actions of the national unity of the President, communicational deadlock, international magistral Murghob- Kulma-Karokurum, highway Kulob-Darvoz, Institute of human studies, agricultural scientific-test station, University of Central University.*

НАЦИОНАЛЬНОЕ ЕДИНСТВО И СОЦИАЛЬНО – ЭКОНОМИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ ГБАО

Азиз Гиёев,
заместитель председателя Горно – Бадахшанской
автономной области

Статья посвящена значению национального единства в развитии социальной экономической среды ГБАО. Именно миротворческая политика главы государства позволила Бадахшону выйти из коммуникационно-географического тупика и уверенными шагами приблизиться к энергетической независимости. Открытие новых дорог позволило ускорить развитие предпринимательства и бизнеса, создало среду для международного взаимовыгодного сотрудничества отечественных и зарубежных предпринимателей. Одновременно существенно изменился уровень жизни населения за счет финансовой помощи Правительства в виде социальных выплат и развития социально-экономической среды, в области, где 90 процентов затрат покрывается из государственного бюджета.

Ключевые слова: *Договор о мире и сотрудничестве, акции национального единства Президента, коммуникационный тупик, международная магистраль Мургаб–Кульма–Карокурум, автодорога Куляб – Дарвоз, Институт человековедения, сельскохозяйственная научно-испытательная станция, Университет Центральной Азии.*

УДК 323.1+321(575.34)

ТАТБИҚИ СИЁСАТИ СУЛҲУ ВАҲДАТ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Б. Саидов,
мудири шӯъбаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти
давлатии вилояти Хатлон

Дар мақола қайд гардидааст, ки дар вилояти Хатлон, ки минтақаи гарми даргириҳои соли 1992 буд, ваҳдати миллӣ дар рушди соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи вилоят нақши муҳим дорад. Дар давраи 20 соли соҳибистиқлолӣ ва ба даст омадани ваҳдати миллӣ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят 28 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ, энергетика, коммуникатсия, мелиоратсия, нақлиёт, роҳ ва бо газтаъминкунӣ амалӣ гардида, маблағи умумии дар ин самт азхудшуда 172 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

***Калимаҳои калидӣ**: ваҳдати миллӣ, соҳибистиқлолӣ, маҳфили ҳамкориҳои иҷтимоӣ, давлати навбунёди тоҷикон, сармоягузорӣ, заминҳои президентӣ, саноат, кишоварзӣ, роҳсозӣ.*

Боиси хушнудӣ ва сарфарозии миллати тоҷик ва мардуми Тоҷикистон аст, ки соли 2011 бо шукргузорӣ аз ин неъмати бебаҳо 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии азизамонро бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил намудем.

Аз соҳибистиқлолии давлати навбунёди тоҷикон 20 сол гузашта бошад ҳам, аввал ин ки ин муддат барои таърих хело кам аст ва дуввум он ки бадхоҳону душманони миллату давлати мо кӯшиш намуданд ва тавонистанд, ки бар сари мардуми тоҷик воқеаи нангини миллӣ- ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро бор кунанд ва дар натиҷа ҳазорҳо тоҷикон қурбон ва садҳо ҳазор ҳамдиёрони мо муҳоҷирони иҷборӣ шуда, як муддат дар мамлакатҳои бегона ғарибу бенаво монданд.

Хушбахтона, фарзанди баору номус ва қаҳрамони Ватан, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бо заҳматҳову ҷонбозиҳои зиёд тавонист, ки оташи ин ҷангро хомӯш сохта, намояндагони мухолифиниро ба сулҳу салоҳ даъват намояд ва Рӯзи 27 июни соли 1997 ба Созишномаи истиқрори сулҳ имзо гузошта шуд, ки воқеан ҳам рушди босуръати соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ баъд аз ба имзо расидани ин созишнома таъмин гардид.

Бояд қайд намуд, ки дар вилояти Хатлон, ки минтақаи гарми даргириҳои соли 1992 буд, Ваҳдати миллӣ дар рушди соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи вилоят нақши муҳим дорад.

Дар давраи 20 соли соҳибистиқлолӣ ва ба даст омадани Ваҳдати миллӣ, яъне ба ҳолати соли 2011 бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят 28 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ энергетика, коммуникатсия, мелиоратсия, нақлиёт, роҳ ва бо газтаъминкунӣ амалӣ гардида маблағи умумии дар ин самт азхудшуда 172 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ дар вилояти Хатлон соли 2011 ба 8 миллиарду 50 миллион сомонӣ расид, ки нисбати соли 2005 4,5 баробар зиёд буда, ба ҳар як нафар аҳолӣ 2953 сомонӣ рост омада, 4,3 маротиба афзоиш ёфтааст.

Соли 2011 қисми даромади буҷети маҳаллӣ 558 миллион сомониро ташкил дод, ки нисбати соли 1997 76 баробар зиёд мебошад. Хароҷоти буҷети маҳаллӣ бошад, дар соли 2011 ба 543 миллион сомонӣ расид, ки нисбати соли 1997 78 баробар зиёд мебошад.

Дар давраи истиқлолият соҳаи саноат босуръат рушд ёфта, ташкили корхонаҳои нав ва номгӯи маҳсулот сол аз сол афзоиш ёфта истодааст. Агар дар соли 1991 дар вилоят 75 корхонаи саноатӣ фаъолият мекард, соли 2011 271 ва соли 2012 ба 296 адад расидааст.

Дар ин давра 10 корхонаи ресандагӣ фаъолият дошта, танҳо дар соли 2010 корхонаҳои ҶММ «Хима-Текстил»-и ноҳияи Ёвон бо иқтидори 4000 тонна ришта, ҶММ «Зиёратшоҳ»-и ноҳияи Фархор 1200 тонна ришта, ҶСШК «Бофандаи Норак» бо иқтидори 1200 тонна нахи пахта дар як сол сохта ба истифода дода шуданд.

Хати интиқоли барқи дузанҷираи 220 киловолтаи Лолазор -–Хатлон дар фосилаи 56,3 км, нерӯгоҳи барқии обии «Сангтӯда- 1» бо иқтидори 670 меговатт, «Сангтӯда -2» ва 10 нерӯгоҳҳои барқи обии хурд дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Вахш, Румӣ, Балҷувон, Шӯрообод, Ховалинг бо иқтидори умумии 832 киловатт дар ин давра сохта ба истифода дода шуданд.

Инчунин, дар вилоят дар даврони соҳибистиқлолӣ роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб дар масофаи 132 километр мавриди истифода қарор дода шуда, зиёда аз 300 км роҳҳои автомобилгард мавриди таҷдиду азнавсозӣ қарор дода шуд. Аз ҷумла роҳҳои автомобилгарди Душанбе-Қӯрғонтеппа-Кӯлоб ба маблағи 24,6 миллион доллари амрикоӣ, сохтмони пули автомобилгарди Панҷи Поён мавриди истифода қарор дода шуда, марҳилаи дуюми азнавсозии роҳи автомобилгарди Дӯстӣ-Қӯрғонтеппа бо маблағгузории давлати Ҷопон анҷом ёфт. Илова бар ин дар ин давра нақби Шар-Шар дар масофаи 2,2 км ба маблағи 32,1 миллион доллар сохта ба истифода дода шуда, фурудгоҳи шаҳрҳои Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб пурра таҷдиду таъмир ва ба талаботи стандартҳои

байналмилалӣ мувофиқ гардонида шуда, ҳарду фурудгоҳ мақоми байналмилалӣ гирифт.

Дар асоси фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисторн ду маротиба ба масоҳати 30 ҳазор гектар заминҳои президентӣ, барои ташкили хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон ҷудо карда шуданд ва 145 ҳазор оилаҳо аз ин заминҳои ёрирасони шахсӣ бархурдор гардидаанд.

Баъди ба тасвиб расидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 1996, № 522 ислоҳоти замин, таҷдиди сохтори хоҷагиҳо оғоз гардида, мувофиқи талаботи қонунгузории ҷории ҷумҳурӣ то соли 2011 33 ҳазор ва то соли 2012 40,1 ҳазор хоҷагиҳои деҳқонӣ таъсис ёфта, ба ин хоҷагиҳо зиёда аз 300 ҳазор гектар заминҳои корам бо истифодабарии якумраи меросӣ вобаста карда шуд, ки 92 фоизи масоҳати умумии заминҳои корами вилоятро ташкил медиҳад. Соли 2011 назар ба соли 1991 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 7 баробар афзуда, ба 7,2 миллиард сомонӣ расид.

Дар ин давра истеҳсоли ғалла 6,4 баробар, картошка 8,4 баробар, полезиҳо 4,9 баробар, гӯшт 1,6 баробар, шир 1,6 баробар, тухм 3,5 баробар ва пашм 2 баробар афзоиш ёфт.

Солҳои охир соҳаи моҳипарварӣ низ тараққӣ карда, дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 54 хоҷагии моҳипарварӣ фаъолият дошта, дар панҷ моҳи соли 2012 истеҳсоли моҳиро ба 154 тонна расониданд.

Дар вилоят барои рушди соҳаи маориф, вусъат додани ислоҳоти соҳа, баланд бардоштани сифат ва самараи таълиму тарбия, мустаҳкам намудани базаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ корҳои зиёд шудааст. Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба даст овардани Ваҳдати миллӣ таъсис додани филиалҳои донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб, донишгоҳи аграрии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара, бо мақсади татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи энергетика ва таъмини соҳаи номбурда бо кадрҳои баландихтисос таъсис додани донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар шаҳри Қӯрғонтеппа ва Коллеҷи энергетикии ноҳияи Румӣ як навъ ғамхории навбатӣ баҳри фароҳамсозии шароитҳои мувофиқ барои тайёр намудани мутахассисони зарурӣ ва самарабахш ҳал кардани эҳтиёҷоти кадрии соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи вилоят дар оянда мебошад.

Бо ғамхории Сарвари давлат аз соли 1997 сар карда то соли 2011 3959 нафар ҷавонони вилояти Хатлон, аз ҷумла 2829 нафар ҷавондухтарон ва 1130 нафар писарон тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ноҳияҳои дурдасти вилоят ба муассисаҳои таълимии олии ҷумҳурӣ дохил гашта, дар ин муддат наздики 1630 нафар ҷавондухтарон ва писарон баъди хатм дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ кору фаъолият доранд.

Дар зарфи 20-соли соҳибистиқлолӣ теъдоди мактабҳои таҳсилоти умумӣ аз 962 адад ба 1272 адад, шумораи хонандагон аз 422,6 ҳазор ба 643,4 ҳазор нафар расид, ки нисбати соли 1991 310 мактаб ва 221 ҳазор нафар хонанда зиёд мебошад.

Дар ин давра дар асоси Барномаи давлатӣ таъмиру азнавсозии мактабҳои садамавӣ, аз хонаҳои шахсӣ ва вагонхонаҳо баровардани мактабҳо аз 263 адад мактабҳои садамавӣ, дар хонаҳои шахсӣ ва вагонҳобудаи шаҳру ноҳияҳои вилоят 185 ададаш барқарор ва аз вагону хонаҳои шахсӣ бароварда шуданд.

Дар 18 муассисаҳои интернатии вилоят дар ин давра шароитҳои таълиму тарбия, нигоҳдорӣ, таъминот бо маводу ашёҳои зиндагӣ, хониш ва ғизоии кӯдакони ятиму бепарастор ва оилаҳои камбизоат хело беҳтар гардида, ин муассисаҳои таълимиро тӯли 20 сол зиёда аз 4000 нафар тарбиятгирандагон бо таҳсилоти асосии умумӣ ва 1650 нафар бо таҳсилоти миёнаи умумӣ хатм карда, барои идомаи таҳсил дар мактабҳои олию миёнаи касбӣ ва истеҳсолӣ фиристонида шуданд.

Дар зарфи 20 соли соҳибистиқлолӣ, дар соҳаи тандурустии вилоят низ тағйиротҳои назаррас ба вуҷуд омад. Дар ин давра шумораи кадрҳо афзуда, духтурон ду баробар ва кормандони миёнаи тиб бошад 1,3 баробар зиёд гардид.

Маблағгузории соҳаи тандурустӣ давра ба давра зиёд шуда, соли 2012 нисбат ба соли 2000 36 баробар афзоиш ёфта, шумораи муассисаҳои тиббӣ 1513 ададро ташкил дода, аз ин 1067 адади он дар деҳот ба аҳолӣ хизмати тиббӣ мерасонанд. Шумораи духтурони бо маълумоти олӣ 2926 ва бо маълумоти миёнаи тиббӣ 10383 нафарро ташкил медиҳад.

Дар вилоят шумораи бунгоҳҳои саломатӣ 689, марказҳои саломатии деҳотӣ 316, беморхонаҳои рақамӣ 54 ва беморхонаҳои минтақавӣ ба 22 адад расид.

Бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012, №202 ба тасвиб расида, «Барномаи рушди соҳаи тандурустии вилояти Хатлон барои солҳои 2013-2015» ба маблағи 313 миллиону 758,5 ҳазор сомонӣ тасдиқ гардид.

Дар вилоят ҷиҳати рушди пешрафти фарҳанг, барқарор намудани клубу китобхонаҳо ва муассисаҳои фарҳангӣ низ тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида, теъдоди онҳо дар солҳои истиқлолият афзоиш ёфт. Имрӯз дар вилоят 496 китобхона, 312 муассисаи клубӣ, 17 боғи фарҳангӣ ва 17 осорхона фаъолият доранд.

Танҳо дар панҷ соли охир дар вилоят 9 муассисаи фарҳангӣ ба маблағи 75,8 миллион сомонӣ, аз ҷумла осорхонаи бостоншиносии шаҳри Кӯлоб, майдони Маркази фарҳангии ба номи Ҷалолуддини Балхӣ ва гулгашти ба номи

Абӯабдулоҳи Рӯдакӣ дар шаҳри Қӯрғонтеппа, таҷдиди боғи фарҳангӣ ва сохтмони Чойхонаи миллӣ дар ноҳияи Данғара анҷом ёфта, бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон осорхонаи “Авесто” ва китобхонаи вилоятии ба номи Шамсиддин Шоҳин дар шаҳри Қӯрғонтеппа бо тарҳу лоиҳакашии муосир мавриди истифода қарор дода шуд.

Он дастовардҳое, ки дар боло бо таври фишурда қайд гардидаанд, аз файзи истиқлол ва ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ мебошад, ки бевосита бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расида буд ва дар хотираи таърихии халқи тоҷик ҷовидон хоҳад монд.

Ваҳдат рамзи воқеӣ ва ҷавҳари фалсафаи сулҳофарӣ, фарҳангпарварию таҳаммулпазирии миллати тоҷик ва таҷассумгари иттиҳоду ҳамбастагии тамоми мардуми Тоҷикистон буда, аз сиришти сулҳпарварона ва ақлу заковати халқи тоҷик шаҳодат медиҳад.

Рисолати сулҳпарварии халқи тоҷик дар пурихтилофтарин давраҳои таърих ва бархурди тамаддунҳои гуногун низ ҳамеша ба суботу оромии кишвар равона гардида буд.

Ифтихор аз он мекунем, ки мардуми тоҷик дар таърихи тӯлонии худ давраҳои бисёр сахту сангинро сипарӣ намуда, бо фарҳанги воло, хиради азалӣ ва тадбиру таҳаммул аз ҳама гуна бӯҳронҳои иҷтимоӣ ва маънавӣ раҳоӣ ёфта, тавассути фарҳанги таҳаммулгарову башардӯстонаи хеш борҳо давлату ҷомеаи тоҷиконро аз гирдоби марговари бозиҳои сиёсӣ наҷот додааст.

Чеҳраҳои барҷастаи тамаддуни мо – Имоми Аъзам, Имом Бухорӣ, устод Рудакӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Носири Хусрав ва бузургони дигар, ки родмардони фидоӣ ва фарзандони фарзонаи тоҷиканд, тавонистанд истиқлолияту озодӣ ва асолату ҳуввияти миллиро бо ҷасорату матонат ва зиракиву фаросат ҳифз намуда, ба онҳо ҷило ва баҚои тоза бахшанд.

Ин абармардони таърихӣ арзишҳои бунёдӣ ва маънавиёти зиндагисозро дар чорчӯбаи ислом густариш дода, ҳамзамон бо ин забону фарҳанги миллӣ, суннату русум ва симои хоси таърихии ниёгони худро дар замонҳое ҳифз намудаанд, ки дар он давраҳо даҳҳо миллату халқиятҳо ва давлатҳои хурду бузург аз арсаи таърих беному нишон гаштаанд.

Нобасомониҳои солҳои 90-уми асри гузашта имтиҳони навбатии таърих ва озмоиши сарнавиштсозе буд, ки мардуми Тоҷикистон ва миллати хирадпешаи мо онро сипарӣ намуда, роҳи мутамаддини давлатдорӣ ва равиши ҳамбастагиро бо ҷомеаи башарӣ пеш гирифт ва вазъияти сиёсии он солҳо дар назди ҷомеаи мо масъалаҳои зиёдеро, аз қабили раванди оғозгардидаи истиқрори сулҳ ҳам аз ҳукумат, ҳам аз аҳли ҷомеа ва ҳам аз нерӯҳои мухолиф амалҳоеро таҚозо менамуд, ки ба таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ

мусоидат намоянд. Бинобар ин ба хотири таҳкими раванди сулҳу созандагӣ дар Тоҷикистон, аз ҷониби ҳукумат иқдом гирифта шуд, ки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ ба вуҷуд оранд, ки он вазифаи ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми нерӯҳоро адо намояд.

Ҳамин тавр дар он давра ғояи ташкили Шӯрои ҷамъиятӣ ба миён омад ва 9-уми марти соли 1996 бо ташаббуси бевоситаи Президенти кишвар "Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон" ба имзо расид ва барои амалӣ намудани матлабҳои аҳднома Шӯрои ҷамъиятии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Имрӯз дар вилояти Хатлон низ Шӯрои ҷамъиятии вилоят фаъолият намуда, барои ҳаллу фасли бисёр масъалаҳои муҳими ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангии вилоят имконият фароҳам меорад.

Боиси тазаккур аст, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию сиёсии замони муосир, бахусус дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳамчун ҷузъи ҷомеаи шаҳрвандии мо мақоми хоса пайдо намудааст.

Айни ҳол дар ҳудуди вилояти Хатлон 364 ташкилоти ҷамъиятии маҳаллӣ, яъне вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ба қайд гирифта шуда, онҳо дар ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллӣ ҷиҳати беҳдошти сатҳи зисти аҳолӣ лоиҳаҳои зиёдро амалӣ намуда истодаанд.

Илова бар ин 9 ташкилоти ҷамъиятӣ ғайр аз фаъолияти оинномавии худ дар самти расонидани машваратҳои ҳуқуқӣ низ машғул мебошанд, ки дар ин ҷода ташкилотҳое, ки фаъолият доранд, ба комёбиҳои назаррас ноил гардида, ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, махсусан занони деҳот саҳм гузошта истодаанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки раванди бунёдкориву созандагӣ ва рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар кишвар амалан пеш гирифтааст, барои фаъолияти созмонҳои ҷамъиятиву сиёсӣ, ҷамъиятҳои миллию фарҳангӣ, ташкилотҳои динӣ ва васоити ахбори омма шароити мусоид фароҳам овардааст. Натиҷаи ҳамин аст, ки дар вилояти Хатлон ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ озодона фаъолият доранд.

Падидаи нав – маҷлисҳое, ки аз тарафи Шӯрои ҷамъиятӣ таҳти унвони «Маҳфили ҳамкориҳои иҷтимоӣ» бо иштироки сохторҳои ҳукуматӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, хабарнигорон ва созмонҳои байналмилалӣ гузаронида мешавад, имконият фароҳам меорад, ки аз тарафи иштирокчиён оид ба роҳҳои бартараф намудани масъалаҳои баррасишаванда ва монеаҳои ҷойдошта таклифу андешаҳои ҷолиб пешниҳод карда шавад.

Имрӯзҳо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон бо ҳамаи созмонҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ оид ба рушди соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ дар ҳамкории зич қарор дорад.

Бо итминон метавон қайд намуд, ки ба имзо расидани “Аҳдномаи ризоияти Тоҷикистон”, ки ин ҳам заҳматҳои зиёди Роҳбари давлат, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки Тоҷикистони азизро аз гирдоби мудҳиши ҷанги шаҳрвандӣ раҳоӣ дода, зимни имзои санади истиқрори сулҳ ва оштии миллӣ дар кишвари азизамон Ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботро устувор намуда, бо ҳамдиливу ҳусни тафоҳум дар якҷоягӣ бо созмонҳои ҷамъиятӣ ва намояндагони ақаллиятҳои миллӣ бисёр мушкилоти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ ҳаллу фасл гардид.

Дар ин раванд мо пеш аз ҳама пойдевори кохи бузурги Ваҳдатро бунёд гузошта, барои зиндагии шоиставу арзандаи мардуми Тоҷикистон марҳала ба марҳала заминаи мусоид фароҳам овардем.

Имрӯз сохторҳои давлатдории мо зина ба зина ташаккул ёфта, кишвари соҳибихтиёр ва давлати мустақили миллиамон ба сӯи бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ қадамҳои устувор мегузорад.

Мо дар фазои сулҳу субот ва ҳамдигарфаҳмӣ нақшаҳои бузурги умумимиллиамонро тарҳрезӣ намуда, ҳадафҳои наҷибу ояндасози давлатдориамонро амалӣ мегардонем.

Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои стратегии давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне таъмини истиқлолияти энергетикӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо кардани кишвар ва таъмини амнияти озуқаворӣ то ба имрӯз мо ба як қатор дастовардҳои назаррас, аз ҷумла рушди соҳаҳои энергетика, роҳсозиву алоқа ва сохтмону кишоварзӣ ноил шудем, ки ҳамаи онҳо барои аҳли ҷомеа мисли оина равшан аст.

Дар шароити шиддат гирифтани раванди ҷаҳонишавӣ ваҳдати миллӣ ва фазои сулҳу осоиш барои мардуми Тоҷикистон аз ҳарвақта дида заруртар аст.

Зеро таҳкими дастовардҳои истиқлолият, пояҳои давлатдории миллӣ, пуштибонии амнияту суботи сиёсӣ, татбиқи ҳадафҳои стратегӣ, тақвияти иқтидори иқтисодиву иҷтимоӣ, хулоса рушди рӯзафзуни Ватани азизамон маҳз аз фазои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ вобаста мебошад.

Бинобар ин, бояд кӯшиш намоем, ки ҳар як соли сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ барои мардуми мо соли пешрафт, дастовардҳои нави иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву сиёсӣ гардида, барои афзудани нуфузу эътибори кишвари азизамон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат намояд.

Имрӯз моро зарур аст, ки сулҳу субот ва ваҳдати миллиро чун гавҳараки чашм ва сарвати бебаҳо ҳифз намоем, ба қадру манзалати истиқлолият ва давлатдории мустақилона расем, худро ҳамтақдир ва ҳаммароми миллати хеш донем ва аз неъмати бузурги Ватану ватандорӣ ифтихор намоем.

Ҳифзи дастоварди нодир ва таърихии халқамон, яъне ваҳдати миллӣ вазифаи муҳимтарин ва аввалиндараҷаи тамоми мардуми Тоҷикистон, ҳамаи мақомоти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мебошад.

Ҳамеша бояд дар хотир дошт, ки бузургиву устуворӣ ва қудрату ғановати ваҳдати миллии мо аз сатҳи худшиносии миллӣ, омӯзиш ва корбасти арзишҳои неки миллӣ, ҷанбаҳои созандаи маданияти моддӣ ва маънавии миллат вобастагӣ дорад.

Мо бояд шукрона кунем, ки таҳти сиёсати хирадмандонаи фарзанди фарзонаи миллат ва қаҳрамон Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба чунин рӯзгори орому осуда ва сулҳу ваҳдати комил расидаем ва ҳоло таҷрибаи нодири сулҳи тоҷиконро созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва давлатҳои дунё меомӯзанд.

Миллати тоҷик ва тоҷикистониён бояд як нуктаи бисёр муҳимро, ки Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо таъкид менамоянд, фаромӯш насозанд. Яъне: **«Ҳамеша ва дар ҳама ҷой дар хотир дошта бошем, ки мо танҳо як Ватан, як сарзамини воҳиду муқаддас дорем ва дар ҷаҳон моро бо номи Ватани маҳбубамон - Тоҷикистон мешиносанд ва эҳтиром мекунанд»**

Итминони комил дорем, ки мардуми сарбаланди вилояти Хатлон дар фазои сулҳу салоҳ ва ваҳдати миллӣ, дар рушду нумӯи Тоҷикистони азиз - ин кишвари домони гардун ва дорои табиати нотакрор бо меҳнати шоиставу бунёдкорона нақши арзандаи хешро мегузоранд.

REALIZATION THE POLICY OF PEACE AND UNITY IN THE KHATLON PROVINCE

B. Saidov,
Head of department of local executive state authority I the Khatlon province

In the article it is marked, that in Khatlon province, which was the center of hot collisions in 1992, the national unity in various areas of a national economy played an essential role. During the 20 years of Independence and with a finding of national unity according to the support of Government of Tajikistan in the province are financed 28 working projects in sphere of education, public health services, agriculture, power, communication, melioration, transport, roads and gas maintenance on a total sum of 172 mln US dollars.

Key worlds: *national unity, independence, assembly of the social workers, reconstruction of the Tajik state, investment, presidential quota on land, industry, agriculture, construction of roads.*

ОСУЩЕСТВЛЕНИЕ ПОЛИТИКИ МИРА И ЕДИНСТВА В ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

Б. Саидов,
заведуюший отделом органов исполнительной
государственной власти Хатлонской области

В статье отмечается, что в Хатлонской области, которая являлась очагом жарких столкновений в 1992 году, национальное единство в различных областях народного хозяйства играло существенную роль. За 20 лет независимости и с обретением национального единства при поддержке Правительства РТ в области профинансировано 28 действующих проектов в сфере образования, здравоохранения, сельского хозяйства, энергетики, коммуникации, мелиорации, транспорта, дорог и обеспечения газом на общую сумму 172 млн. дол.США.

Ключевые слова*: национальное единство, независимость, собрание социальных работников, вновь образованное государство таджиков, инвестиции, президентская квота на землю, промышленность, сельское хозяйство, строительство дорог.*

УДК 323/324+332.145(575.3-191,2)

СИЁСАТИ ВАҲДАТСОЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ВА ПЕШРАФТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ ТАВИЛДАРА

Г. Раҳимова,
муовини раиси ноҳияи Тавилдара

Дар мақола нақш, аҳамият ва таъсири сиёсати ваҳдатсози Президенти кишвар ба пешрафти иҷтимоию иқтисодии ноҳияи кӯҳистони Тавилдара мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифтааст. Тавилдара ноҳияи аграрӣ буда, асоси иқтисодиёти он соҳаи кишоварзӣ мебошад. Самтҳои асосии хоҷагидории ноҳия боғдорӣ, картошкапарварӣ, чорводорӣ, галлакорӣ ва занбӯри асал мебошад, ки дар ин самт зиёда аз 360 хоҷагии деҳқонӣ фаъолият мекунанд. Ноҳияи Тавилдара зода ва ҳамқадами замони Истиқлолият буда, дар зарфи 15 соли Ваҳдати миллӣ маркази ноҳияро биноҳои зебову замонавӣ ва хуштарҳ оро додааанд. Кӯчаву растаҳо зеботару дилкаштар гардидааанд.

Калимаҳои калидӣ: *сиёсати ваҳдатсоз, сулҳу оромӣ, оштиву ваҳдат, хатҳои оби нӯшокӣ, каналҳои обёрикунанда, пулҳои мошингузару пиёдагузар, ғаллакорӣ.*

Ваҳдати миллӣ барои дар як тоҷики ватандӯст ва бонангу номус муқаддастарин ҷашн ба ҳисоб меравад, зеро ин иди сулҳу оромӣ, осудагиву ҳамдигарфаҳмӣ ва оштиву Ваҳдат аст. Чунон ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон гуфтаанд: - “Чун гавҳараки чашм эҳтиёт намудани сулҳу субот ва Ваҳдати миллӣ вазифаи ҷониву имонии ҳар шаҳрванди равшандилу солимфикри Тоҷикистон мебошад, зеро роҳи ягона ва шарти ҳатмии рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва ободии Ватан суботу оромӣ мебошад.”

Ҳамин тавр, агар ҳамин рӯзи саид намебуд, шояд номи миллати куҳанбунёди тоҷик аз саҳифаи таърих сутурда мегардид, вале хушбахтона Сарвари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон қадамҳои аввалини худро дар арсаи сиёсат дар роҳи сулҳ ва Ваҳдати миллӣ гузошт ва ин боиси хушнудиву сарбаландист, ки аз таҷрибаи сулҳи тоҷикон дар дигар давлатҳо истифода мебаранд.

Бо саъю кӯшиши Сарвари давлат баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ 15 сол боз дар зери офтоби сулҳ ва якдигарфаҳмӣ зиндагии осоишта дорем.

Дар давоми 15 соли Ваҳдати миллӣ ноҳияи Тавилдара рӯ ба тараққӣ ниҳода, ба як қатор дастовардҳои беназир ноил гашт. Баъди ба имзо расидани

Созишномаи сулҳ мардуми шарифи ноҳия рӯҳу илҳоми тоза гирифта, барои рушду нумӯи диёри хеш ва Тоҷикистони соҳибистиқлол азму талошҳои зиёде намуда, ба бисёр комёбиҳои назаррас ноил гардиданд.

Тавилдара ноҳияи аграрӣ буда, асоси иқтисодиёти он соҳаи кишоварзӣ мебошад. Самтҳои асосии хоҷагидории ноҳия боғдорӣ, картошкапарварӣ, чорводорӣ, галлакорӣ ва занбӯри асал мебошад, ки дар ин самт зиёда аз 360 хоҷагии деҳқонӣ фаъолият мекунанд.

Ноҳияи Тавилдара зода ва ҳамқадами замони Истиқлолият буда, дар зарфи 15 соли Ваҳдати миллӣ маркази ноҳияро биноҳои зебову замонавӣ ва хуштарҳ оро додаанд. Кӯчаву растаҳо зеботару дилкаштар гардидаанд.

Пас аз сафарҳои кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 14-15 сентябри соли 2000 ва 4 октябри соли 2008 корҳои ободонию созандагӣ дар ноҳияи Тавилдара вусъати тоза гирифтанд.

Дар ноҳия чандин биноҳои хуштарҳу замонавӣ аз қабили бинои комиссариати ҳарбӣ, бинои филиали Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком», бинои корхонаи давлатии фаръии хоҷагии манзилию коммуналӣ, бинои шӯъбаи молия, бинои маркази санитарию эпидемиологии ноҳия, бинои шӯъбаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, бинои шӯъбаи № 21-и «Амонатбонк», бинои хобгоҳ барои мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ, бинои прокуратураи ноҳия, бинои «Ассотсиатсияи занбӯри асалпарварӣ» дар ҷамоати деҳоти Чилдара ва даҳҳо биноҳои дигар қомат афрохтаанд.

Айни замон сохтмони бинои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, варзишгоҳи марказии ноҳия, бунёди қасри фарҳанг барои 500 ҷойи нишаст дар маркази ноҳия идома дорад.

Бунёди 80 километр хатҳои оби нӯшокӣ, чандин каналҳои обёрикунанда ва пулҳои мошингузару пиёдагузар ба истифода дода шудаанд, ки самараи Ваҳдати миллӣ мебошанд.

Дар соҳаи маориф пешравиҳои назаррас ба чашм мерасанд. Аз оғози Ваҳдати миллӣ то имруз сохтмони 39 бинои мактаб ба анҷом расонида шуда, хонандагон пурра аз хонаҳои шахсӣ ва вагонҳо ба мактабҳои хуштарҳу замонавӣ гузаштанд. Инчунин дар назди 28 мактаб ошхона сохта ба истифода дода шудааст.

Барномаи бо квотаи Президентӣ сафарбар намудани ҷавондухтарон ва ҷавонписарони лаёқатманд ба донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нишонаи он аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи маълумотнок шудани ҷавонони лаёқатманд диққати махсус медиҳад. Ҷавонон аз фурсати муносиб истифода бурда, савияи маълумотнокӣ ва касбомӯзии худро баланд бардошта истодаанд. Аз соли 1997 128 нафар донишҷӯ тариқи

квотаи президентӣ донишгоҳу донишкадаҳоро хатм намуда, ҳоло дар соҳаҳои гуногун кору фаъолият доранд.

Дар зарфи 15 соли Ваҳдати миллӣ дар соҳаи тандурустӣ низ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омад. Шӯъбаи ҷарроҳӣ аз нав сохта шуда, бо таҷҳизот таъмин гардид. Ба мақсади ҳифзи саломатии мардум Маркази саломатӣ ба фаъолият шурӯъ намуд. Инчунин 2 маркази саломатӣ дар ҷамоатҳои деҳот сохта ба истифода дода шуданд.

Дар ноҳия ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, масъалаҳои дастгирии иҷтимоии табақаҳои камбизоати аҳолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва умуман беҳтар кардани сатҳу сифати зиндагии мардум аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад.

Ҳамин тариқ ҳамаи дастоварди фарҳангиву таърихӣ, иқтидори созандагию бунёдкорӣ дар ноҳия аз партави офтоби шӯълабори Ваҳдати миллӣ мебошанд, ки дар муддати на чандон тӯлонӣ маркази ноҳия ба як шаҳраки ҳозиразамон табдил ёфт.

Боиси тазаккур аст, ки инкишофи ҳаёти ҷомеа дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсии шаҳрвандон, аз ҷумла ҳуқуқи муттаҳид шудан ба ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлат, истифода аз ҳуқуқи озодии сухан, муайян намудани муносибат ба дин асоси демократикунонии ҳаёти ҷомеа эътироф шудаанд.

Ноҳияи Тавилдара мавқеи асосии ҷойгиршавии канданиҳои фоиданокро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доро аст. Дар ҳудуди ноҳия зиёда аз 90 қитъаҳои конҳое, ки захираашон ҷавобгӯи коркарди махсулоти саноатӣ мебошанд, муайян карда шудаанд. Айни ҳол дар ноҳия ду корхонаи саноатӣ: Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Вуромун», ки ба истеҳсол ва истихроҷи ангиштсанг машғул мебошад ва корхонаи заршӯӣ фаъолият менамоянд. Бояд қайд намуд, ки дар ҳавзаи дарёи Хингоб захираи гидроэнергетикӣ барои бунёди нерӯгоҳҳои барқии обии хурд бо иқтидори аз 3 то 15 мегаватт вуҷуд дорад. Дар атрофи ҳавзаи мазкур конҳои тилло, ангишт, сурб, мармар, марганетс ва намак мавҷуд буда, баъди ба фаъолият оғоз намудани нерӯгоҳҳои хурд метавон коркарди маъданҳои номбурдаро хуб ба роҳ монд ва баҳри баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат намуд.

Тавилдара барои рушди сайёҳӣ, кӯҳнавардӣ, коркарди мева ва гиёҳҳои шифобахш шароити мусоид дорад. Табиати ин ҷо солҳост, ки диққати дӯстдорону шавқмандони саёҳат ва кӯҳнавардони дохил ва хориҷи кишварро ба худ ҷалб намудааст.

Аз ин рӯ, дар ноҳия фаъолият намудани корхонаҳои ғайридавлатӣ, ташкилоту иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ аз аҳамият холӣ нест. Дар ҳудуди ноҳия 9 иттиҳодияи ҷамъиятӣ ва даҳҳо корхонаҳои гайридавлатӣ фаъолият доранд.

Ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҳаёти имрӯзаи мо нақши муҳимро мебозанд. Иттиҳодияҳои чамъиятӣ дар корҳои бунёдкорию созандагӣ ширкати фаъолона дошта, мубоҳиса ва рақобати онҳо рақобати солиму бунёдкорона ва ба нафъи ҷамъият аст.

13 майи соли 2012 бар асари заминларзаи шадид 163 хоҷагии ҷамоатҳои деҳоти Чилдара ва Тавилдара зарари ҷиддӣ диданд. Зарари хисорот дар ин офати табиӣ зиёда аз 7 миллион сомониро ташкил намуд. Пас аз ду рӯзи ба вуқӯъ омадани заминларза Президенти мамлакат ба маҳали офатзада омада, бо аҳолии осебдида дар деҳаи Руботноли деҳоти Чилдара мулоқот намуд. Бо супориши Сарвари давлат ба мардуми аз заминларза зарардида дар мӯҳлати кӯтоҳ маводи ғизоӣ ва хаймаҳо тақсим гардид, сохтмони биноҳои нави ҳозиразамони мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 12-и деҳаи Руботнол, бунгоҳи тиббӣ дар деҳаи мазкур, хобгоҳ ва бинои таълимӣ дар назди мактаб-интернати ҷумҳурявии кӯдакони ятими ноҳия дар деҳаи Шаҳринав ба нақша гирифта шуд ва соли равон ин биноҳо мавриди истифода қарор дода мешаванд.

Баҳри сазовор истиқбол гирифтани ҷашни 15-солагии Ваҳдати миллӣ меҳнаткашони ноҳияи Тавилдара ҳамаҷониба кӯшишу ғайрат намуданд. Ҳар як сокини ноҳия хуб медонад, ки бо ҳисси баланди ватанпарастиву миллатдӯстии хеш Ваҳдати миллиро пос дошта, аҳамияти онро ба ояндагон талқин намудан вазифаи ҷонии ҳар кадоми онҳост. Вазифаи имрӯзаи мо таблиғи тарзи ҳаёти солим, ҳамкорӣ ҷиҳати рушди соҳаи маориф, беҳбудии таълиму тарбия, пешгирии нашъамандӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум аст. Мо имрӯз бояд тамоми мардумро пеш аз ҳама ба ваҳдат, шукргузорӣ аз даврони истиқлолият, хештаншиносӣ ва созандагию бунёдкорӣ раҳнамун созем.

THE POLICY OF NATIONAL UNITY OF THE PRESIDENT OF TAJIKISTAN EMOMALI RAHMON AND SOCIAL-ECONOMIC DEVELOPMENT OF TAVILDARA AREA

G. **Rahimova**,
deputy Chairman of the Tavildara area

This article is discussed the contribution, importance and influence of politics of national unity of the President of the country in socio economic development of mountain Tavildara area. Being agricultural area, Tavildara develops the economy on the basis of agriculture. 360 farmer economies in area develop gardening, potato cultivating, animal breeding, grain production and beekeeping. Tavildara is a fruit of national unity and national independence and is decorated with the modern buildings and parks.

Key worlds: *the policy of unity, peace and stability, unity of reconciliation, water network, network of melioration channels, automobile and foot bridges, grain production.*

ПОЛИТИКА НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ЭМОМАЛИ РАХМОНА И СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ РАЙОНА ТАВИЛДАРА

Г. Рахимова,
заместитель председателя района Тавилдара

В статье обсуждается вклад, значение и влияние политики национального единства Президента страны в социально-экономическое развитие горного района Тавилдара. Будучи сельско-хозяйственным районом Тавилдара развивает свою экономику на основе сельского хозяйства. 360 дехканских хозяйств в районе развивают садоводство, картофелеводство, животноводство, зерноводство и пчеловодство. Тавилдара является детищем национального единства и национальной независимости и украшена современными зданиями и парками.

Ключевые слова: *политика единства, мир и спокойствие, единство примирения, водопроводная сеть, сеть поливнях каналов, автомобильные и пешеходные мосты, зерноводство.*

УДК 323.1+321(575.3-191.3)

ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - РОҲ БА СӮИ СОЗАНДАГӢ

Муҳаббат Ҷалолӣ,
муовини раиси шаҳри Турсунзода

Дар мақола таъкид шудааст, ки маҳз ваҳдати миллӣ роҳро барои созандагӣ ва бунёдкорӣ дар кишвари мо боз намуд. Пойдории Ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот дар ҷомеаи навини давлатамон имкон дод, ки дар баробари дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ шаҳри Турсунзода низ рушду равнақ ёбад. Дар давоми 15 соли охир аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблаггузории давлатӣ барои рушди шаҳри Турсунзода 440 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст, ки ин маблағҳо барои беҳтар намудани вазъи соҳаҳои иҷтимоӣ, бунёди иншооти таъиноти гуногун, сохтмон ва таъмиру таҷдиди роҳҳо, инчунин дастгирии буҷети шаҳр равона карда шудааст.

Калимаҳои калидӣ: *санади тақдирсоз, таҷрибаи сулҳофарии тоҷикон, сиёсати хирадмандона, пешвои халқ, таъмини сулҳ, иттиҳоду ягонагии мардум, меъмори сулҳ.*

Санади тақдирсози сулҳу ваҳдати тоҷикон, воқеан, рамзи баҳамоиву сарҷамъии миллат ва иттиҳоду ягонагии мардум, рамзи пирӯзии ақлу заковати солим ва тантанаи сулҳу субот дар саросари кишвар гардида, моро ба кохи бегазанди ваҳдати миллӣ расонид ва роҳи ояндаро ба сӯи нақшаҳои бузурги созандагӣ ва ҳадафҳои начиби бунёдкорӣ оғоз намуд.

Таърих гувоҳ аст, ки халқи тоҷик аз азал барои бунёди давлати соҳибистиқлол пайроҳаҳои душвору марҳилаи сангини зиндагиро паси сар намуда, бо истифода аз хираду мусолиҳа, бе талафоти зиёд ба сулҳу субот расидааст.

Солҳои навадуми асри гузашта низ садҳо ҳамватанони мо ба иғвою дасисаҳои душанони хориҷиву дохилӣ бовар намуда, муқобили давлату миллати хеш баромаданд ва дар ин ҷанги бемаънии бародаркуш ҷони садҳо фарзандони халқро аз даст доданд.

Дар ин лаҳзаҳои барои миллат сарнавиштсоз фарзанди фарзонаи халқ, Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешвои халқи худ гашт ва бо ақлу хиради азалии хеш тавонист миллату давлати худро аз вартаи нобудӣ начот диҳад.

Даъвати нахустини Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири таъмини сулҳ ва оғози музокироти сиёсӣ ҳануз дар иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олӣ садо дода буд, ки зимни суханронии худ Сарвари давлат ҷангу зӯроварӣ ва муборизаи мусаллаҳонаро ҳамчун василаи

ба эътидол овардани ҷомеа қатъиян маҳкум намуда, ба тарафҳои мухолиф роҳи осоиштаи халли низои сиёсиро пешниҳод намуд.

Дар он рӯзҳо ва минбаъд низ ин пешниҳод намунаи нодири таҷрибаи сулҳофарӣ ба шумор мерафт, ки бо роҳи задухурдҳои мусаллаҳона ва идомаи ҷанги шаҳрвандӣ ҳал намудани ихтилофоти сиёсиро маҳкум намуда, фурӯ нишондани оташи ҷанги шаҳрвандӣ ва ниҳоят ба ҳамдигарфаҳмиву ҳамдигарбахшӣ расидани ҷонибҳои мухолифро талқин мекард.

Ин ташаббуси нахустини сулҳофарӣ, бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд барои миллати мо чун қутбнамои оянда хизмат карда, роҳи минбаъдаи моро ба сӯи ваҳдати миллат боз намуд.

Имрӯз ҳар яки мо бояд шукрона ва ифтихор кунем, ки тавонистем тамоми душвориҳоро дар роҳи эҷоди сулҳу ваҳдати миллӣ бартараф созем, арзишҳои бузурги умумимиллӣ - соҳибистиклолӣ, давлату давлатдории миллӣ ва ягонагии марзу буми Ватани азизамонро аз манфиату ғаразҳои гурӯҳиву ҳизбӣ боло гузорем, тадриҷан пойдории сулҳу субот ва оромиву амнияти кишварамонро таъмин намоем.

Имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ шаҳодати пирӯзии хиради мардуми сулҳпарвар ва фарҳангдӯсти тоҷик мебошад, ки сиёсати пешгирифаи давлатро дар он рӯзҳои душвор самимонаву дилгармона дастгирӣ намуданд. Ин бори дигар исбот намуд, ки миллати тоҷик аз азал бо сулҳу салоҳ ва муросову мадоро мушкилоти сиёсиву иҷтимоии худро ҳал намудааст ва музокироту созишро чун роҳи ягонаи расидан ба сулҳ ва наҷоти миллӣ пазируфтааст.

Аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳайси падидаи нодири ҳалли низоъҳои сиёсӣ ва бӯҳрони миллӣ эътироф гардидани таҷрибаи сулҳофарии тоҷикон далели возеҳи ин матлаб мебошад, ки эътибори моро дар арсаи байналмилалӣ чун миллати мутамаддину фарҳангӣ афзудааст.

Ба қавли собиқ мунши умумии Созмони Милали Муттаҳид Кофи Аннан «тоҷикон намунаи беназири таҷрибаи сулҳофариро барои мамлакатҳои дигар армуғон оварданд».

Арзиши сулҳу ваҳдати миллиро Сарвари давлатамон, ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни баромадҳои хеш пайваста ёдовар мешаванд, ки: «агар дар мамлакат сулҳу субот ҳукмфармо бошад, ҳамаи масъалаву мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ тадриҷан ҳалли худро меёбанд ва танҳо дар ҳамин сурат мо метавонем бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро, ки бо иродаи мардуми Тоҷикистон ҳамчун ҳадафи ниҳоии худ қарор додаем, идома диҳем ва барои шаҳрвандони мамлакат шароити сазовори зиндагиро муҳайё намоем».

Ин аст, ки Рӯзи Ваҳдат дар байни ҷашнҳои миллии мо мақоми хоса дорад. Чунки мо ба ин рӯзи пурсаодат бар ивази талафоти бузурги моддиву маънавӣ,

ҷони ҳазорон қурбоншуда, заҳмату машаққат ва сабру таҳаммули зиёд расидаем. Маҳз аз ҳамин лиҳоз, ба имзо расидани ин санади воқеан тақдирсоз яке аз саҳифаҳои муҳимтарини таърихи навини кишварамон ба ҳисоб меравад.

Меъмори сулҳи тоҷикон бешубҳа Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳастанд, ки аз рӯзи аввали ба сари қудрат омадан барои дар саросари кишвар барқарор намудани сулҳи пойдор талошу ҷонбозиҳо карда, оқибат Тоҷикистонро ба хонаи умеди тоҷикон ва Ватани сулҳу ваҳдат мубаддал сохтанд.

15 соле, ки пас аз ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ гузашт, марҳилаи таҳкими худогоҳии таърихӣ ва эҷоди тафаккури миллӣ буд. Таҷлили 2700-солагии таълифи китоби муқаддаси «Авасто», ҳазорсолаи “Шоҳнома”-и безаволи Фирдавсӣ, 1100-солагии давлати Сомониён, соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ, ҷашнҳои пуршукӯҳи 2500-солагии Истаравшан, 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб, санаҳои муқаддаси милоди нобиғаҳои адабу фарҳанги гузаштаи мо – Борбади Марвазӣ, Мирсайид Алии Ҳамадонӣ, Камоли Хуҷандӣ, Носири Хусрав, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва соли бузургдоштии фақеҳи бузурги олами ислом Имоми Аъзам дар ташаккули худогоҳӣ ва тарбияи ҳисси ифтихори миллӣ доштан нақши созанда бозиданд.

Омодагӣ баҳри таҷлили бошукӯҳи ҷашни таърихиву тақдирсози миллат – 20-солагии Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки оғози талошҳои халқи кишвар барои расидаи ба сулҳу ваҳдат буд, халқи кишварамонро боз ҳам ба суйи созандагиҳои нав ба нав ҳидоят менамояд.

Пойдории Ваҳдати миллӣ ва сулҳу суббот дар ҷомеаи навини давлатамон имкон дод, ки дар баробари дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ шаҳри Турсунзода низ рушду равнақ ёбад.

Аз соли 1997 инҷониб дар қаламрави шаҳри Турсунзода 2 литсейи замонавӣ ва 11 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ сохта ба истифода дода шуда, сохтмони 4 мактаби замонавии дигар дар марказ ва деҳоти шаҳр идома доранд;

- барои нигаҳдории саломатии шаҳрвандон 1 маркази саломатӣ ва 3 бунгоҳи тиббӣ ва дар маркази шаҳр 5 маркази ташхисиву табобатӣ сохта ба истифода дода шуд;
- ҷиҳати беҳдошти фарҳангу маданияти заҳматкашони диёрамон муҷассамаи шоҳ Исмоили Сомонӣ, муҷассамаи шоири шинохта, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода қомат афрохтаанд, Осорхона ва китобхонаи марказии шаҳри Турсунзода мавриди истифода қарор гирифт, варзишгоҳи «Металлург»-и шаҳр бо ҷойи нишасти 15 ҳазор нафар тамошобин азнавсозӣ карда шуд, меҳмонхонаи «Ширкент» баъди таъмиру азнавсозӣ ба меҳмонхонаи се ситорадор мубаддал гардида,

сохтмони якчанд хонаҳои баландошёнаи истиқоматӣ, комплекси варзишии «Самандар-21», чойхонаи миллии «Ваҳдат», чойхонаи миллӣ барои собиқадорони ҷангу меҳнат дар боғи фарҳангу истироҳатӣ, конфронстолор дар бинои мақомоти иҷроияи шаҳр, гулгашти «60-солагии Ғалаба» ва хиёбон дар идомаи кӯчаи марказии ба номи Исмоили Сомонӣ ва якчанд тарабхонаҳои замонавӣ бунёд ёфтанд.

Ҳукумати Тоҷикистон низ дар навбати худ ҳамаи захираву имкониятҳоро барои зина ба зина беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар, аз ҷумла, сокинони заҳматқарини шаҳри Турсунзода сафарбар намудааст.

Масалан, дар давоми 15 соли охир аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблаггузории давлатӣ барои рушди шаҳри Турсунзода 440 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст, ки ин маблағҳо барои беҳтар намудани вазъи соҳаҳои иҷтимоӣ, бунёди иншооти таъиноти гуногун, сохтмон ва таъмиру таҷдиди роҳҳо, инчунин дастгирии буҷети шаҳр равона карда шудаанд. Аз ҷумла, аз ҳисоби Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва буҷети ҷумҳуриявӣ барои пардохти ҷубронпулӣ ба оилаҳои камбизоат, инчунин аз ҳисоби маблағҳои асосии марказонидашудаи вазорату идораҳо ва бонкҳо барои додани қарзи имтиёзнок ҷиҳати рушди соҳибкорӣ ва соҳаи кишоварзӣ беш аз 40 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст.

Дар шаҳри Турсунзода истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ соли 2010-ум ба 2 миллиарду 600 миллион сомонӣ расидааст, ки ин нишондиҳанда дар соли 1991 970 миллион сомонӣ буд, яъне афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар ин давра 2,7 баробарро ташкил кардааст.

Ё худ, агар соли 2000-ум фондҳои асосӣ ҳамагӣ ба маблағи 5 миллион сомонӣ ба истифода супорида шуда бошанд, ин рақам дар соли 2010-ум ба 123 миллион сомонӣ расонида шудааст. Яъне, ҳаҷми истифодабарии маблағҳо дар муддати танҳо 10 соли охир қариб 25 баробар афзудааст.

Қисми даромади буҷети шаҳр аз 6,5 миллион сомонии соли 2000-ум дар соли 2010 ба 67 миллион сомонӣ ва қисми хароҷоти он дар ин давра аз 3,6 миллион ба 45 миллион сомонӣ расидааст. Яъне, ҳаҷми даромади буҷет нисбат ба соли 2000-ум 10 баробар ва хароҷоти он 12 баробар афзудааст.

Барои расидан ба қуллаҳои баланди мурод дар саросари Тоҷикистон ба ҷуз сулҳ, ваҳдат ва ягонагию муттаҳидӣ дигар роҳе нест. Мо танҳо бо сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлатамон, ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи ваҳдат ва якдигарфаҳмӣ истиқлоли кишварро муҳофизату пойдор ва ягонагии мардумро устувор мегардонем.

NATIONAL UNITY – THE WAY TO THE CREATION

Muhabbat Jaloli,
deputy Chairman of the Tursunzoda city

The article notices that the national unity has opened ways to creation and restoration of the country. Establishment of national unity and peace in modern Tajikistan the Tursunzoda city develops in the level with other cities. For the last 15 years state financing in view of all sources has made 440 million somoni, which were directed on improvement of social sector, restoration of various objects, construction and reconstruction of roads, and also maintenance of the budget of the city.

Key worlds: the fatal document, experience of peace-building of the Tajiks, reasonable policy, leader of the people, rallying and unity of the people, peace-building.

НАЦИОНАЛЬНОЕ ЕДИНСТВО – ПУТЬ К СОЗИДАНИЮ

Мухаббат Джалоли,
заместитель председателя г. Турсунзода

В статье отмечается, что именно национальное единство открыло пути к созиданию и восстановлению страны. С установлением национального единства и мира в современном Таджикистане г. Турсунзаде развивается наравне с другими городами. За последние 15 лет государственное финансирование с учетом всех источников составило 440 миллионов сомони, которые были направлены на улучшение социального сектора, восстановлению различных объектов, строительство и реконструкции дорог, а также поддержанию бюджета города.

Ключевые слова: судьбоносный документ, опыт миросозидания таджиков, разумная политика, лидер народа, сплочение и единство народа, сторительство мира.

УДК 326+321(575.3)

РОЛЬ ЖЕНЩИН В ОБЕСПЕЧЕНИИ МИРА И ЕДИНСТВА В ТАДЖИКИСТАНЕ

Шахло Джураева,
директор государственного учреждения
«Центр самопознания женщин города Душанбе»

Статья посвящается вкладу женщин в обеспечении мира и единства в Таджикистане. С первых дней возникновения внутреннего конфликта в Таджикистане женщины поддержали все миротворческие силы начиная с руководителя страны Эмомали Рахмона, и работая в самых конфликтных и опасных районах, призывали вооруженные группировки сложить оружие и начать мирную жизнь. В статье предлагается создать межпартийный совет женщин для вовлечения их в социально-экономическую деятельность. Также предлагается создать региональную межпарламентскую группу женщин парламентариев из Таджикистана, Узбекистана, Казахстана, Киргизстана и Туркменистана.

Ключевые слова: *женский совет, равноправие мужчин и женщин, национальный межпартийный совет женщин, региональный совет женщин-парламентариев, гендерные отношения.*

Опыт Таджикистана по достижению национального примирения и согласия в стране является уникальным, в том числе и благодаря участию и вкладу женщин в процессы миростроительства, а также в последующем постконфликтном восстановлении страны.

Немаловажную роль в успехе женских инициатив сыграла приверженность Правительства вовлекать женщин в процесс миротворчества и использовать их предложения в процессе переговоров и проведении реформ в постконфликтный период.

Как отмечала в своем выступлении г-жа Мусаева Р.Г. «У нас не было планов действий, опыта работы в условиях независимости, широкого спектра НПО, был Союз женщин, и было огромное желание сохранения государственности и прекращения гражданской войны. И поддержка всех этих инициатив со стороны главы государства и представление возможностей для реализации наших инициатив... С самого начала гражданского противостояния женщины, поддерживая мирные инициативы Президента страны Эмомали Рахмона, настойчиво работали в конфликтных зонах при проведении диалога с противоборствующими группировками о необходимости сложения оружия и перехода к мирной жизни. Женщины работали непосредственно с представителями силовых структур и вооруженных группировок.

Союз женщин Таджикистана, женщины-лидеры активно включились в процесс возвращения беженцев и перемещенных лиц в места их постоянного проживания и их дальнейшей реинтеграции в общество. Данный процесс был ключевым при восстановлении доверия между противоборствующими сторонами. Этому во многом способствовало и инициированное женскими неправительственными организациями и поддержанное Президентом страны участие представителя от женщин в Комиссии по Национальному Примирению».

Параллельно с миротвотворческими процессами идет становление законодательной основы, продвигающей равенство полов в стране. Одним из элементов триады фундаментальных прав человека является право на равенство. Оно, как и свобода, является одним из главных требований демократических движений современности

В нашей стране значительное внимание уделяется вопросу гендерного равенства. В Конституции особо выделяется положение, в соответствии с которым мужчины и женщины в Таджикистане обладают равными правами. Правительство Таджикистана во главе с Президентом Эмомали Рахмоном, осуществляет определённую деятельность, направленную на обеспечение данной конституционной нормы, а также активно идут процессы формирования законодательных основ и организационных структур, обеспечивающих защиту и соблюдение прав женщин.

Доказательством тому является Указ Президента Республики Таджикистан от 3 декабря 1999 года №5 «О мерах по повышению роли женщин в обществе», на основе которого Правительство Республики Таджикистан приняло государственную программу «Основные направления государственной политики по обеспечению равных прав и возможностей мужчин и женщин в Республике Таджикистан на 2001 – 2010 годы».

Важным событием в Таджикистане был принятый 1 марта 2005 года Закон «О государственных гарантиях равноправия мужчин и женщин и равных возможностях их реализации», который регулирует отношения по обеспечению конституционных гарантий равноправия мужчин и женщин в социальной, политической, культурной, а также в любой другой сфере, и направлен на предотвращение дискриминации по признаку пола. Кроме этого, закон устанавливает государственные гарантии равных прав и возможностей лицам разного пола.

В соответствии с Пекинской платформой действий по положению женщин и в целях её реализации Правительство страны приняло Национальный план действий по повышению статуса и роли женщин на 1998-2005 года.

Большое внимание в стране уделяется подготовке женщин-лидеров для последующего продвижения их на уровень принятия решений. 1 ноября 2006 года Правительство Республики Таджикистан Постановлением №496 утвердило государственную программу «Воспитание, подбор и расстановка руководящих кадров Республики Таджикистан из числа способных женщин и девушек на 2007-2016 годы.

29 мая 2010 года Правительство страны Постановлением №269 утвердило «Стратегию активизации роли женщин в Республике Таджикистан на 2011-2020 годы», необходимость принятия которой определилось проблемами, вызванными социально-экономическими и политическими преобразованиями в стране.

Тем не менее, на фоне реализации гендерной политики страны, как нам представляется, всё ещё существует ряд проблем, которые существенно снижают эффективность имплементации законодательства, защищающего права женщин и решению, которым необходимо уделить пристальное внимание.

Низкая политическая активность женщин - проблема, которая наряду с другими признается важной. Женщин продолжают игнорировать в сфере принятия важных политических решений политическими партиями. В связи со слабостью положений уставов и программ, практическая деятельность партий в аспекте гендерного равенства концентрируется обычно не на поддержке соответствующей политики и разработке программ, а только на повышении участия женщин (кандидатов) в выборах в представительные органы[1]. Мировой опыт свидетельствует о том, что женщины вносят свой особый вклад в общественную жизнь: женщины не только лучше мужчин представляют и могут представить свои интересы, но и смогут влиять на политическую систему, занимая руководящие посты.

В решении этих проблем большую роль могут сыграть женское движение и политические партии Республики Таджикистан. В соответствии с Конституцией республики общественная жизнь в стране развивается на основе политического и идеологического плюрализма. Отрадно, что в стране осуществляют деятельность восемь политических партий, и формирование многопартийной системы делает актуальным вопрос об участии партий в продвижении женщин в политике на уровне политических партий. Это также импульс для активизации женщин в политической сфере. Сегодня роль партий в вовлечении женщин в политику сравнительно пассивна, хотя мировым

[1] Мамадазимов А., Куватова А., Регулирование деятельности политических партий и участие женщин в политической жизни в Таджикистане, Душанбе, 2011

сообществом признана существенная роль женщин, которые могут совместными усилиями влиять на совершенствование правового поля, обеспечивающего гарантии решения проблем в области гендерного неравенства в таких аспектах, как образование, здравоохранение и политика, а также на осуществление мониторинга исполнения принятых законов и программ.

Необходимо отметить, что в политических партиях Республики Таджикистан насчитываются от 4 до 165 тысяч членов. Это огромный потенциал для обучения активных женщин, развития женского движения и их вовлечение в политическую жизнь страны. Важно отметить, что когда женщина-политик инициирует социальные изменения, выработку политических и идеологических доктрин, законов, программ и реформ, они всегда отличаются гендерной чувствительностью, то есть степенью влияния на улучшение положения мужчин и женщин, мальчиков и девочек. Всеми признана неоценимая роль женщины в развитии социальной сферы, образования, науки, культуры, укреплении нравственного здоровья нации.

До недавнего времени не наблюдалось межпартийных инициатив, например, групп или фракций, объединяющих членов разных партий для работы над вопросами гендерного равенства и политического участия женщин**.** Межпартийные инициативы могут создать ту стратегическую «критическую массу» голосов, необходимую для включения женских вопросов в партийную повестку дня в качестве приоритетов. Недавно такая межпартийная платформа была создана в ходе семинара по человеческому измерению на тему «Роль политических партий в политическом процессе», организованного ОБСЕ в Варшаве в прошлом году. В ходе семинара женщины, представляющие 8 зарегистрированных в Таджикистане политических партий, создали эту платформу как средство борьбы за гендерное равенство в сфере политики. Платформа может стать механизмом, который позволит женщинам-членам политических партий оказывать давление на свои партии с тем, чтобы последние начали работу над гендерными вопросами, а также оказывали поддержку женщинам-членам политических партий, баллотирующимся на выборные должности. Подобные инициативы могут создать важный форум, способный оказывать влияние на политическую повестку дня в сфере гендерного равенства на национальном, региональном и местном уровне как внутри политических партий, так и в ходе избирательных кампаний[2].

Маловероятно, что рабочая группа из 8 человек способна повлиять на изменение политик в политических партиях и лоббирование новых подходов,

[2] Регулирование деятельности политических партий и участие женщин в политической жизни в Таджикистане. Мамадазимов А., Куватова А., Душанбе, 2011

механизмов и инструментов для улучшения представительства женщин на уровне принятия решений. Необходимо начать работу по объединению идей, стратегий, программ всех политических партий республики в отношении женского политического лидерства. Учитывая, что «…гендерный компонент в программах партий практически отсутствует или находится на начальной стадии развития и выражен, в основном, в демографическом контексте, т.е. «защите материнства, детства, семьи»[3], необходимо совершенствовать те аспекты межпартийного взаимодействия в стране, которые могут влиять на расширение политического участия женщин.

В этой связи немаловажным представляется разработка и внедрение новых стратегий межпартийного сотрудничества для улучшения процессов продвижения женщин на уровень принятия решений. Это может быть:

I. Национальный Межпартийный Совет Женщин.

Целью создания Национального Межпартийного Совета Женщин является объединение усилий политических партий республики для реализации существующих стратегий вовлечения женщин в политику и разработки/совершенствования партийных программ по продвижению женщин на уровень принятия решений с целью совместного достижения демократических преобразований.

Основными задачами Совета будут являться разработка и принятие обращений своим партиям и Правительству страны в отношении реализации политических прав; развитие положительного и эффективного межпартийного диалога в части ликвидации дискриминации в отношении женщин в политической жизни страны; наращивание потенциала политически активных женщин; оценка и анализ современного положения женщин в сфере политики; содействие внедрению гендерных внутрипартийных квот; паритетных механизмов при формировании руководящих органов партий и др. Причем решение данных задач крайне немаловажно для достижения Целей Развития Тысячелетия. В состав Совета Женщин должны быть включены женщины - политические деятели (депутаты, парламентарии) женщины, представляющие научный потенциал республики, женщины - руководители и активистки партий.

[3] Гендерные вопросы и политические партии. Автор-составитель: Рабиева Г.Р., Душанбе, 2009.

*II. Региональный Совет Женщин-Парламентариев (Таджикистан, Казахстан, Кыргыз*стан, *Узбекистан, Туркменистан).*

Общая историческая судьба, соседское положение, природные условия и особенности хозяйствования дают возможность рассматривать страны нашего региона как определенное единство. В то же время уровень социально-экономического развития, особенности внутриполитической ситуации, внешние политические и экономические ориентиры, темпы и направления процессов перестройки обусловили наличие существенных отличий между странами. Однако можно проследить единые тенденции в деле реализации прав и возможностей женщин. В каждой стране можно проследить поэтапное выполнение тех или иных международных обязательств, появившихся наряду с ратификацией и подписанием международных документов, отражающих права женщин. Это такие документы, как Декларации ООН по правам человека, Декларация об искоренении насилия в отношении женщин, Конвенция ООН о ликвидации всех форм дискриминации в отношении женщин, и другие. Обмен опытом в данной сфере даст возможность женщинам-парламентариям интегрировать в своих странах решения актуальных вопросов гендерного равенства. Региональный Совет Женщин-Парламентариев будет направлен на рассмотрение и извлечение эффективных уроков из процессов реализации гендерной политики каждой страны-участницы Совета и играть роль диалоговой площадки для интеграции положительного опыта стран региона.

Конечно, на сегодняшний день существуют определенные межпарламентские структуры, например, Межпарламентская Ассамблея Государств-участников Содружества Независимых Государств. Это - консультативный орган для подготовки проектов законодательных документов, представляющих взаимный интерес. Результатом этой работы являются принимаемые Ассамблеей модельные законодательные акты и рекомендации, при создании которых учитывается опыт парламентов стран Содружества и международных парламентских организаций. В рамках Ассамблеи действует (наряду с другими) Постоянная комиссия по социальным вопросам и правам человека. Одним из документов, представленных Комиссией и принятой Ассамблеей стран , являлся проект модельного закона «О государственных гарантиях равных прав и равных возможностей для мужчин и женщин» в ноябре 2005года, что является положительным примером межпарламентского взаимодействия. Впоследствии модальный закон был трансформирован в национальные законодательства стран-участниц Межпарламентской ассамблеи стран содружества.

Принимая во внимание подобный опыт, можно выразить уверенность в качественной и эффективной деятельности Регионального Совета Женщин-Парламентариев.

В любом случае, гармонизация гендерных отношений, улучшение положения женщин и мужчин и активизация их участия в общественно-политической жизни страны потребует дополнительных усилий не только со стороны Правительства, но и всех нас, граждан Республики Таджикистан.

НАҚШИ ЗАНОН ДАР ТАЪМИНИ СУЛҲУ ВАҲДАТ ДАР ТОҶИКИСТОН

Шаҳло Ҷӯраева,
директори муассисаи давлатии «Маркази худшиносии занони шаҳри Душанбе»

Мақола ба мавзӯи мубраму муҳим – нақши занон дар таъмини сулҳу ваҳдат дар Тоҷикистон бахшида шудааст. Аз рӯзҳои аввали оғози низои дохилӣ дар Тоҷикистон занон ибтикорҳои сулҳомези раҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмонро дастгирӣ карда, дар минтақаҳои даргири ихтилоф кор мебурданд, бевосита бо гурӯҳҳои мусаллаҳ дар бораи ба замин гузоштани силоҳ ва рӯйоварӣ ба зиндагии осоишта вориди гуфтугӯ мешуданд. Дар мақола ҳамчунин пешниҳод шудааст, ки ба манзури ҷалби бештари занон ба сиёсат ва фаъолияти иҷтимоӣ ниҳоди наве бо номи Шӯрои миллии байниҳизбии занон ташкил шавад. Инчунин ба мақсади рушди ҳамкории минтақавӣ пешниҳод шудааст, ки Шӯрои минтақавии занони аъзои парламенти кишварҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон таъсис ёбад.

Калимаҳои калидӣ: *Шӯрои занон, баробарҳуқуқии занону мардон, Шӯрои миллии байниҳизбии занон, Шӯрои минтақавии занони аъзои парламент, муносибатҳои гендерӣ, Қатъномаи СММ дар бораи бартараф намудани хушунат нисбат ба занон, Конвенсияи СММ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон.*

ROLE OF WOMEN IN MAINTENANCE OF PEACE AND UNITY IN TAJIKISTAN

Shahlo Juraeva,
Director of the Republican enterprise
”Centre of self-knowledge of the women of Dushanbe city”

The article is devoted to the contribution of the women in maintenance of the peace and unity in Tajikistan. Since the first days of occurrence of the internal conflict in Tajikistan, the women have supported all peaceful beginning of the Head of the country Emomali Rahmon, working in the most disputed and dangerous areas, called the armed groups to combine the weapon and to begin peaceful life. In the article it is offered to create inter party council of the women for involving them into the socio economic activity. Also it is offered to create regional inter parliamentary group of the women parliament members from Tajikistan, Uzbekistan, Kazakhstan, Kyrgyzstan and Turkmenistan.

Key worlds: *women’s council, equality of the men and women, national inter party council of the women, regional council of the women - parliament members, gender relations.*

УДК 931:323.1.

НАЦИОНАЛЬНОЕ ЕДИНСТВО В МНОГОНАЦИОНАЛЬНОМ ОБЩЕСТВЕ

Виктор Михайлович КИМ,
председатель РОО «АСКТ»

По мнению автора для всех бывших Советских республик, в том числе и для Таджикистана существуют две проблемы, которые недооцениваются исследователями и политиками. Во-первых, это нахождение в переходном этапе постсоветского периода. Во-вторых, как следствие первой проблемы, это советский подход к пониманию «согласия» и «единства». Автор уверен, что для понимания этих проблем мы можем использовать опыт трёх Прибалтийских республик и Грузии, которые смогли преодолеть этот постсоветский период.

Ключевые слова: *национальное единство, национальное согласие, политические процессы, устойчивое развитие, национальное меньшинство, общественное согласие, Координационный совет.*

Национальное единство — это как идея коммунизма или идея демократии. Как бы знаем, что это такое, но при этом не можем точно и однозначно сформулировать, соответственно стороны не понимают друг друга и, несмотря ни на что, старательно двигаемся в этих направлениях. Для государств, которые формировались изначально как мононациональные, понимание «национального единства» не вызывало противоречий, например в Японии, Кореи, Германии, и сыграло решающую консолидирующую роль в становлении сильного и благополучного государства. Для государств, формирование которых происходит в условиях многонациональности подходы к пониманию «национального единства» совершенно разные, что мы и наблюдаем во всех странах СНГ, в том числе и в Таджикистане.

Идеальным примером в настоящее время является пример США. Несмотря на критическое отношение к США, основные принципы «национального единства» там работают. Другой более близкий пример для нашего понимания это в недавнем прошлом пример бывшего Советского Союза. Чтобы понять происходящие процессы в Таджикистане или в любой из стран СНГ, мы должны внимательно рассматривать пример бывшего Советского Союза.

«Партия и народ едины», «единый советский народ» - это знакомые нам лозунги, и как бы некоторым не хотелось переиначить историю, но, тем не менее, это были не только лозунги или пропаганда желаемого, это было реальностью. Но вначале была война, потом мир, согласие и только потом национальное единство. Далее на наших глазах протекали процессы

разрушения единства «партии и народа», разрушения единства «советского народа», далее разногласие в обществе и как результат наступил конец государству. Если «правильным путём идём товарищи», то тогда почему на пике достижения мечты человечества, история повернула вспять? И практически вернулись на исходную точку, когда эволюционный путь развития был искусственно прерван. По всей вероятности законы развития общества не терпят нарушения эволюционного пути развития, а также неправильного понимания определённых процессов развития общества.

Для всех стран СНГ, в том числе и для Таджикистана остаются две проблемы, которые недооцениваются исследователями и политиками. Во-первых, это нахождение в переходном этапе постсоветского периода. Во-вторых, как следствие первой проблемы, это советский подход к пониманию «согласия» и «единства». Насколько решение данных проблем важно мы можем понять это на примере трёх прибалтийских республик и Грузии, которые смогли преодолеть этот постсоветский период.

Таджикистан, вернувшись на исходную точку, искусственно прерванного своего эволюционного развития, столкнулся с трагическим испытанием – гражданским противостоянием. Затем был решён вопрос достижения мира и согласия. Это уникальный опыт достижения мира в короткие сроки. И этот опыт был бы наиболее полным и ценным, если процесс миростроительства постконфликтного периода был бы завершен до конца. То есть, достигнутый «мир» и достигнутое «общественное согласие» должны пройти этап закрепления или заключительную фазу миростроительства постконфликтного периода. Только после решения этих вопросов завершается постконфликтный период и наступает новый период мирного развития.

В нашем случае, мы вновь повторяем ошибки прошлого, мы ускоряем естественный эволюционный путь развития из-за неправильного понимания процессов развития общества. Наступление нового периода мирного развития мы определяем с 2001 года, тогда как более подходящее определение это решение вопроса «закрепления достигнутого мира». Мы уравняли понятие «миростроительства» в постконфликтном периоде с понятием «мирного этапа развития». 2007 год официально определяется как завершение постконфликтного периода, соответственно также уравняли понятие «общественное согласие» с понятием «национальное единство». Если в 1990-х годах такое смешение разных понятий можно отнести к разряду «случайностей» быстротечного политического процесса, то в настоящее время трудно объяснить, почему научное сообщество это приняло. И как результат, примерно после 2005 года, мы наблюдаем естественное торможение развития политических, процессов в Таджикистане, и даже некоторый откат на «исходную точку».

Это уже задача научного сообщества суметь дать объяснение развития политических процессов в условиях постсоветского периода и постконфликтного периода. Определиться с понятийным аппаратом, чтобы политики правильно онимали оп, лс.. иные процессы развития общества. Только в этом случае можно говорить об успешной дальнейшей модернизации политической системы Таджикистана. В нашем случае мы постоянно будем сталкиваться с проблемами и как бы мы не старались двигаться вперёд, законы развития общества будут возвращать нас назад, на «исходную точку».

Как понимать «национальное единство»? Рассмотрим это на конкретном примере национальных меньшинств Таджикистана, принимавших непосредственное участие в основных политических процессах новейшей истории Таджикистана. При этом следует особо выделить то, что такого примера в других странах мира нет.

В 1991 году 11 национально-культурных объединений Таджикистана объединились в Координационный Совет национальных объединений РТ. Координационный Совет работал конструктивно как единый механизм по принятию и решению очень важных задач, и это, несмотря на принципиальные различия по всем параметрам: национальность, вероисповедание, партийная принадлежность, возраст, социальный статус, групповые интересы, численности этнической группы. Единственный параметр, по которому не было различия это половой признак, все были мужчинами. Это интересный пример достижения «национального единства». Почему? Потому что были сохранены основополагающие принципы: все были **равны и свободны,** любое мнение не могло быть подавлено мнением большинства. Далее были определены основные приоритетные направления, по которым мы в бесспорном порядке должны выражать единство. Во-первых, решение общих проблем характерные для всех национальных меньшинств имеют приоритет, а интересы отдельной этнической группы - вторичны. Во-вторых, интересы государства стоят выше, чем интересы отдельной этнической группы. В-третьих, в межтаджикском конфликте национальные меньшинства придерживаются стороны Конституции и законов, а конфликтующие стороны рассматриваются как единый таджикский народ. В-четвёртых, в период войны и постконфлитного периода приоритетными задачами являются достижение мира и согласия, и на этот период не настаивать на решении проблем национальных меньшинств.

Именно такой подход позволяет определить разницу между понятиями «согласие» и «единство». Согласие, также как и мир, можно достичь одномоментной акцией и зафиксировать документом. Единство можно достичь только в процессе, и оценить по полученному результату.

Все поставленные задачи были успешно соблюдены и выполнены Координационным Советом до 2001 года. С 1992 года активно участвовали в урегулировании вооружённого противостояния. Активно выступали в печати и на телевидении в переговорах с оппозицией. Один представитель от Координационного Совета участвовал в составе правительственной комиссии по межтаджикским переговорам. Добровольно участвовали в переговорах по примирению сторон. По собственной инициативе участвовали в исторической сессии Верховного Совета РТ. В 1994 году принимали участие в составе правительственной комиссии по разработке новой Конституции Таджикистана. С 1996 года активно участвовали в подписании Договора об общественном согласии в Таджикистане и в работе Общественного Совета РТ. В 1997 году участвовали в создании Движения национального единства Таджикистана «Вахдати милли» и пропагандисткой работе в регионах республики.

Национальные меньшинства - это неотъемлемая часть общества Таджикистана. Соответственно процессы, которые протекают в обществе, неизбежно накладывают свой отпечаток и на эту часть общества. С 2005 года уже превалируют интересы каждой отдельной этнической группы, а не общие интересы, которые являются основным показателем «национального единства».

На примере общегосударственного понимания «национального единства» в Таджикистане общество сталкивается с проблемами, которые закономерны и объяснимы с точки зрения законов развития общества. Во- первых, ничего не бывает вечным и стабильным, кроме как времени, вселенной и относительно - египетских пирамид. Необходимо через определённые промежутки времени постоянно вносить новшества в организационное и идейное содержание. То, что воспринималось естественным в 1990-х годах, не может также восприниматься в 2000-х годах. Во-вторых, необходимо осознавать, что мир, согласие и единство, это непрерывные процессы, которые не имеют «конечной остановки». Если мир и согласие имеют начальную точку отсчёта, то единство не имеет начальной точки отсчёта, следовательно, оно не может быть зафиксировано какой-либо датой. Все три понятия звенья одной цепи, но это не равнозначные процессы. В-третьих, необходимо правильно понимать, что такое «национальное единство». В данном случае «национальное» не означает этничность, следовательно, нельзя говорить о «национальном единстве» без учёта даже 1% граждан другой национальности. В условиях Таджикистана 1% граждан это представители около 100 национальностей. В-четвёртых, необходимо всё-таки учитывать специфику современного гражданского общества, и соответственно заложить основные принципы в основу «национального единства». В-пятых, необходимы научные объяснения

перехода от постсоветского периода и от постконфликтного периода к устойчивому развитию политических процессов в Таджикистане.

И в заключение хотелось бы затронуть проблемы модернизации в целом. Нельзя усовершенствовать 486 компьютеров до уровня Pentium IV. Также как и нельзя модернизировать политические процессы, оставаясь постоянно в переходном этапе постсоветского периода и постконфликтного периода.

ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ДАР ҶОМЕАИ БИСЁРМИЛЛАТӢ

Виктор Михайлович КИМ,
Раиси РОО «АСКТ»

Ба ақидаи муаллиф барои тамоми ҷумҳуриҳои собиқи Шӯравӣ, аз он ҷумла барои Тоҷикистон ду проблемаи асосӣ вуҷуд доранд, ки аз тарафи сиёсатшиносон ва таҳлилгарон нодида гирифта мешаванд. Аввалан, қарор доштан дар марҳалаи гузариши пасошӯравӣ. Ва сониян, чун паёмади проблемаи аввал, яъне равиш ва бархурди шӯравиёна ба дарку фаҳмиши мафҳумҳои «ризоият» ва «ваҳдат». Муаллиф мӯъташқид аст, ки барои дарки аҳамияти ин проблемаҳо мо метавонем таҷрубаи се кишвари Назди Балтика ва Гурҷистонро, ки тавонистаанд, марҳалаи пасошӯравиро пушти сар намоянд, мавриди истифода қарор диҳем.

***Калимаҳои калидӣ**: ваҳдати миллӣ, ризоияти миллӣ, равандҳои сиёсӣ, рушди босубот, ақаллиятҳои миллӣ, ризоияти иҷтимоӣ, Шӯрои ҳамоҳангсозӣ.*

NATIONAL UNITY IN THE MULTYNATIONAL SOCIETY

Victor Michailovich KIM,
Chairman of the РОО «АСКТ»

By the opinion of the author, for all former Soviet republics, including Tajikistan, there are two problems, which are underestimated by the researchers and politics. First, this is finding in a transitive stage of the post-Soviet period. Second, as the consequence of the first problem, is the Soviet approach to understanding of “consent” and “unity”. The author is sure, that for understanding these problems we can use experience of three Baltic republic and Georgia, which could overcome this post-Soviet period.

***Key worlds:** national unity, national consent, political processes, steady development, national minority, public consent, Coordination council.*

УДК 931+332,145(575.31)

ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА 15 СОЛИ РУШДИ ИҶТИМОИВУ ИҚТИСОДИИ ВИЛОЯТИ СУҒД

Ҷ. Р. Сангинов,
ҷонишини аввали раиси вилояти Суғд

Муаллиф се ҷавҳари асосии ваҳдату оштии миллӣ – соҳибтамаддунӣ, худшиносӣ, такя ба худ ва арзиши умумибашариро зикр намудааст. Дар мақола бо истифода аз арқому омор, нишондиҳандаҳои асосии пешрафти вилоят ва бо истифода аз ҷадвалҳои гуногун нақшу аҳамияти ваҳдати миллӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд дар 15 соли охир нишон дода шудааст.

Калимаҳои калидӣ: *Паёми Президент, нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳаҷми содирот, воридот, савдои хориҷӣ, демография, бозори миллӣ, иқтисоди ҷаҳонӣ.*

Дар Паёми имсолаи Президенти мамлакатамон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар таъкид шудааст, ки **«Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ мардуми бо амри таърих парешонгаштаи моро бо ҳам оварда, ваҳдати саросарии халқи Тоҷикистонро таъмин намуд ва барои тараққиёти минбаъдаи иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии давлати соҳибистиқлоламон заминаи боэътимод фароҳам овард»**.

Дар ҳақиқат ваҳдати миллӣ нахустомили бунёдӣ дар роҳи инкишофи минбаъдаи кулли ҷабҳаҳои ҷомеа – ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки ҷомеашиносон ваҳдати миллиро чун неъмати ҷамъиятӣ ва сармояи иҷтимоӣ пазируфтанд. Маҳз дар он манфиати ҷомеа – талабот ба ҳамзистии солим ва меҳнати созанда инъикос меёбад ва сифати онҳо бо туфайли ин ваҳдат рӯи кор меояд. Дар ин маврид ҷомеашиноси маъруф А. Вагнер чунин таъкид намудааст: ин талаботи бунёдиро, яъне ваҳдатро фардҳо ҳамчун аъзои иттиҳоди инсонӣ дарк менамоянд ва новобаста аз хоҳиш ва ё интихоби озоди худ шомил мешаванд. … ин талаботест, ки бидуни қонешавӣ аз он ҳаёти ҳамзистии чомеа, иттиҳод, алоқаҳои мутақобилаи иҷтимоиву иқтисодии фардҳо ғайриимкон аст. Аз тарафи дигар, ин манфиат ва талаботи мавҷудаи ҷомеаро фардҳои алоҳида дарк кунанд ҳам, аммо барои ба воқеият табдил додани он нақши шахсиятҳо, фарзандони фарзонаи миллат бузург аст, мардум ба онҳо ниёз доранд. Яъне, дарки манфиати ҷомеа – ба сатҳи дарку ҳисси ҷомеасозӣ ё миллатсозии шахсиятҳои алоҳида, ҷонфидоиҳо ва иштироки фаъоли онҳо дар ин кор алоқамандӣ дорад. Чаро, ки ҷомеасозӣ ва эҷоди арзишҳои иҷтимоии солим кори хеле бузургу заҳматталаб аст, нисбат ба бунёду эҷоди арзишҳои моддӣ. Ин кори бузурги таърихӣ дар давраи давлатсозии навини тоҷикон ба дӯши қаҳрамони миллати тоҷик мӯҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Ҳамин тариқ, ба ибораи ҷомеашиноси бузург П.Бергер *«ҷомеаро метавон бо каркаси ноаёни бинои бузург тақозо намуд, ки фасади вай (ҳудуд, аҳолӣ ва ғ.) онро аз чашмҳои бегона пинҳон медорад»*. Ин бинои бузург, ҳамон Ваҳдати Миллист, ки эъмори он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Хулосаи муҳимтарин, ки аз пойдории сулҳ дар кишварамон бармеояд ин аст, ки ба таъбири Президенти кишвар «дар тафаккури мардуми кишвар ва ҳатто он қувваҳои дохилию хориҷӣ, ки ба ҳодисаҳои Тоҷикистон иртибот доштанд, зӯроварӣ ҳамчун воситаи расидан ба мақсад қурби худро гум кард».

Сулҳу субот, оромӣ, ваҳдати воқеии халқи тоҷик гувоҳи он аст, ки Сарвари давлати мо асосгузори фарҳанги нав дар остонаи ҳазорсолаи сеюм ҳастанд, ки он фарҳанги ҳамзистӣ буда, тоҷикон ва ҳам тоҷикони ҷаҳонро ба ҳам овард.

Оштиву ризояти миллӣ аҳамияти таърихӣ дошта, се ҷавҳари онро мо метавонем таъкид кунем. **(***ниг. ба ҷадвали 1.*)

Ҷадвали 1.

Аҳамияти таърихии Ваҳдати миллии тоҷикон

№ п/п	**Се ҷавҳари бунёдии ваҳдат**	**Тавсифи онҳо**
1.	***Соҳибтамаддунӣ***	*Имтиҳоноти таърих бори дигар исбот кард, ки тоҷикон ворисону меросбари ориёни асил буда, соҳиби тамаддуни оламшумул мебошанд. Зеро, тарафҳои мухолифро андешаи ҷаҳонсоз ғалаба карда, арзиши якпорчагии кишвар ва ваҳдати миллиро аз кулли манфиатҳои азҳобию гурӯҳӣ боло гирифтанд.*
2.	***Худшиносӣ, такя ба худ***	*Ин мӯъҷизаи таърихӣ барои вусъат бахшидани дарки худшиносии воқеъии миллӣ такони бузург дод. Миллати мо амиқ эҳсос кард, ки бунёдсозу меҳансоз, тақдирсози миллати тоҷик, на аз берун буда, балки худи ӯ мебошад. Принсипи такя ба худ на танҳо моҳияти сиёсӣ, балки моҳияти фарҳангӣ гирифта дар ҳастии миллат ҳазм шуд.*
3.	***Арзиши умумибашарӣ***	*На танҳо барои ҷомеаи навини тоҷикон ризоияту осоиштагӣ овард, балки чуноне, ки аз минбари СММ таъкид шуда буд, ин таҷрибаи сулҳофарини тоҷикон барои он қисми ҷаҳони нооромии муосир, яъне барои кишварҳое, ки дар даргирҳои дохилӣ қарор доранд, намунаи беҳтарини раҳнамои созиш аст*

Аз ин лиҳоз, *ваҳдати миллии тоҷикон на танҳо эҳёи руҳияи миллатсозу тамаддунофар ва ҳаводиси таърихии имрӯз, балки ҳодисот ва ё муҷассамаи хиради баланди намунавӣ барои ҳазорсолаи навин мебошад.*

Чуноне, ки дар боло ишора кардем ба имзо расидани Созишномаи сулҳ ба марҳилаи бунёдкориву созандагӣ дар кишварамон оғоз бахшид, ки натиҷаи рушди иқтисодиву иҷтимоии вилояти Суғд дар давоми 15-соли охир исботи гуфтаҳои болост.

Воқеан ҳам дар фазои орому мусоид ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Суғд, чун манотиқи шимоли кишвар ва ҷузъи таркибии иқтисоди миллии мамлакат, сол аз сол дар маҷрои инкишофи босубот қарор гирифт. Вилоят дар масоҳати 25,4 ҳазор километри мураббаъ ҷойгир шуда, охири соли 2011 аҳолии он беш аз 2,25 миллион нафарро ташкил медод. Афзоиши табиии аҳолӣ 52,4 ҳазор нафарро ва зичии аҳолӣ – ба ҳар 1 километри мураббаъ 88 нафарро

ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 1997 мувофиқан 30,6 ва 23,4 % афзудааст. Чунон ки мебинем, новобаста аз он, ки нишондиҳандаҳои демографӣ тамоили болоравӣ дорад, рӯзгори иҷтимоӣ-иқтисодии мардум, оилаҳо рӯ ба беҳбудӣ ниҳодааст. Яъне, сатҳи афзоиши нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии вилоят аз сатҳи нишондиҳандаҳои демографӣ баланд шудааст. (ниг. ҷадвали 2.) Албатта, ин натиҷаи танингардии ваҳдати миллӣ, ризоияту ҳамзистии солими ҷомеа, ки дар натиҷа ҳам идомаи авлоди ояндаи миллат ва ҳам маҷрои таъмини моддии оилаҳо тавозӯи устувори худро дарёфтааст. Ҳаҷми маҳсулоти умумии минтақавӣ, ки чун нишондиҳандаи синтетикӣ ва ё ҷамъбастӣ фаъолияти ниҳодҳои мухталифи вилоятро дар худ таҷҷасум менамояд, соли 2011 7032,7 млн. сомониро ташкил дод ва нисбат ба соли 2000 14,4 маротиба афзудааст**.** (*ниг. ба ҷадвали 2.*)

Зимнан бояд қайд кард, ки ҳаҷми маҳсулоти умумии минтақавии вилоят, беш аз 23 фоизи маҳсулоти умумии дохилии ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи дигаре, ки вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии вилоятро тавсиф медиҳад – ин буҷаи давлатӣ мебошад. Дар ин давраи таҳлилӣ даромади буҷаи давлатӣ беш аз 51,8 маротиба афзудааст.

Ин нишондиҳанда табиист, ки пайваста бо рушди маҳсулоти умумии минтақавии вилоят, ки манбаи буҷа мебошад афзун мегардад ва аз ин лиҳоз оинаи иқтисодиёти минтақа ҳам мебошад. Ҳаҷми қисми даромади буҷа дар се соли охир ба 7-8 фоизи ҳаҷми маҳсулоти умумии минтақавӣ рост омадааст. Пас, дар мавриди ҳатто бетағйир мондани ин нишондиҳанда бо баробари афзудани маҳсулоти умумии минтақавӣ қисми даромади буҷа меафзояд, ки онро метавон чун индикатори рушди даромади умумии вилоят арзёбӣ кард.

Таҷрибаҳои ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад, ки сатҳи ғанигардӣ ва ё консентратсияи иқтисоди миллӣ ва минтақаро маҷрои инноватсионӣ ва ё рушди саноат муаяйн мекунад. Зеро, ки маҳз ин соҳа баланд шудани арзишҳои иқтисодии навро дар ҷомеа афзун менамоянд ва ҳамзамон, дар ин асно, раванди гузариши миллат аз тафаккури аграрӣ ба тафаккури саноативу ҷаҳонӣ, аз ҷомеаи анъанавӣ ба ҷомеаи ратсионалӣ сурат мегирад. Маҳсулоти саноатӣ дар давраи солҳои 1997-2011 қариб 3,5 маротиба афзуда, соли 2011 2074,7 млн сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2010 23,8% афзудааст. Яъне, соли 2011 барои вилоят соли саноат буд.Таъкид кардан ба маврид аст, ки корхонаҳои саноатии вилоят қариб 24 фоизи маҳсулоти саноатии ҷумҳуриро истеҳсол менамоянд.

Ҷадвали 2.

Нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии вилояти Суғд дар давраи солҳои 1997-2011

(млн. сомонӣ)

№ п/п	Нишон-диҳандаҳо	1997	2000	2005	2010	2011	Соли 2011 нисбат ба соли 1997, маротиба
1.	Маҳсулоти умумии минтақавӣ		486,8	1764,5	5716,0	7032,7	14,4
2.	Маҳсулоти саноатӣ бо нархи соли 2010	598,7	701,7	1144,6	1686,8	2074,7	3,46
3.	Маҳсулоти кишоварзӣ, бо нархи соли 2010	961,8	966,8	1434,0	2709,2	2925,9	3,04
4.	Даромади буҷаи давлатӣ, млн сомонӣ	10,9	23,0	104,5	463,9	565,2	51,8
5.	Ба кор андохтани фондҳои асосӣ	22,1	12,6	86,6	430,5	491,6	22,2
6.	Сармоягузорӣ	19,4	40,9	120,2	610,6	827,4	42,6

Манбаъ: *Тоҷикистон 20 соли истиқлолияти давлатӣ, маҷмӯи омории вилояти Суғд, 2011, С 9-11*

Бояд зикр намуд, ки пешравӣ дар соҳаи саноат тибқи дастурҳои Сарвари давлат дар асоси тадричан дигаргун гаштани структураи истеҳсолот, истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ва дастгирии соҳибкорони хурду миёна ба даст омад.

Имрӯзҳо зиёда аз 90 фоизи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот аз тарафи ширкату корхонаҳои мансубияти гайридавлатӣ истеҳсол гардида, ҳиссаи соҳибкорони хурд ва инфиродӣ афзуда истодааст. Танҳо дар 10 соли охир ҳиссаи соҳибкорони хурд ва инфиродӣ дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз 1,5 фоиз то ба 31,4 фоиз ва дар панҷ моҳи соли 2012 ба 44,6 фоиз баробар гардида,

шумораи онҳо аз 24 ҳазор нафари соли 2000 то ба 45028 нафар дар соли 2011 расиданд ё худ 2,1 баробар афзудаанд.

Бо назардошти таъмини рушди соҳаи саноат дар тӯли 10 сол зиёда аз 120 корхонаи нави хурду калони саноатӣ, аз он ҷумла, 63 корхонаи муштарак ба фаъолият шурӯъ намуданд. Солҳои охир бо истифода аз ашёи хоми маҳаллӣ бори аввал дар вилоят истеҳсоли шишаи сохтмонӣ, зарфҳои шишагӣ ва семент ба роҳ монда шуд. Ҳамаи корхонаҳои саноатӣ буғхонаҳои худро ба сӯзишвории алтернативӣ, бахусус ангиштсанг гузарониданд.

Дар назар аст, ки соли 2015-ум вилоят аз минтақаи аграрӣ-саноатӣ ба минтақаи саноатӣ-аграрӣ табдил хоҳад ёфт.

Бояд зикр кард, ки соҳаи кишоварзӣ ва шуғл дар ин соҳа ҷузъи таркибии ҳаёти иҷтимоӣ-мадании мардуми вилоят, умуман ҷумҳурӣ мебошад. Воқеан ҳам беш аз 70 фоизи аҳолии вилоят дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Чуноне, ки маъмул аст, стратегияи муҳими давлат - амнияти озуқавории кишвар бо фаъолияти ин соҳа алоқамандӣ дорад. Маҳз вобаста ба ин муроҷиатномаи Президенти кишварамон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аъзои ҳукумат ва мардуми шарифи Тоҷикистон, чунин таъкид шуда буданд. **«Ҳама бояд дар хотир дошта бошанд, ки танҳо бо роҳи истифодаи оқилонаву самараноки замин ва афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ мо метавонем амнияти озуқавории кишвари худро таъмин карда, ба тағйироти нарху наво дар бозорҳои ҷаҳонӣ истодагарӣ намоем.»**. Воқеан ҳам агар ба рақамҳои омории натиҷаҳои фаъолияти соҳаҳои кишоварзии вилоят нигарем, пас зинаҳои устуворро дар таъмини амнияти озуқаворӣ эҳсос менамоем. Масалан, соли 2011 ҷамъи маҳсулоти кишоварзӣ нисбат ба соли 1997 беш аз 3 маротиба афзудааст ва соли 2011 ин нишондиҳанда беш аз 2,9 млрд сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2010 беш аз 8,2 фоиз зиёд шудааст.

Рушди босуботи иқтисодиёти вилоятро метавон гуфт, ки пеш аз ҳама тадриҷан ба кор даровардани фондҳои асосӣ ва боло рафтани сармоягузорӣ таъмин намудааст. Чи тавре, ки далелҳои оморӣ шаҳодат медиҳанд, ба кор андохтани фондҳои асосӣ қариб 22,2 маротиба нисбат ба соли 1997 афзуда, ҳамзамон сармоягузорӣ дар ин давра 42,6 маротиба зиёд шудааст.

Ҷадвали 3.

Музди меҳнат ва даромади пулии аҳолии вилояти Суғд дар давраи солҳои 1997-2011

(сомони)

п/п	Нишонди-ҳандаҳо	1997	2000	2005	2010	2011	Соли 2011 нисбат ба соли 1997, маротиба
1.	Ҳисоби миёнаи музди меҳнати ҳармоҳа	5,42	13,45	69,22	258,8	341,6	63,0
2.	Андозаи миёнаи нафақаи якмоҳа	1,06	3,90	25,80	116,62	120,89	114,0
3.	**Ҷамъи даромади пули ҳар нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна**	--	17,45	75,19	277,96	366,2	21*
4.	Аз он ҷумла, даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ	--	7,51	25,53	86,89	115,3	15,3*

Манбаъ: *Тоҷикистон 20 соли истиқлолияти давлатӣ, маҷмӯи омории вилояти Суғд, 2011, С 113, 141*

Ваҳдату ҳукмфармоии ҳаёти осоишта, пеш аз ҳама рушду нумӯи оилаҳои ҷомеа, хонаводаҳоро мусоидат намудааст. Яке аз натиҷаҳои назарраси таъсири суботу ваҳдати миллӣ ба вазъи иҷтимоиёти мардум ин пастшавии сатҳи камбизоатии аҳолӣ мебошад. Агар соли 2005 дар вилоят 235107 оилаҳои камбизоат ба қайд гирифта шуда бошад, соли 2011 ин рақам 63359 оиларо ташкил карда, 71% кам шудааст. Дар шароити иқтисоди бозорӣ сатҳи буҷаи оилаҳо ва ё даромади пулии аҳолӣ яке аз индикаторҳои ҳаёти иҷтимоии мардум ва ё нишондиҳандаи некуаҳволӣ арзёбӣ мегардад.

* Нисбат ба соли 2000

* Нисбат ба соли 2000

Дар давраи солҳои 1997-2011 ҳисоби миёнаи музди меҳнати ҳармоҳа 63 маротиба афзудааст *(ниг. ҷадвали 3.)*. Вазни қиёсии даромади меҳнатӣ дар ҷамъи даромадҳо таи солҳои 2005-2011 ба ҳисоби миёна 36-38 фоизро ташкил додааст. Зимнан бояд такид кард, ки баъди аз ҷониби Президенти кишварамон тақсим кардани 75 ҳазор гектар замин ба аҳолии кишвар, ки ҳадафи дастгирии иҷтимоии мардумро дошт, хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ рӯ ба инкишоф ёфта, буҷаи оилаҳоро ғанӣ гардонидааст**.**

Дар давраи солҳои 2000-2011 даромади мардум аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ 15 маротиба афзоиш ёфтааст. Чуноне, ки рақамҳои оморӣ нишон медиҳанд, ин хоҷагиҳо қариб 70 фоизи картошка ва сабзавоти тару тоза, ширу гӯшт, 50 фоизи ғалладона ва 68 фоизи меваҷотро истеҳсол менамоянд. Дар ин асно на танҳо бозори дохилии кишвар бо маҳсулоти озӯқа ғанӣ гардидааст, балки берун аз кишвар содирот шуда даромади пулии оилаҳоро афзун намудааст. Ин тамоил аз он шаҳодат медиҳад, ки бо туфайли фазову шароити мусоиди ҷамъиятӣ, сулҳу оромии кишвар нахустталаботи инсонӣ – талабот ба меҳнат устуворона рӯи кор омадааст. Таъкид кардан бамаврид аст, ки хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ дар таъмину болоравии сатҳи шуғлнокии аҳолӣ (аслан ғайрирасмӣ) саҳми барҷаста доранд ва омили устуворбахши фаъолияти иқтисоди аграрӣ ҳам мебошанд.

Татбиқи стратегияи раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, пойдории ваҳдати воқеиро бо туфайли густариш ёфтани алоқаҳои байниминтақавии кишвар, ташаккули иқтисоду бозори миллӣ ва пайвастгардии онро бо иқтисоди ҷаҳонӣ суръат бахшидааст. Бунёду ба истифода додани шоҳроҳи автомобилгарди замонавии Душанбе – Чанақ равобити иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии мардуми вилоятро бо дигар манотиқи кишвар вусъат додааст. Чуноне, ки коршиносон таъкид доранд, арзонтарин роҳи боркашонӣ барои кишвари кӯҳсорамон - ин роҳи автомобилгард аст ва беш аз 70 фоизи боркашонӣ бо ин роҳ сурат мегирад. Масалан, соли 2010 боркашонӣ ҳаҷми 27, 5 миллион тоннаро ташкил додаст, ки нисбат ба соли 1997 3,4 маротиба боло рафтааст. Мусофиркашонӣ тавассути намудҳои нақлиёт соли 2011 нисбат ба соли 1997 123,2 милион нафар мусофир ва ё беш аз 3 маротиба зиёд шудааст.

Иқдоми бузурги Сарвари кишварамон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва шарофати ваҳдати миллӣ буд, ки роҳи бузурги абрешим бо мазмуну таровати нав боз эҳё шудааст. Ҷойгиршавии қулайи ҷуғрофӣ ва инфрасохторҳои коммуникатсионии вилоят имконият дод, ки вай ба муносибатҳои тиҷоративу-иқтисодии ҷаҳонӣ пайваст шавад. Ин раванди устувор бори дигар барои ҷаҳониён пойдории ваҳдати тоҷикон, фазои босуботи сиёсиву иқтисодии кишварамонро тасдиқ намуд, ки воридшавии сармоягузории хориҷӣ ва густариши тиҷорати байналмилалӣ сол аз сол афзуда истодааст. Сиёсати

хориҷии кишвар ва густариши робитаҳои иқтисодии байналмилалӣ имконият додааст, ки вилояти Суғд бо 65 мамлакат, аз он ҷумла 11 мамлакати ИДМ ва 54 мамлакати хориҷи дур муносибатҳои савдои хориҷӣ кунад. Соли 2011 гардиши савдои хориҷӣ 1273,4 миллион доллярро ташкил додаст, ки он нисбат ба соли 2000 беш аз 3 маротиба зиёд мебошад. (ниг. **Ҷадвали 4.)** Ҳаҷми содирот 279,6 миллион доллар буда, нисбат ба соли муқоисавӣ 2,2 маротиба афзудааст, ҳаҷми воридот бошад 993,8 миллион доллярро ташкил дода 3,41 маротиба зиёд шудааст. Бо давлатҳои ИДМ 58,9 фоизи ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ, аз он ҷумла 31 фоизи ҳаҷми содирот ва 65 фоизи ҳаҷми воридот рост меояд. Маҳз дар доираи кишварҳои ИДМ, ки алоқаҳои иқтисодиву тиҷоратии миёни онҳо таърихи тӯлонӣ дораду унси мустақим гирифтааст, тиҷорати байналмилалӣ ҷойгоҳи устувор дорад. Аз ин кишварҳо ба вилояти мо, асосан маҳсулоти таъиноти истеҳсолӣ ворид мешавад.

Ҷадвали 4.

Савдои хориҷии вилояти Суғд дар давраи солҳои 2000 - 2011

(млн. доллар)

№ п/п	Нишондиҳандаҳо	2000	2005	2010	2011	Соли 2011 нисбат ба соли 2000, маротиба
1.	Гардиши савдои хориҷӣ, ҳамагӣ	417,5	388,6	944,6	1273,4	3,05
2.	Бо мамолики ИДМ	307,6	237,7	570,7	736,9	2,39
3.	Бо дигар мамолики ҷаҳон	109,9	150,9	373,9	536,5	4,88
4.	**Содирот, ҳамагӣ**	**126,2**	**139,4**	**207,8**	**279,6**	2,21
5.	Бо мамолики ИДМ	48,0	60,9	100,5	89,4	1,86
6.	Бо дигар мамолики ҷаҳон	78,2	78,2	107,3	190,2	2,43
7.	**Воридот, ҳамагӣ**	**291,3**	**249,3**	**736,8**	**993,8**	3,41
8.	Бо мамолики ИДМ	259,6	176,8	470,2	647,5	2,49
9.	Бо дигар мамолики ҷаҳон	31,7	72,5	266,6	346,3	10,9

Манбаъ: *Тоҷикистон 20 соли истиқлолияти давлатӣ, маҷмӯи омории вилояти Суғд, 2011, С 343,345*

Аз вилоят, асосан нахи пахта, қолинҳо, ашёи хоми абрешим, консерваи помидор, шарбати мева ва сабзавот, тамоку, пиёз, ангур, меваи хушк ва ғайраҳо

содирот шудааст. Бояд зикр кард, ки вилояти Суғд беш аз 90 фоизи содироти меваи хушк, пиёз, меваҷоту сабзавоти кишварро таъмин менамояд.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳими рушди кишварамон ба талаботи замону ҷаҳони муосир мутобиқ намудани соҳаи маориф мебошад. Дар ҳақиқат, муқаддастарин чиз барои ҷомеа пас аз нон, ин маориф аст. Бинобар он дар партави сиёсати маорифи давлат, ки самти аввалия гирифтааст, дар вилоят маблағгузорӣ барои рушди ин соҳа афзун шуда, сол аз сол теъдоди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва нуфузи хонандагони он зиёд шуда истодааст. Масалан, агар соли 2009 аз буҷаи вилоят ба соҳаи маориф 171,1 млн сомонӣ равона шуда бошад, пас соли 2011 ин рақам ба 245, 7 млн сомонӣ расидааст, ки афзоиши он, фақат дар се соли охир, қариб 44 фоизро ташкил медиҳад. Имрӯзҳо дар вилоят 902 муассисаи таҳсилоти умумӣ фаъолият мебарад, ки беш аз 463,3 ҳазор хонандаро фаро гирифта, 32,1 ҳазор нафар устодон дарс мегӯянд, ки мувофиқан нисбат ба соли 1997 85 адад ва 49,8 ҳазор нафар талабагон зиёд шудаанд. Ҷалби хонандагон ба зинаи сеюми таҳсил дар маҷмӯъ соли 2011 72 % ташкил кунад, дар байни духтарон 72,4%-ро ташкил медиҳад. Дар 7 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ беш аз 32 ҳазор донишҷӯ ва дар 17 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ қариб 10,6 ҳазор муҳассилин таҳсил мегиранд, ки мувофиқан донишҷӯёни онҳо нисбат ба соли 1997 ба 14,3 ва 2,4 хазор нафар афзудааст. Масъалаи дохилшавии хатмкардагон ба мактабҳои олӣ низ беҳтар шудааст. Соли 2011 аз се нафар писар ва аз панҷ нафар духтарон якеашон ба мактабҳои олӣ дохил шудаанд.

Хулоса, дар арафаи ҷашни фархундаи 15-солагии Ваҳдати миллӣ мо ифтихор аз он дорем, ки вилояти Суғди кӯҳантаърих бо шарофати ғамхории Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муттаҳидона заҳмат кашидани халқи вилоят ҷиҳати таҳкими ваҳдати миллӣ, ба хусус ваҳдати халқ ва давлат дар ҳамаи самтҳои иҷтимоию иқтисодӣ**,** маорифу фарҳанг ба комёбиҳои назаррас ноил гардида, дар рушду нумӯи кишвари соҳибистиқлоламон саҳми арзанда гузошта истодааст.

NATIONAL UNITY AND THE 15 YEARS THE SOCIAL-ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE SUGHD PROVINCE

J. R. Sanginov,
first deputy Chairman of the Sughd province

The author marks three essences of unity and national consent - high culture, self-consciousness and universal values. In this article is given a set of figures, statistics, tables and parameters, concerning to a socio economic situation of Sughd province. Thus, the author shows a role and importance of national unity for development of economy of the province for the last 15 years.

Key worlds: *the message of the President, socio economic indicators, export, import, foreign trade, demography, local market, world economy.*

НАЦИОНАЛЬНОЕ ЕДИНСТВО И 15 ЛЕТ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ

Дж. Р. Сангинов,
первый заместитель председателя Согдийской области

Автор отмечает три сущности единства и национального согласия – высокая культура, самосознание и общечеловеческие ценности. В статье приводится множество цифр, статистика, таблицы и показатели касательно социально-экономического положения Согдийской области. Таким образом, автор показывает роль и значение национального единства для развития экономики области за последние 15 лет.

Ключевые слова: *Послание Президента, социально-экономические показатели, экспорт, импорт, внешняя торговля, демография, местный рынок, мировая экономика.*

УДК 37+297(575.3)

ҲАҚРО МЕТАВОН БО ЧАШМИ ҲАҚБИН ДИД…

Пайванди Гулмуродзода, *н. и. ф.,*
дотсенти ДМТ

Муаллиф дар мақолаи хеш ба хислати мардуми тоҷик таъкид варзидааст, ки дар ҳеҷ давру замон ба сари кишвари дигар лашкар накашидаву кишвари дигарро ғасб накардааст. Тоҷикон ҳамеша бо илму фарҳанги худ ба мамолики гуногуни Шарқу Ғарб сар дароварда, дар дили мардумони гуногун бо дониши қавию фарҳанги асилаш маскан гузидаанд. Ин анъанаи неки гузаштагонро Сарвари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон бо таҳаммулу андеша идома дода, дар дили лак-лак аҳли сайёра нисбат ба тоҷикон бовару эътимод ба вуҷуд овард. Бо ибрати шахсиаш собит кард, ки дар муддати кӯтоҳ кишварро аз вартаи ҳалокату гумномӣ наҷот бахшида, ба сӯи созандагию бунёдкорӣ метавон равона кард. Ин ҳақиқати бебаҳсест,ки ҳоҷати исботу доварӣ надорад. Танҳо бо чашми ҳақбин самари онро тавон дид ва ҳеҷ вақт ҳақро бо чашми ботил натавон кашф кард.

***Калимаҳои калидӣ**: ҳақбин, эътирофи сулҳи тоҷикон, хираду заковати тоҷикӣ, мухолифини ҳукумат, фарҳанги исломӣ, сиёсисозии мушкилоти ҷомеа, мактаби худшиносӣ, муколимаи тамаддунҳо.*

Эътирофи сулҳи тоҷикон аз ҷониби сиёсатмадорону коршиносони ҷаҳон чун дастоварди муҳими ҳамдигарфаҳмӣ баҳои баландест ба заковати халқи тоҷик ва арҷгузорӣ ба фарҳанги сулҳофарии мо, ки дар хотимаи муноқишаву ҷангҳои дохилии бисёр кишвару минтақаҳо мавриди истифода қарор хоҳад гирифт. Мухолифати тезутунди дохилиамон, ки оқибат ба ҷанги шаҳрвандӣ мубаддал шуд, боиси бадбахтиҳои бешуморе гардида, кинаву хусумати зиёдеро ба бор овард. Қисме аз аҳли миллатро сарсону саргардон, паҳну парешон, ғариби мулки дигарон гардонда, кишварро хароб сохт. На танҳо ҳамсоя ба ҳамсоя, балки хешу табор ба ҳамдигар бо назари шубҳа менигаристанд.

Эътимод ба ояндаи кишвар ва анҷоми ин ҷанги худкуш намонда, дар гуфтугузори ҳукумати кунду мухолифини тунд дар ҳаллу фасли ягон масъала мувофиқа ба даст намеомад. Дар забони пиру ҷавон сухан аз ҷанг буд. Бино ба мушоҳидаи як рӯзноманигори хориҷӣ радио ва телевизиони ҷумҳурӣ ҳукумат дар дохили ҳукумат гардида: ҳукумати «мусолиҳаи миллӣ» рӯйдоду воқеаҳоро ба тарзи дигар шарҳу эзоҳ медод, ҳукумати дохили ҳукумат чизи дигар мегуфту манзараи дигарро пешкаши мардум мегардонд. Беист аз «комёбиву зафарҳо дар ҷанги худкушӣ» ҳарф мезад. Ба оташи ҷанг равған мерехт, дар дили мардум тухми адовату кина ва нобоварӣ ба ҳамдигарро мекишт, ки ҳукумати вақт ба «ҳукумати дохилии худ» ҳеҷ таъсире расонида наметавонист. Мардум ҳайрон

монда буд, ки ба сухани кадоме аз ин «ҳукуматҳо» бовару эътимод ва аз рӯйи гуфтаи кадоме аз инҳо амал кунад. Ҳокимияти қонунбарор ғайри ивази пайиҳами раиси худ дигар кори муҳимеро наметавонист ба анҷом бирасонад. Вакилони халқи тақсим ба гурӯҳҳо баҳсу мунозираи оштинопазирро идома медоданд.

Ҳақ бар ҷониби Сарвари давлат, ки баъди гузашти солҳо навишта: - «Маҳз дар ҳамин давра (солҳои 90-уми садаи гузашта-П. Г.) имконияти таърихии иттиҳоди нерӯҳои фаъоли ҷомеа ва ваҳдати мардуми тоҷик барои расидан ба ҳадафи олӣ-истиқлолияти миллии Тоҷикистон фароҳам омада буд, вале, мутаассифона, ин имконияти бузурги таърихӣ ҳангоми парокандашавии империяи абарқудрати Шӯравӣ оқилонаву зиракона истифода нашуд. Раванди фарорасии истиқлолияти давлатӣ ва худро ҷумҳурии мустақилу субъекти комилҳуқуқ эълон намудани Тоҷикистон аз лиҳози шаклу мазмун ба дигар ҷумҳуриҳои тозаистиқлоли Шӯравӣ шабоҳат дошта бошад ҳам, ҷараёни минбаъдаи он ба муқовимату ихтилофҳои шадиди иҷтимоӣ ва сиёсисозии мушкилоти ҷомеа печида, оқибат ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро ба бор овард».[1]

Сарварону роҳбарони гурӯҳҳо ба ҳамдигар бо хашму ғазаб сухан мегуфтанд ва на парвои парешонии миллатро доштанду на вайронии кишварро. Танҳо аз «мувафаққият» ва «дурустӣ»-и амали хеш бо «ифтихор» сухан гуфта, фаромӯш карда буданд, ки «давлат ҳама з-иттифоқ хезад,бедавлатӣ аз нифоқ». Ҳар лаҳза набудани бузургони миллат чун устод Айниву аллома Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзодаву Боқӣ Раҳимзода эҳсос мешуд.Чеҳраи маъруфе набуд, ки аҳли ҷомеа ба ҳарфаш гӯш диҳаду эътимод кунад, дар атрофаш муттаҳид гардад.

Вале хираду заковати тоҷикӣ водор сохт, ки гурӯҳе аз пайи ҷустуҷӯйи тадбире шаванд. Ба хубӣ эҳсос намуданд, ки давоми аҳвол бад-ин минвол боиси парешонии боз бештари миллати дар таърих борҳо ҷафодида ва несту нобудии давлати тозаистиқлоли пуштибону такягоҳи тамоми тоҷикони ҷаҳон хоҳад шуд. Ва Иҷлосияи таърихии ХУ1 Шӯрои Олии Тоҷикистон дар шаҳри бостонии Хуҷанд оғози барқарории қонуният ва адолат дар кишвар гардида, ҳукумати нотавонро неруву қувват бахшид. Бо роҳандозии тамоми имконияту восита ба наҷоти миллат аз фано ва нигаҳдории давлат аз нобудӣ пардохт.

Сарвари ҷавони давлати соҳибистиқлоли тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон аз минбари баланди Иҷлосия ба барқарории сулҳу баргардондани тоҷики гурезаи иҷборӣ аҳду савганд ёд кард ва барои иҷрои қавлу ваъдааш камари ҳиммат баст.Ҷон дар кафи даст на танҳо ба манотиқи гуногуни кишвари даргирии ҷанг, балки Афғонистони пур аз дуду оташ сафар карда, аз сулҳу оштӣ, якдигарфаҳмиву ҳамдигарбахшӣ лаб ба сухан кушод. Ба қавле, аз рӯйи ҳикмати аҷдодони фарҳангофараш амал намуд:

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих.- Душанбе, 2009.-С.515.

Нахоҳӣ, ки бошӣ парокандадил,

Парокандагонро зи хотир маҳил!

Бо мухолифини ҳукумат вохӯриҳо гузаронда, ба сулҳу салоҳашон хонд. Ин амали ӯ дар замоне сурат мегирифт, ки ҷароҳатҳо тоза ва дардҳо ҳама нав буданд, бо дилҳои пуркину рӯйҳои пурчин ба ҳамдигар аз рӯйи хусумату адоват сухан мегуфтем. На танҳо мухолифин ба суханонаш кам эътимод мекарданд, балки гурӯҳҳое дар дохили кишвар низ аз ин амали сарвари ҷавон ба хашм меомаданд,ки чаро ба назди мухолифин рафта, онҳоро ба Ватан мехонад. Вазъият чунон мураккабу печида буд, ки дар воқеъ, ҳар лаҳзаву ҳар замон хавфу хатаре таҳдиди ҷонаш мекард.Вале нангу номус, ҷасорату ғайрат ӯро ба майдон оварда, тарсу ҳаросро аз дилаш дур карда буд, ки дар роҳи сулҳу ваҳдат ҷонбозии бемислу монанде мекард. Дар дили мардуми гирифтори яъсу ноумедиҳо тухми умед барои ояндаи некро мекошт, ки дар он айём чунин амалро на ҳар кас ба худ раво медид ва на ҳар фард карда метавонист.

Бузургоне,ки имрӯз дар бораи он айём ҳар гуна тахмину фарзияҳо пешниҳод мекунанд, қудрату тавони берун бурдани 10-15 нафар хешу табор ва ҳаммаҳаллаашонро аз майдонҳои муқовимат надоштанд, чи расад ба ҳам овардани миллат. Ҳар гурӯҳ ба қувваю ғалабаи худ бовар дошт ва лаззати «комронӣ» мечашид, вале намедонист,ки он нашъаи кадом «ғалабаву чӣ комёбиест». Ҳама фаромӯш карда будем, ки дар ин гуна муқобилату муқовимат ва ҷангу хархаша касе ғолиб нахоҳад буд. Он танҳо бохти миллат хоҳад буд. Ва ӯ аз ҳамин хусус сухан кушод ва ёрони худрову ҳарифонро бовар мекунонд, ки ҷанги дохилӣ ғолиб надорад, боиси бохти миллату вайронии давлати тозаистиқлол хоҳад шуд:

Ба пеши бародар бародар ба ҷанг

Наояд, агар бошадаш ному нанг.

Ҳарчанд гурӯҳе бо тамоми ҳастиашон бар он кӯшиданд, ки ин миллатро дар назари оламиён чун ваҳшиву одамкуш ҷилвагар созанд, лек дар ҳеҷ давру замон офтобро ба доман пӯшидан натавон. Ба туфайли заҳмату меҳнати пайгиронаи сарвари оқилу дурандешаш боз аҳли ҷаҳон тоҷиконро чун мардуми фарҳангофару сулҳпарвар, бунёдкору созанда дарёфтанд. Тоҷикон дар гузашта бузургони зиёдеро ба оламиён додаанд, ки ба ақлу фаросат ва хираду заковаташон ҷаҳониёнро ба ваҷду ҳайрат оварда, баракати илму фарҳангашон маърифати умумии аҳли башарро ба болоҳо мебарад.

Дар замоне, ки кишварҳои зиёде давлати тоҷиконро чун кишвари мустақил эътироф карда, ба расмият шинохтанд, вале барои ҳамкорӣ шитоб надоштанд, анҷоми вохӯриву сӯҳбатҳои судманд маҳорату заҳмат мехост. Чи расад ба хориҷиён, ки дар дохили кишвар гурӯҳҳои гуногун дар хусуси нопойдории

ҳукумат овозаҳо паҳн карда, мардумро дар тарсу ҳарос нигоҳ доштан мехостанд. Тазйиқи дохиливу берунӣ, хиёнати худиву бегона, муборизаи шадиди ошкору пинҳон давом дошт. Дар ин гуна шароиту вазъият идораи давлат чандон саҳлу осон набуд. Одитарин саҳву ғалат боиси нобоварии мардуму канорачӯии кишварҳои дигар аз ёриву мадад мегардид, ки бардоштани чунин масъулияти бузург кори на ҳар кас буд.

Вале азму талоши қавӣ, устуворӣ ба қавлу ваъда, сафару мулоқотҳои мунтазам бо аҳли кишвар дар манотиқи гуногун ва сарварони давлатҳои дигар дар ҳамдигарфаҳмӣ, сулҳу оштӣ, ваҳдату боварӣ ба ҳамдигар самари нек медод, ки он ҳама аз баракати ҷавонӣ, ғайрату ҷасорати беандоза ва масъулиятшиносии сарвари давлати тоҷикон буд.

Таърих ҷангу ҷидолҳои зиёдеро сабт карда. На як бору ду бор бародар бо бародар барои ҷоҳу ҷалол мушт бар сари ҳам бардошта, писар падарро ба қатл расонида. Ҳатто модарон ба муқобили фарзандони худ лашкар кашида. Ҳоло низ дар гӯшаву канори олам ҷангу ҷидолҳои дохилӣ солҳост, ки идома дорад. Вале дар таърих кам воқеъ шудааст, ки кишваре дар ҷанги шаҳрвандӣ ба зудӣ ба сулҳу ваҳдат расида, аҳли кишвар ба ҳамдигар аз рӯи меҳру вафо ва сидқу сафо оғӯш кушода бошад. Кам воқеъ шудааст,ки роҳбари давлате барои ба ҳам овардани гурӯҳҳои мухолиф ин қадар саъю талош карда, аз худ гузаштаву ба сӯҳбати бародарони дур аз Ватан, ғарибу нотавонаш шитобида бошад. Бисёр хондаему шунидаем, ки ҳокимони давру замон бо мухолифони худ ҳамеша аз рӯи зӯру кудрат сухан гуфта, ҳамеша шарту талаб гузоштаанд, вале кам воқеъ шуда, ки талаби мухолифонро пазируфта, гаштаву баргашта ба ҳамкориву ҳамдигарфаҳмӣ даъват карда бошанд:

Ҳаме барбиёяд ба тадбири кор,
Мадорои душман беҳ аз корзор!

Ба гумонам,ин хислати сирф тоҷикист, ки дар ҳеҷ давру замон бо ҳамҳамаву дамдама ба сари кишвари дигар лашкар накашидаву кишвари дигарро ғасб накарда. Ҳамеша бо илму фарҳангаш ба мамолики гуногуни Шарқу Ғарб сар дароварда, дар дили мардумони гуногун бо дониши қавию фарҳанги асилаш маскан гузида. Ин анъанаи неки гузаштагонро Сарвари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон бо таҳаммулу андеша идома дода, дар дили лак-лак аҳли сайёра нисбат ба тоҷикон бовару эътимод ба вуҷуд овард. Бо ибрати шахсиаш собит кард, ки дар муддати кӯтоҳ кишварро аз вартаи ҳалокату гумномӣ начот бахшида, ба сӯи созандагию бунёдкорӣ метавон равона кард. Ин ҳақиқати бебаҳсест,ки ҳоҷати исботу доварӣ надорад. Танҳо бо чашми ҳақбин самари онро тавон дид ва ҳеҷ вақт ҳакро бо чашми ботил натавон кашф кард.

Хидмати бузург ва таърихии Эмомалӣ Раҳмон наҷоти миллат аз ҳамдигаркушӣ ва раҳоиву пойдории давлати ягонаи тоҷикон аз вайрониву парокандагист, ки бо гузашти солҳову садсолаҳо қимату аҳамияти он бештару пурратар ҷилвагар хоҳад гардид. Беҳуда нагуфтаанд:

Неку бад ҳар ду тавон кард,валекин, бешак,
Нек душвор тавон кардану бад сахт осон!

Маҳз бо ҷидду чаҳд, азму талоши ӯ миллат рӯй ба бунёдкориву созандагӣ овард, ки дар муддати кӯтоҳ соҳиби ваҳдату давлат гардидем. Тоҷикистон чун хонаи умеди кулли тоҷикони ҷаҳон дари худро ба рӯйи оламиён кушод ва чун маркази илму фарҳанги форсизабонон ном баровард. Сокинони мамлакат дар фазои сулҳу оромиш умр ба сар бурда, ҳам истиқлолияти кишвар ва ҳам иди бузурги дӯстиву бародарӣ - Рӯзи ваҳдатро бо дили пуру чеҳраи кушод таҷлил мекунанд.

Обрӯву нуфузи давлати тоҷикон рӯз ба рӯз афзуда, суханрониву пешниҳодҳои сарвари он мавриди таваҷҷӯҳи созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ва сиёсатмадорони маъруфи олам қарор гирифт. Эълони соли 2003 чун Соли байналмилалии оби тоза, солҳои 2005-2015 «Об барои ҳаёт», баргузории конфронсу ҳамоишҳои бузурги илмию фарҳангии байналмилалӣ дар пойтахти давлати тоҷикон – Душанбе ҳама гувоҳи эътирофи кӯшишу талошҳои бунёдкоронаи роҳбари Тоҷикистон аст

Дар муддати 20 соли истиқлолияти кишварамон бо вуҷуди мушкилоти солҳои аввали соҳибистиқлолӣ бо саъйу талош ва ҳиммату кӯшиши Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон корҳои бузурги созандагиву ободонӣ сурат гирифт: қомат афрохтани маҷмааи бузурги Исмоили Сомонӣ, Кохи Миллат ва пайкараи Одамушшуаро Рӯдакӣ бо гулбоғи зебояш дар маркази пойтахт, бунёди нерӯгоҳҳои хурду бузурги барқии обӣ, нақбҳои Истиқлолу Ваҳдат, шоҳроҳи Қалъаи Хумб-Қарақурум, хатти баланшиддати Ҷануб-Шимол, роҳи бузурги мошингарди Рашт-сарҳади Қирғизистон, мактабу донишгоҳҳо, марказҳои фарҳангиву гулбоғҳо, меҳмонхонаҳову биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ дар манотиқи гуногуни кишвар. Маҳз бо сиёсати маърифатпарваронаву фарҳангии Сарвари давлат дар ин чанд соли охир марзи фарҳангии тоҷикон аз Ҳиндустону Туркия то ба Ироқу Арабистон аз нав эҳё гардид. Ҷашни Мавлонои Балхӣ дар сатҳи байналмилалӣ, тармиму таъмири оромгоҳи Мирзо Бедил дар Ҳиндустон, Соли бузургдошти Имоми Аъзам Абӯҳанифа дар кишвар ва баргузории ҳамоиши бузурги байналмилалии «Мероси Абӯҳанифа ва муколамаи тамаддунҳо» ҳама бо ибтикори бевоситаи Сарвари давлат роҳандозӣ шуд. Дар идомаи густариши сиёсати фарҳанги миллӣ бори аввал бунёди бузургтарин масҷиди ҷомеъ дар пойтахти кишвар бо истифода аз беҳтарин дастовардҳои ҳунари меъмории тоҷикӣ ва ба хотири

табдили масҷидҳо аз доираи танги танҳо намозгузорӣ ба **маркази ҳақиқии маърифату дарки моҳияти фарҳанги исломӣ** дар замони тазодҳои шадиди ҷаҳони муосир шурӯъ шуд, ки бешак, дар худшиносиву худогоҳии мардум нақши муҳим хоҳад бозид. Илова бар ин эълони шаҳри Душанбе чун маркази фарҳанги исломӣ дар соли 2010 аз ҷониби Созмони пурнуфузи исломӣ ҳамагӣ далолат бар он аст, ки давлат аз иттифоқ хезад ва сарвари оқилу доно ҳамеша миллату аҳли кишварро ба сӯйи ояндаи неку дурахшон роҳбаладӣ мекунад.

Ва мо имрӯз «ба гузашта ба хотири парастиши содалавҳонаи ниёгон не, балки барои тақвияти руҳи созандагӣ, бузургдошти хотираи нахустаҷдоди роҳкушои мо, ки дар дарозои таърих ба иқдомҳои нав камар баста, ба дастовардҳои бузургу ғайриоддӣ ноил гаштаанд, рӯй меоварем. Охир, як сарчашмаи воқеии худшиносии миллӣ, қабл аз ҳама, бунёди давлати соҳибистиқлол, ваҳдати миллӣ, рӯ овардан ба гузаштаи пурифтихор, ҳифзи тамаддуну мероси фарҳангии ниёгон ва поси хотири шахсиятҳои тавонову фарзандони бузурги миллат мебошад. Воқеан, мактаби худшиносӣ, истиқлолият ва давлату давлатдории миллӣ баробари чандин омилҳои объективию субъективӣ боз як омӯзгори хеле нуктасанҷе дорад, ки онро таърих меноманд. Сабақҳои ибратомӯзи таърих роҳи гузаштаву имрӯзу ояндаро пешорӯйи мо қарор дода, чун ҳаками одил гиреҳи бурду бохтҳои силсилаи давлату давлатдориҳои тоҷиконро бароямон мекушояд»[1].

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих.- Душанбе, 2009.-С. 5.

THE TRUTH IS POSSIBLE TO BE SEEN BY THE EYES OF THE TRUTHFULL MAN…

Payvand Gulmurodzoda, *candidate of philosophy,*
Docent of the Tajik National University

The author in his article mentions historical features and mentality of the Tajik people, which never in a history made attacks on the other countries. At the same time, Tajiks, having high culture and being educated, fascinated the various countries of East and West and have won hearts of these peoples. This noble mission of our ancestors has continued the Head of state of Tajiks Emomali Rahmon. He could achieve trust and admiration of millions people of a planet to the Tajiks. By the personal example he has proved, that it is possible in a short interval of time to rescue the country from disorder and destruction, and to direct it on a way of creation and prosperity. This true does not require the proof. The truth can be seen only by the eyes of the truthful man.

Key worlds*: truthful, Tajik wisdom, opposition, Islamic culture, politization of problems of a society, self-consciousness, dialogue of civilizations.*

ПРАВДУ МОЖНО УВИДИТЬ ГЛАЗАМИ ПРАВДИВОГО ЧЕЛОВЕКА…

Пайванд Гулмуродзода, *к.ф.н.,*
доцент ТНУ

Автор в своей статье упоминает исторические черты и менталитет таджикского народа, который никогда в истории не совершал нападения на другие страны. В то же время, таджики, имея высокую культуру и являясь образованными, очаровывали различные страны Востока и Запада и завоевали сердца этих народов. Эту благородную миссию предков продолжил глава государства таджиков Эмомали Рахмон. Он смог добиться доверия и восхищения миллионов людей планеты к таджикам. Своим личным примером доказал, что можно в коротком отрезке времени спасти страну от развала и гибели, и направить ее на путь созидания и процветания. Эта истина не нуждается в доказательстве. Правду можно увидеть только глазами правдивого человека.

Ключевые слова*: правдивый, таджикская мудрость, оппозиция, исламская культура, политизация проблем общества, самосознание, диалог цивилизаций.*

УДК 342+325:327(47+57)(575.3)

МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ И РОЛЬ СНГ В УРЕГУЛИРОВАНИИ ВНУТРИТАДЖИКСКОГО КОНФЛИКТА 1992-2000 ГГ.

Ф.Ф. Идиев,
ассистент кафедры международного права
юридического факультета ТНУ

Автор, упоминая историю создания СНГ, анализирует некоторые важные аспекты Устава этой организации с юридической точки зрения, и оценивает ее роль в урегулировании внутритаджикского конфликта. В статье также проанализирована эффективность деятельности Коллективных миротворческих сил СНГ в Таджикистане. Так, в заявление Совета глав СНГ от 22 января 1993 г. отмечалось, что Государства СНГ выступили за принятие дополнительных мер по укреплению охраны таджикско-афганской границы и оказания гуманитарной и продовольственной помощи населению Таджикистана.

Ключевые слова: *международно-правовые основы, Коллективные миротворческие силы СНГ, Декларация о неприкосновенности границ, Совет глав СНГ, Генеральный секретарь ООН.*

Республика Таджикистан ратифицировала Соглашение о создании СНГ от 8 декабря 1991 г. и Протокол к нему от 21 декабря 1991 г. уже 25 декабря 1991 г., и с этой даты является участником СНГ[4].

В Соглашении о создании СНГ закреплено, что его члены будут сотрудничать в обеспечении международного мира и безопасности, осуществлении эффективных мер сокращения вооружений и военных расходов (ст.6)[5]. Это обязательство провозглашено в качестве одной из целей СНГ в его Уставе от 21 января 1993 г. (ст.2)[6].

Необходимо обратить внимание на две статьи Устава. В ст.12 указывается, что в случае возникновения угрозы суверенитету, безопасности и территориальной целостности одного или нескольких государств-членов либо международному миру и безопасности государства-члены незамедлительно

[4] См.: Решение Экономического суда СНГ от 31 марта 1994 г. № 01/94 «О толковании учредительных документов Содружества»//Решения Экономического Суда Содружества Независимых Государств. М.. 2007. С. 6 – 7 .

[5] См.: Международное публичное право: сб. документов / сост. *К.А. Бекяшев, А.Г. Ходаков*. М., 1996. С.469.

[6] См.: Там же. С. 472.

приводят в действие механизм взаимных консультаций с целью координации позиций и принятия мер для устранения возникшей угрозы, включая миротворческие операции или коллективную самооборону согласно ст. 51 Устава ООН.

Статья 16 Устава предписывает государствам – членам принимать «все возможные меры для предотвращения конфликтов, прежде всего на межнациональной и межконфессиональной основе», а также оказывать друг другу на основе взаимного согласия помощь в урегулировании таких конфликтов, в том числе в рамках международных организаций.

Таким образом, указанные статьи Устава создают правовую основу для участия стран СНГ во внутренних конфликтах. Очевидно, и у самих членов СНГ не было сомнений на этот счет, поскольку в рамках Содружества принят ряд документов, которые можно условно разделить на общие, специальные (для урегулирования конкретного конфликта), а также двусторонние (между Российской Федерацией и Республикой Таджикистан) и многосторонние.

К общим международным актам относятся:

1) Соглашение о Группах военных наблюдателей и Коллективных силах по поддержанию мира в СНГ от 20 марта 1992 г. [7]

2) Ташкентский протокол о статусе Групп военных наблюдателей и Коллективных сил по поддержанию мира в СНГ от 15 мая 1992 г.[8],

3) Ташкентский протокол о временном порядке формирования и задействования Групп военных наблюдателей и Коллективных сил по поддержанию мира в зонах конфликтов между государствами и в государствах-участниках СНГ, подписанный руководителями стран – членов СНГ 15 мая 1992 г.[9]

4) Ташкентский протокол о комплектовании структуры, материально-техническом и финансовом обеспечении этих групп и сил.

5) Соглашение о Коллективных миротворческих силах, дополненное Положением об Объединенном командовании Коллективных миротворческих сил, документом о размерах долевых взносов для финансирования Объединенного командования, подписанное 24 сентября 1993 г. главами пяти государств – членов СНГ – Российской Федерации, Казахстана, Киргизии, Узбекистана и Таджикистана.

Согласно данному Соглашению под Коллективными миротворческими силами понимаются воинские формирования Казахстана, Киргизии, Российской

[7] Дипломатический вестник. 1992. № 7.С.11.

[8] URL: http://www.lawbelarus.com/world/sub03/texa4666.htm (дата обращения: 08.05.2012).

[9] URL: http://pravo.kulichki.com/zak/megd/meg03756.htm (дата обращения: 08.05. 2012).

Федерации, Таджикистана, Узбекистана и других государств – членов СНГ с их вооружением, боеприпасами, военной техникой и имуществом, выделенные государствами-членами для выполнения задач по стабилизации обстановки и поддержанию мира и находящиеся под Объединенным командованием. Состав, задачи и порядок функционирования, а также размеры долевых взносов государств – членов для финансирования деятельности Объединенного командования Коллективных миротворческих сил определяются Положением к данному Соглашению;

6) Соглашение от 24 сентября 1993 г. о первоочередных мерах по защите жертв вооруженных конфликтов[10].

В нем подчеркивается, что «Стороны будут сотрудничать на двусторонней и многосторонней основе в принятии необходимых мер, направленных на предотвращение нарушений прав человека и норм гуманитарного права в регионах вооруженных конфликтов»;

7) Концепция предотвращения и урегулирования конфликтов на территории государств - членов СНГ и Положение о Коллективных силах по поддержанию мира в СНГ, принятое 19 января 1996 г. на встрече высшего руководства стран СНГ в Москве[11].

Концепция определяет общие подходы государств – членов СНГ по вопросам предотвращения и урегулирования конфликтов, возможности совместных шагов по разрешению возникающих споров и разногласий. Они рассматривают совместную деятельность по предотвращению и урегулированию конфликтов, в том числе и проведение многосторонних миротворческих операций, как важнейшую составную часть своей политики по укреплению национальной безопасности, сохранению территориальной целостности и независимости своих государств.

Специальными международными актами СНГ для урегулирования конфликта в Таджикистане являются :

1) решение об усилении российских пограничных сил в Таджикистане контингентами из Казахстана, Киргизии и Узбекистана, принятое 22 января 1993г.[12];

2) решение о создании сил по поддержанию мира в Таджикистане от 24 сентября 1993 г.[13];

---

[10] Документ ООН S/26610 от 21 октября 1993 г. URL: www.un.org (дата обращения: 07.05.2012).

[11] Дипломатический вестник.1996. № 2. С.39.

[12] URL: http://www.lawrussia.ru/texts/legal_383/doc383a830x257.htm (дата обращения: 14.05.2012).

3) два решения от 15 апреля 1994г. касающихся пограничных войск и сил по поддержанию мира в Таджикистане[14].

К двухсторонним международным актам, подписанным в рамках СНГ, относятся:

1) Договор о дружбе, сотрудничестве и взаимной помощи между Российской Федерацией и Республикой Таджикистан», подписанный 25 мая 1993 г.[15];

2) Договор между Российской Федерацией и Республикой Таджикистан о сотрудничестве в военной области, подписанный 25 мая 1993 г.

3) Соглашение между Российской Федерации и Республикой Таджикистан о правовом статусе пограничных войск Российской Федерации, находящихся на территории Республики Таджикистан, подписанное 25 мая 1993 г.[16];

4) Соглашение между Российской Федерацией и Республикой Таджикистан о правовом статусе воинских формирований Вооруженных Сил Российской Федерации, находящихся на территории Республики Таджикистан, от 25 мая 1993г.[17]

Практические шаги по урегулированию конфликта. Так же, как и Организация Объединенных Наций, страны Содружества начали с установления фактов. По решению Совета глав государств в начале октября 1992 г. в Таджикистан приехали специальные представители президентов Киргизии, Казахстана, Армении, России и Узбекистана для выяснения причин и путей предотвращения внутритаджикского конфликта. После выяснения причин конфликта, ситуация в Таджикистане обсуждалась в ходе встречи Глав государств СНГ 9 октября 1992 г. в Бишкеке. В заявлении Глав государств СНГ принятом в результате обсуждений подчеркивалось, что «не могут оставаться безразличными к судьбе народа братского Таджикистана и готовы оказать ему необходимую помощь, в том числе миротворческими силами, после получения официального обращении председателя Верховного Совета

[13] См.: *Каримов Ф.Б.* Миротворческие операции России и СНГ на территории Республики Таджикистан.// URL: http://www.yurclub.ru/docs/pravo/0203/150203.html (дата обращения: 14.05.2012).

[14] См.: Там же.

[15] См.: Бюллетень международных договоров. 1993.№ 8.

[16] См.: Бюллетень международных договоров.1994. №11.

[17] См.: Бюллетень международных договоров. 1994. № 10.

Республики Таджикистан»[18], о введении в Республику Коллективных миротворческих сил СНГ.

На следующей встречи глав государств СНГ в Минске 22 января 1993 г. обсуждалось обострение ситуации в Таджикистане и обращение Председателя Верховного Совета Республики Э.Ш. Рахмонова с просьбой о введении на ее территорию Коллективных миротворческих сил. В заявлении от 22 января 1993 г. отмечалось, что «Государства СНГ выступили за принятие дополнительных мер по укреплению охраны таджикско-афганской границы и оказания гуманитарной и продовольственной помощи населению Таджикистана»[19].

На этой встрече было принято решение о мерах по стабилизации обстановки на участке Государственной границы Республики Таджикистан с Афганистаном: «В целях обеспечения стабильного положения на таджикско-афганском участке границы необходимо усилить Группу пограничных войск Российской Федерации в Республике Таджикистан личным составом по одному батальону, численностью 500 человек в каждом, из состава Вооруженных Сил Республики Казахстан, Республики Кыргызстан, Российской Федерации, Республики Узбекистан и других государств – членов Совета коллективной безопасности»[20]. Необходимость этих мер была обусловлена тем, что основные силы таджикской оппозиции к тому времени перебазировались на территорию Афганистана.

По поводу оценки указанных мер в литературе высказывались разные мнения. Так, Б.Г. Бигуаа считает, что заявление Глав государств – членов СНГ, не сопровождаемое последующим оформлением мандата, может претендовать на самомандат международной региональной организации[21]. Действительно, в выше названном обращении Э.Рахмонова содержалась просьба о вводе в Республику миротворческих сил, а главы государств СНГ выступили за принятие дополнительных мер по укреплению охраны таджикско-афганской границы и за усиление Групп пограничных войск Российской Федерации в Республике Таджикистан, на что у них были прямые полномочия.

Для устранения этих недочетов 7 августа 1993 г. в Москве состоялось заседание Совета Глав государств СНГ. На нем приняты два документа. **Во первых,** заявление « О мерах по нормализации обстановки на таджикско-афганской границе», в котором говорилось: «Таджикско-афганская граница

---

[18] Цит. по: *Никитин А.И., Хлестов О.Н, Федоров Ф.Е, Демуренко А.В.* Миротворческие операции в СНГ. М., 1998. С.41.

[19] См.: Дипломатический вестник .1993 г. № 3 – 4. С.40 – 41.

[20] Там же. С.41.

[21] *Бигуаа Б.Г.* Применение вооруженных сил в рамках превентивных миротворческой операций (международно – правовые вопросы): дис...канд.юрид.наук. М., 2003. С.113.

рассматривается как часть общей границы СНГ; будут приняты все меры по обеспечению безопасности на ней, Таджикистану будет оказана дополнительная военная, экономическая и гуманитарная помощь, а также содействие в ускоренном создании национальных вооруженных сил и пограничных войск, способных самостоятельно обеспечивать защиту суверенитета и территориальной целостности своего государства» [22]. Во-вторых, Декларация о неприкосновенности границ. В данном документе, который нельзя однозначно назвать правотворческим, были изложены намерения сторон. Так, в п. 1 подчеркивалось, что «обеспечение неприкосновенности границ государств, подписавших настоящую Декларацию, рассматривается ими как сфера совместных жизненно важных интересов, является их общим делом и осуществляется на многосторонней или двусторонней основе»[23].

Хотя формально Декларация не имеет юридической силы, обратим внимание на содержащееся в ней положение о том, что «государства, подписавшие настоящую Декларацию, несут коллективную ответственность за неприкосновенность их границ третьими государствами» (п.4). Таким образом, государства, принявшие Декларацию, брали на себя одностороннее обязательство. В этом выражаются дух Декларации и намерения ее участников: «государства подтверждают свою готовность посредством переговоров с участием всех заинтересованных сторон искать пути прекращения и предотвращения вооруженных конфликтов на границах» (п.5).

Кроме того, было сформулировано Обращение к Генеральному секретарю ООН от имени министров иностранных дел России, Казахстана, Киргизии, Таджикистана и Узбекистана. В нем Генеральный секретарь извещается о том, что Казахстан, Киргизия, Россия, Таджикистан и Узбекистан считают правовой основой своих действий Договор о коллективной безопасности в рамках СНГ. «В соответствии с этим Договором и в порядке осуществления права на индивидуальную и коллективную самооборону по статье 51 Устава ООН нами принято решение оказать Таджикистану срочную дополнительную помощь, включая военную»[24].

Первым документом, регулирующим вопросы миротворчества, является Соглашение «О создании Коллективных миротворческих сил стран-участниц Содружества Независимых Государств в Республике Таджикистан и совместных мерах по их материально-техническому обеспечению»,

---

[22] Цит. по: *Моисеев Е.Г.* Международно-правовые проблемы деятельности Содружества Независимых Государств: дис... докт. юрид. наук. М., 2002. С.128.
[23] Дипломатический вестник. 1993. №17 – 18. С.9 – 10.
[24] См.: Дипломатический вестник. М.,1993 . № 17-18. С.11.

дополненное Положением об Объединенном командовании Коллективных миротворческих сил, документом о размерах долевых взносов для финансирования Объединенного командования, подписанное 24 сентября 1993 года главами пяти государств-участников СНГ — Российской Федерацией, Казахстаном, Киргизией, Узбекистаном и Таджикистаном[25].

В целях выполнения Соглашения о коллективных миротворческих силах от 24 сентября 1993 г. было выделено по одному батальону из числа Вооруженных сил Казахстана, Киргизии и Узбекистана. Следует отметить, что в Коллективных миротворческих сил СНГ вначале входил в состав подразделения Вооруженных Сил Республики Таджикистан и был выведен из их состава в 1994г. из-за причастности его к конфликтующим сторонам.

Киргизским, казахским, узбекским батальонам и 201 - й российской мотострелковой дивизии, которые были выделены для нормализации обстановки на таджикско-афганской границе, был присвоен статус миротворческих сил. В основном эти силы дислоцировались на границе с Афганистаном. К сожалению, вскоре киргизский, казахский и узбекский батальоны в одностороннем порядке были отозваны от участия в операции, что является грубым нарушением обязательств по участию в миротворчестве со стороны правительств Узбекистана, Киргизии и Казахстана. Это был единственный пример многосторонней миротворческой операции в рамках СНГ, и ее продолжение могло бы составить ценный опыт данной для региональной организации. В дальнейшем в миротворческих операциях СНГ участвовали только российские войска.

Возможно, указанные государства не имели серьезных намерений участвовать в урегулировании конфликта в Таджикистане, и именно поэтому мандат Коллективных миротворческих сил СНГ в Республике Таджикистан не был определен, а поставленные перед ними цели имели общий характер: «выполнять задачи по стабилизации обстановки и поддержанию мира». Следует согласиться с А.В. Архангельским, который считает, что « в этих документах речь идет не о проведении миротворческой операции, а о военной

[25] См.: Документ ООН S/26610 от 21 октября 1993г.С.4-13. URL: www.un.org (дата обращение: 11.05.2012).

помощи правительству Республики Таджикистан, ведущей гражданскую войну с оппозицией»[26].

Весной 1994 г. ситуация на таджикско-афганской границе вновь обострилась. После вооруженного нападения на российскую погранзаставу возникла необходимость в принятии дополнительных решений для урегулирования конфликта, и по инициативе Москвы была предпринята попытка восстановить многосторонние миротворческие силы. 15 апреля 1994 г. в Москве состоялась встреча глав государств СНГ, на которой было принято решение о сроке пребывания, составе и задачах Коллективных миротворческих сил СНГ. Наряду с продлением срока пребывания Коллективных миротворческих сил СНГ в Республике Таджикистан до 31 декабря 1994 г. главы государств постановили, что Российская Федерация, Казахстан, Киргизия, Узбекистан должны выделить в состав Коллективных миротворческих сил, если это еще не было сделано, соответствующие контингенты общей численностью 16 тыс. человек.

В этом решении был уточнен мандат Коллективных миротворческих сил СНГ в Республике Таджикистан и определены следующие их цели:

- а) содействовать нормализации обстановки на таджикско-афганской границе в целях стабилизации общей ситуации в Республике Таджикистан и создания условий для прогресса диалога между всеми заинтересованными сторонами о путях политического разрешения конфликта;
- б) содействовать доставке, охране и распределению чрезвычайной и иной гуманитарной помощи, созданию условий для безопасного возвращения беженцев в места их постоянного проживания и охранять необходимую для вышеуказанных целей инфраструктуру и другие жизненно важные объекты[27].

Однако решение о выделении контингента общей численностью 16 тыс. военнослужащих не было выполнено со стороны Узбекистана, Киргизии, Казахстана и основная нагрузка по его реализации легла на Российскую Федерацию.

---

[26] Цит. по: *Мансуров У.А.* Международно-правовые основы сотрудничества Республики Таджикистан с международными межправительственными организациями: дис... канд. юрид. наук. М., 2008. С.111.

[27] Документ ООН S/1994/1363 от 30 ноября 1994г. URL: www.un.org (дата обращения: 07.05.2012).

Несмотря на то, что состав Коллективных миротворческих сил СНГ не был постоянным и его функционирование было затруднено по организационным и иным причинам, эти силы оказали большую помощь в нормализации обстановки на таджикско-афганской границе, которая в период 1993 – 1997 гг. систематически подвергалась обстрелу со стороны Афганистана, а также в транспортировке гуманитарной помощи населению северных районов Республики, где происходили боевые столкновения. Коллективные миротворческие силы СНГ выполняли свои функции в соответствии с принципом нейтралитета, но в исключительных случаях Командующий Коллективными миротворческими силами был вправе делать предложения министрам обороны государств-участников о проведении операций по пресечению актов агрессии. Согласно с Положением он имел право в чрезвычайной обстановке самостоятельно принимать решение о проведении операций (боевых действий) с последующим докладом главам государств и министрам обороны государств-участников[28].

Коллективные миротворческие силы были введены по просьбе Правительства Республики Таджикистан, а спустя почти год, 17 сентября 1994 г., в Тегеране было подписано Соглашение о временном прекращении огня и других враждебных действий на таджикско-афганской границе и внутри страны. В примечании к Соглашению отмечалось, что «Коллективные миротворческие силы стран СНГ и российские войска в Таджикистане будут выполнять свои функции в соответствии с принципом нейтралитета, заложенном в их мандате, и осуществлять сотрудничество с военными наблюдателями ООН».[29]

После подписания Московского соглашения о примирении между Правительством Республики Таджикистан и Объединенной таджикской оппозицией, а также создания временного переходного органа - Комиссии по национальному примирению на основе договоренности сторон возникла необходимость расширения мандата Коллективных миротворческих сил СНГ.

Совет глав государств СНГ своим решением от 8 октября 1997 г. расширил их мандат и вменил им в обязанность не только содействовать МНООНТ, но и наблюдать за разоружением и расформированием отрядов Объединенной таджикской оппозиции. Коллективные миротворческие силы СНГ должны были также оказывать содействие Комиссии по национальному примирению в решении других задач: в поддержании безопасности и стабильной обстановки в стране и в реализации межтаджикских мирных договоренностей; в выполнении

[28] См.: Документ ООН S/26610 от 21 октября 1993 г. URL: www.un.org (дата обращения: 08.03. 2011).

[29] Дипломатический вестник. 1994. № 19-20. С.37.

соглашений о прекращении огня и протоколов по военным проблемам, являющихся составной частью Общего соглашения; в сопровождении в назначенные пункты сбора личного состава, оружия и боеприпасов формирований Объединенной таджикской оппозиции; в ликвидации заграждений и минных полей; в обеспечении соблюдения норм международного гуманитарного права»[30].

После успешного выполнения выше названных задач мандат содействовавших в достижении национального согласия в Республике Таджикистан, Совет глав государств СНГ 20 июня 2000 г. принял решение о прекращении Коллективных миротворческих сил СНГ в этой республике.

Таким образом, роль СНГ в урегулировании внутритаджикского конфликта заключается в охране таджикско-афганской границы; охране жизненно важных объектов республики от всяких посягательств; создании условий для мирного проведения переговоров; контроль за выполнением соглашения о прекращении огня; доставка гуманитарной помощи на районы пострадавших от боевых действий; транспортировка боевиков ОТО на место их постоянной дислокации, а также обеспечение безопасности сотрудников МНООНТ и др.*

[30]См.: *Раджабов С.А.* Международное гуманитарное право в Республике Таджикистан. Душанбе, 2007.С.112.

АСОСҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ-ҲУҚУҚӢ ВА НАҚШИ ИДМ ДАР ҲАЛЛИ МУСОЛИМАТОМЕЗИ ИХТИЛОФИ БАЙНИ ТОҶИКОН ДАР СОЛҲОИ 1992-2000

Ф.Ф. Идиев,
ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқии факултаи ҳуқуқшиносии ДМТ

Дар мақола таърихи таъсиси ИДМ, баъзе нуктаҳои муҳими Ойинномаи ин ниҳод аз нигоҳи ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, нақши он дар ҳалли низои байни тоҷикон арзёбӣ шудааст. Ҳамчунин самаранокии фаъолияти нерӯҳои муштараки посдори сулҳи ИДМ дар Тоҷикистон таҳлил шудааст. Масалан, дар эъломияи Шӯрои байнидавлатии ИДМ аз 22 январи соли 1993 таъкид шуда буд, ки «ИДМ барои тақвияти ҳифзи сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва расонидани имдоди башарии ғизоӣ ба аҳолии Тоҷикистон иқдомоти иловагиро анҷом медиҳад».

Калимаҳои калидӣ: *асосҳои байналхалқӣ - ҳуқуқӣ, нерӯҳои муштараки посдори сулҳи ИДМ, Декларатсияи дахлнопазирии сарҳад, Шӯрои сарони ИДМ, Дабири кулли СММ.*

INTERNATIONAL-LEGAL BASES AND THE ROLE OF CIS IN THE SETTLEMENT OF INTERTAJIK CONFLICT OF 1992-2000

F.F. Idiev,
assistant of the Department of international Law of the Juridical faculty
of Tajik National University

The author, mentioning a history of creation of CIS, analyzes some important aspects of the Charter of this organization from the legal point of view, and estimates its role in settlement of the inter Tajik conflict. In the article also is analyzed the efficiency of activity of Collective peace-building forces of CIS in Tajikistan. So, in the application of council of the chapters of CIS from January 22, 1993 it was marked, that the States of CIS have acted for acceptance of additional measures on strengthening protection of the Tajik-Afghani border both rendering of the humanitarian and food help to the population of Tajikistan.

Key worlds: *International- legal bases, Collective peace-building forces of CIS, Declaration on inviolability of borders, Council of the Heads of CIS, UN Secretary General.*

УДК 316:321.61+141+322

МУТЛАҚИЯТИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА НИСБИЯТИ ГУНОГУНАНДЕШӢ

Каромат Абдулҳаев *н.и.ф.,*
мудири шӯъбаи иттилоот ва ташхиси диншиносии Маркази исломшиносӣ
дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар ин матлаб мафҳуми «ваҳдати миллӣ» ва ҷанбаи мутлақият доштани он мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтааст. Ба ақидаи муаллиф эътироф намудани мутлақияти Ваҳдати миллӣ ҳамчун арзиши воло, ки ҳамагон ба он ниёз доранд, эҳтиром қоил будану пос доштани Ваҳдати миллиро новобаста аз равандҳои замонию маконӣ ва риояи принсипҳои меҳвариеро, ки бар онҳо устувор мебошад, аз ҳар як шаҳрванди масъулияткинос тақозо менамояд. Халал ворид сохтан ба ваҳдати миллӣ маънои ба вуҷуд овардани имкониятро барои парокандагии миллат хоҳад дошт. Дар мақола ҳамчунин нисбияти яке аз усулҳои демократии рушди ҷомеа – асли гуногунандешӣ (плюрализм) мавриди баҳс қарор гирифтааст.

Калимаҳои калидӣ: *ваҳдати миллӣ, миллат, мутлақияти ваҳдати миллӣ, плюрализм, нисбият, субъектҳои сиёсии ҷомеа, манофеи миллӣ, манфиати фардӣ.*

Ваҳдати миллӣ пеш аз ҳама ягонагии тамоми қишрҳо, ниҳодҳо ва нерӯҳоеро дар назар дорад, ки дар ҳудуди зисти ин ё он миллат фаъолият менамоянд. Зарурат ба таъкид аст, ки дар зери мафҳуми «миллат» бояд танҳо ягонагии этникӣ, яъне ваҳдати танҳо тоҷикон фаҳмида нашавад, балки ваҳдати тамоми сокинони кишвар новобаста аз мансубияти миллию динӣ дар назар дошта шавад. Ваҳдати миллӣ, ба таври дигар, афзал донистани манофеи миллӣ аз манофеи фардӣ, гурӯҳӣ ва амсоли инҳост. Зеро ҳеҷ яке аз манофеи фардӣ ё гурӯҳӣ дар алоҳидагӣ берун аз доираи манофеи миллӣ вуҷуд дошта наметавонанд. Аз ин нигоҳ Ваҳдати миллӣ тарзи ҳастии миллат ба шумор меравад. Вай махсусан барои аҳли ҷомеаи мо характери мутлакро шомил мебошад. Эътироф намудани мутлақияти Ваҳдати миллӣ ҳамчун арзиши воло, ки ҳамагон ба он ниёз доранд, эҳтиром қоил будану пос доштани Ваҳдати миллиро новобаста аз вобастагиҳои замонию маконӣ ва риояи принсипҳои меҳвариеро, ки бар онҳо мабнӣ мебошад, аз ҳар як шаҳрванди масъулияткинос тақозо менамояд. Халал ворид сохтан ба ваҳдати миллӣ маънои ба вуҷуд овардани имкониятро барои парокандагии миллат дар назар дорад. Ба андешаи мо чанд омил ва ё асбобе вуҷуд доранд, ки Ваҳдати миллиро ба хусус барои аҳли кишвари мо дучанд муҳим сохта, онро арзиши мутлақ мегардонанд. Ин авомилро метавон ба ду қисмат ҷудо намуд: бурунмарзӣ ва дохилимарзӣ. Ба авомили бурунмарзӣ метавон ҳаводиси охири ҷаҳони имрӯза, ба хусус “баҳори

араб”-ро шомил сохт. Ба таври умум метавон зикр намуд, ки заиф будани ваҳдати миллӣ дар ин мамолик ба абарқудратҳо имкон дод, ки бо баҳонаи риояи принсипҳои демократӣ ба ин мамолик сар халонанд ва бад-ин васила бетартибию бенизомиро дар он манотиқ боис гарданд. Бинобар ин, эҷод сохтани чунин шароитро аз тарафи абарқудратҳо дар дигар манотиқи олам набояд истисно намуд. Ба авомили бурунмарзӣ инчунин метавон муносиботи на он қадар дӯстонаи баъзе мамолики ҳамсоя ва баъзе шарикони стратегиро, ки дар роҳи пешрафти иқтисодии кишвари мо ҳар гуна монеаҳои сунъӣ эҷод месозанд, дохил намуд. Дар чунин ҳолатҳо дар атрофи роҳбарияти ҳукумати ҷумҳурӣ зичтар муттаҳид гардидан ва нозукиҳои мушкилоти сунъиро эҳсос намуда, бо дарки амиқи масъулияти шаҳрвандӣ ба ин мушкилот назар андохтан айни ифодаи Ваҳдати миллӣ хоҳад буд.

Омили дигаре, ки метавон ба ин гурӯҳ дохил намуд, ин тақдири талхи мардуми афғон ва то ба имрӯз кашол ёфтани кашмакашию низоъ дар ин кишвар мебошад. Шахсе, ки худро соҳибақлу соҳибфазл меҳисобад, аз ин ҳаводис сабақи таълимие бардошт менамояд ва ҳамеша баҳри тақвият бахшидани Ваҳдати миллӣ саъй менамояд.

Ба авомили дохилимарзӣ бошад, аввалан, худи ҷанги шаҳрвандии таҳмилии кишварро метавон дохил намуд,ки зарарҳои моддию маънавии он барои миллати мо ҳамчун ҳамли гарон то ҳол эҳсос мешаванд. Сониян, хурд будани ҷумҳурӣ ва камшумор будани аҳолии он низ аз ҷумлаи авомиле мебошанд, ки Ваҳдати миллиро махсус муҳим мегардонанд. Яъне, хурд будани ҳудуди кишвар ва камшумор будани аҳолии он худ моҳиятан Ваҳдати миллиро тақозо менамоянд. Дар муқоиса бо иқтисодиёти давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ба сатҳи зарурӣ рушд нанамудани иқтисодиёти кишвар низ аз ҷумлаи авомиле мебошад, ки Ваҳдати миллиро барои аҳли кишвар мутлақ гардонда, онро махсусан муҳим ва зарур месозад. Зеро омили мазкурро чӣ душманони хоричӣ ва чӣ душманони дохилӣ метавонанд муғризона истифода намоянд. Ба ҷумлаи авомили дохилӣ, инчунин, яксон набудани сатҳи рушди шуур ва фарҳанги сиёсии аҳолӣ низ дохил шуда метавонад. Қобили тазаккур аст, ки омили мазкурро метавон ба ҷумлаи авомили ҳалкунанда дохил намуд. Зеро масоиле, чун дарки зарурати Ваҳдати миллӣ, аз Ваҳдати миллӣ вобаста будани тақдир ва ояндаи миллат ва амсоли онҳо худ сатҳи баланди рушди шуур ва фарҳанги сиёсиро тақозо менамоянд.

Дар хусуси авомилҳо сухан ронда набояд чунин ҳаводиси таърихии муҳим ва тақдирсоз, чун парокандашавии давлати Сомониён ва ноодилона тақсимбандӣ шудани ҳудудҳои Осиёи Миёнаро дар ибтидои қарни XX фаромӯш сохт. Аз ин ҳаводиси талх ва фаромӯшношуданӣ сабақи таърихӣ бардоштану аз онҳо хулосаи зарурӣ баровардан худ дарси ҳам амалӣ ва ҳам назариявии муҳиме баҳри тақвияти Ваҳдати миллӣ ба шумор меравад.

Баъзан аз тарафи баъзе коршиносон чунин суоле пайдо мегардад, ки чӣ меъёр ё арзиши олие вуҷуд дорад, ки ба хотири он байни қавму миллатҳои мухталифи кишвар Ваҳдат вуҷуд дошта бошад. Дар чунин ҳол на диният ва на миллият чунин вазифаро адо карда наметавонанд. Чунки дар кишвар ғайр аз пайравони дини ислом боз пайравони дигар адён низ зиндагӣ мекунанд. Инчунин, боз як идда шахсиятҳое низ вуҷуд доранд, ки дар зиндагии хеш бо дин ҳеҷ робитае доштан намехоҳанд. Дар баробари ин, миллиятро низ чун арзиши ягона набояд қабул намуд, агарчанде худи идея "Ваҳдати миллӣ" номгузорӣ мешавад. Инҷо мафҳуми «миллат» тамоми сокинони мансуби миллатҳои гуногунро, ки дар қаламрави ҷумҳурӣ умр ба сар мебаранд, (чунин тарзи фаҳмиш дар равобиту муносиботи миллатҳои сокини Амрико ба хубӣ ба мушоҳида мерасад) дарбар мегирад. Аз ин рӯ, арзиши олӣ, арзише, ки новобаста аз мансубияти миллию динӣ метавонад тамоми миллатҳо, гурӯҳу ниҳодҳо ва нерӯҳои иҷтимоиро дар кишвар ба ҳам бипайвандад, аввалан, ин - фазои орому осуда ва зиндагии тинҷу беолоиши сокинони кишвар аст. Арзиши дигар ин табиати пурфайзу сафо ва пурғановати кишвар аст, ки худованд дар он тамоми неъматҳои худро баҳри сокинони он арзонӣ доштааст. Арзиши олӣ барои ҳар як фарди ҷумҳурӣ инчунин дӯстию рафоқати байни миллатҳои мухталифи ҷумҳурӣ низ ба ҳисоб меравад.

Агар ин омилҳо ба таҳвияти Ваҳдати миллӣ сабаб гарданд, боз чанд масъулияте низ вуҷуд доранд, ки дарк намудану ифои онҳо низ барои Ваҳдати миллӣ мусоидат менамоянд. Ин ҷо таъкид бояд намуд, ки ҳар чӣ қадаре, ки мо барои Ваҳдати миллӣ мутлақият қоил шавем, ба ҳамон андоза мо бояд барои тамоми усулҳо (принсипҳо)-и демократии рушди ҷомеа нисбият қоил шавем. Дар байни ин усулҳо ҳатто асли гуногунандешӣ (плюрализм) истисно нест. Зеро гуногунандешӣ яке аз усулҳои демократии идоракунии ҷомеа пеш аз ҳама эҳтиромии шахсияти дигар, махсусан фикру андеша ва назарияҳои ӯро дар назар дорад. Зарур аст, ки ин афкору андешаҳо, аввалан созанда бошанд. Сониян, онҳо шомили аҳамияти амалӣ буда, бо дарки масъулияти шаҳрвандӣ иброз гарданд. Солисан, ин ақоиду андешаҳо бояд бо ба инобат гирифтани хусусиятҳои асосии равандҳои сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ, бо ба инобат гирифтани роҳҳои мухталиф ва на ҳамеша дипломатии ҳалли масоили сиёсӣ дар амалияи имрӯзаи ҷаҳонӣ ифшо гарданд. Қобили таъкиди махсус аст, ки ин шартҳои баён гардида дар якҷоягӣ бо авомиле, ки Ваҳдати миллиро мутлақ гардонида буданд, гуногунандеширо нисбӣ месозанд. Зеро мутлақ сохтани гуногунандешӣ танҳо боиси тафриқаю низоъ ва кашмакашиҳои бемавриду хатарбор буда, Ваҳдати миллиро халалдор месозаду халос. Аллакай дар қарни 1У пеш аз мелод Афлотуни бузург дар асараш бо далелҳои мӯътамади ақлӣ собит сохта буд, ки ифрот дар озодӣ мусталзами футури ҷомеаи демократӣ гардида, пайдоиши ҷомеаи истибдодиро заминагузор мегардад.

Ҳамин тавр, чун барои Ваҳдати миллӣ мутлақияту барои гуногунандешӣ нисбият собит гардид, зарур мегардад, ки чанд мукаллафоте, ки бар дӯши ҳар шаҳрванди масъулиятшиноси ҷомеа, ҳар қишри ҷомеа, ҳар ниҳоду нерӯи сиёсии ҷомеа, ба хусус васоити ахбори умум (хосатан расонаҳои мустақил ва аҳзоби сиёсии гуногун) меафтад, баён ёбад.

- Аввалан, тамоми субъектҳои сиёсии ҷомеаро, ки қисман дар боло зикр шуданд, воҷиб мегардад, ки баҳри Ваҳдати миллӣ на танҳо саъй намоянд, балки дар фаъолияти ҳаррӯзаи хеш вазоифи ҳифзу риояи усул (принсипҳо)-и Ваҳдати миллиро лаҳзае ҳам аз мадди назар дур насозанд.
- Сониян, як бахши муҳими фаъолияти ҷамъиятии онҳоро бояд тарғиби моҳият, аҳамият ва зарурати Ваҳдати миллӣ ташкил намояд.
- Солисан, дар фаъолияти тамоми субъектҳои сиёсии ҷомеа, дар муҳтавои мақолоту иттилооти расонаҳои хабарӣ, хосатан расонаҳои хабарии мустақил бояд андешаҳое, ки ба Ваҳдати миллӣ халал ворид месозанд ва ё онро нуқспазир мегардонанд, ҷой надошта бошанд.
- Ахиран, тамоми субъектҳои сиёсии ҷомеа, ба хусус расонаҳои хабарии мустақил (чун онҳо низ аз устуворию тақвияти Ваҳдати миллӣ манфиатдор ҳастанд) муваззаф мегарданд, ки дар баробари ҳукумат дар паи ҷустуҷӯи роҳу усулҳои нав ба нави тақвияти Ваҳдати миллӣ бошанд.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки маҳз бо риоя намудани ин талаботҳо мо муносибати эҳтиромонаи хешро ба фазои орому осудаи кишвар, дӯстию рафоқати байниҳамдигарии халқияту миллатҳои гуногуни дар қаламрави ҷумҳурӣ сукунат дошта ва бад-ин васила ба сарзамини зебою фараҳбахш, табиати пурфайзу пурғановати диёр, Ватани маҳбуби хеш зоҳир сохта , тарафдори Ваҳдати миллӣ будани хешро собит месозем ва баҳри ба қуллаҳои баландтари саодат ва хушбахтӣ расидани миллат саҳми худро мегузорем.

ABSOLUTISM OF THE NATIONAL UNITY AND RELATIVITY OF PLURALISM

Karomat Abdulhaev, *candidate of philosophy,*
Head of the Department of information and analyzes of the Centre of Islamic studies under the President of Tajikistan

In given clause the author interprets the concepts of "unity of a nation" and "absolutism of the national unity". Under the statement of the author, each citizen of the country should recognize absolutism of national unity as a maximum value, which requires all. If damage to process of national unity, it will mean creation of the preconditions for split of the nation. The author also approves, what even such basic principle of development of democracy, as pluralism has character of relativity.

Key worlds: *national unity, nation, absolutism of the national unity, pluralism, relativity, subjects of a society, national interests.*

АБСОЛЮТИЗМ НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА И ОТНОСИТЕЛЬНОСТЬ ПЛЮРАЛИЗМА

Каромат Абдулхаев ***к****.ф.н.,*
заведующий отделом информации и анализа Центра исламоведения при Президенте Республики Таджикистан

В данной статье автор интерпретирует понятия "единство нации" и "абсолютизм национального единства". По утверждению автора, каждый гражданин страны должен признать абсолютизм национального единства как высшую ценность, в которой нуждаются все. Если наносить ущерб процессу национального единства, это будет значить создание предпосылок для раскола нации.Автор также утверждает, что даже такой основной принцип развития демократии, как плюрализм имеет характер относительности.

Ключевые слова: *национальное единство, нация, абсолютизм национальное единство, плюрализм, относительность, субъекты общества, национальные интересы.*

УДК 347.963:351+316(575.3)

НАҚШИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА ДАР ҲИФЗИ СУЛҲ ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

А.Қ. Юсупов,
прокурори калони Раёсати назорати умумии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири адлияи дараҷаи 2.

Дар мақола зимни таъкид ба аҳамияти таърихиву созандаи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ нақши мақомоти прокуратураи кишвар дар ҳифзи сулҳ ва ваҳдати миллӣ арзёбӣ шудааст. Дар мақола ҳамчунин саҳму нақши Сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон дар дастёбӣ ба сулҳу мусолиҳаи миллӣ ва устувор намудани пояҳои давлатдорӣ ва мақомоти ҳифзи назму қонун зикр гардидааст.

Калимаҳои калидӣ: *мақомоти прокуратура, ваҳдати миллӣ, сулҳ, музокирот, Комиссияи оштии миллӣ, муқовиматҳои сиёсӣ, иттиҳоди миллӣ, ғояҳои ватандӯстӣ.*

Пешрафту муваффақиятҳои ҳар халқу миллат ва давлат ба муттаҳидӣ ва ягонагии он зич алоқаманд аст. Вале, дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ бинобар сабабҳо ва омилҳои гуногун унсурҳои таъминкунандаи Ваҳдат халалдор шуда, боиси парокандагӣ ва ҳатто нобудшавии баъзе миллатҳо ва давлатҳо гардидаанд.

Аз рӯзи ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ 15 сол сипарӣ гардид. Мардуми саодатманди мо яке аз идҳои пуршукӯҳи миллат - Рӯзи Ваҳдати миллиро ҳар сол бо тантана ҷашн мегирад.

Созишномаи мазкур 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва ба имзо расида, ин ҳуҷҷати тақдирсоз ифодакунандаи хотимаёбии ҷанги шаҳрвандӣ ва шаҳодати қадам гузоштани мардуми шарафманди тоҷик ба ҳаёти осоишта буд. Мардуми сарбаланди тоҷик санаи тавлиди ин ҳуҷҷати муҳим ва воқеан сарнавиштсозро ҳамчун сарчашмаи якдилӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, худшиносӣ, ватандустӣ, дӯстию рафоқат, тинҷию амонӣ ва сулҳу осоиштагӣ пазируфт.

Тазоди аслии ин давра он буд, ки бархилофи ҳодисаҳои марбут ба даст ёфтан ба истиқлолияти миллӣ, ки миллатҳо ва халқҳо бо истилогарону истеъморгарон ва ҳокимони аҷнабӣ дар набардҳои хунин меомехтанд, халқи Тоҷикистон истиқлолияти барояш бехунрезӣ дастдодаро бо камоли беэҳтиётӣ рӯ-рӯи амвоҷи дастҳои қудратталаби ҳизбҳову созмонҳо, ки ҳар яке иддао доштанд ормонҳои мардумро беҳтар аз дигарон таҷассум мекунад, истиқбол намуд. То он лаҳза, ки ба худ омад ва истиқлоли хешро ҷӯё шуд, онро ғарқ дар хоку хун дид.

Нооромиҳо ва ҷанги шаҳрвандӣ боиси қурбонии беш аз ҳазорҳо нафар одамон ва ба иқтисоди кишвар миллиардҳо доллари амрикоӣ зарар овард. Ҳалли масъалаҳои низомӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, кори ҳамешагӣ ва музокираҳои ниҳоят баҳснокро ба вуҷуд оварда буд.

Муқовиматҳои мусаллаҳонаи тӯлонӣ тарафҳоро ба хулоса овард, ки агар ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима набахшем, Тоҷикистон пора-пора гардида, давлати навистиқлоли Тоҷикистонро хатари аз байн рафтан таҳдид мекард.

Хушбахтона, новобаста аз он ки роҳ ба сӯи сулҳ хеле мураккаб ва душвор буд, фарҳанги сулҳофарини тоҷикон, ки асрҳои аср ташаккул ва такомул ёфта буд, ғалаба намуд. Тарафҳо сари мизи музокирот нишаста дар ҷараёни музокирот хусумату ноумедиро аз байн бурда, эътимоду бовариро ба даст оварданд.

Зарурияти таърихии суханони Раиси тозаинтихоби Шӯрои Олӣ – мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сесияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон равишу нигоҳи тоза дар раванди сиёсати сулҳофарии давлат гардида буд:

«Мусолиҳаи миллӣ барои ҷумҳурӣ чун обу ҳаво зарур аст. Мо танҳо бо роҳи ваҳдат, якдигарфаҳмӣ истиқлоли кишварро муҳофизату пойдор ва ягонагии мардуми ҷумҳуриро устувор карда метавонем. Анҷоми ҳамаи ҷангҳо оштист, хоса низоҳое, ки дар сари ҷаҳлу ғазаб, нофаҳмӣ ё бо ангезаи қуввaҳои бадхоҳ байни бародарон сар мезанад.

Имрӯз Тоҷикистон ба марҳилаи нав қадам мегузорад ва ҳар як фарзанди он агар нангу номус дошта бошад, дар ин ҷаҳони пуртазод бояд ғами ояндаи фарзандони худ ва давлату миллатро хӯрад.»

Барои амалӣ шудани орзӯи халқи тоҷик, Сарвари давлат аз ҳеҷ хавфу хатари ҷонӣ наҳаросида, ба ҳар кунҷу канори Ватан ва берун аз он сафар карда, бо собиқ мухолифин Сулҳу Оштиро ба миён овард.

Маҳз чунин хирад ва ҷасорат буд, ки нуқтаи олӣ ба фарҷоми музокироти байни тоҷикон дар рӯзи 27 июни соли 1997 гузошта шуда, Созишномаи умумии барқарории сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид. Ин ҳуҷҷати муҳими таърихӣ ба ихтилофи байни тоҷикон хотима гузошта, асосҳои ҳуқуқӣ ва заминаҳои воқеии давлатдориро фароҳам оварда, дар таърихи навини тоҷикон ҳамчун рӯзи ғалабаи хирад, рӯзи пирӯзии ғояҳои ватандӯстӣ ва иттиҳоди миллӣ боқӣ мемонад.

Сардори давлат бузургии ин санаро чунин баён кардааст: «Бо дилпурӣ гуфтан мумкин аст, ки акнун ҷараёни нобоварию мухолифат ба марҳилаи ҳамкорӣ дар роҳи бунёди давлати демократӣ дар Ватани азизамон табдил ёфт…

Устувору пойдор нигоҳ доштани якпорчагии Тоҷикистон бо шарофати Ваҳдати миллӣ ва осоишу некӯаҳволии халқ ҳадафҳое ҳастанд, ки ҳамаи ҳамватанонро муттаҳид сохта метавонанд».

Дар партави чунин афкори баланд Президенти кишвар барои ба даст овардани суботи сиёсӣ ва сулҳу осоиши мардум, ки шарти асосии ворид шудани ҷумҳурӣ ба тамаддуни муосир аст, дар ҳамкориҳои зич бо ташкилотҳои байналхалқӣ раванди гуфтушунидҳои сулҳомезро суръат бахшид.

Гуфтушунидҳои бардавом ва музокираҳои тӯлонӣ бо собиқ мухолифин ва гузаштҳои Ҳукумати Тоҷикистон, ки ба хотири ба даст овардани сулҳу ризоияти комил дар ҷомеа аз худ нишон медод, пайваста натиҷаҳои мусбат доданд. Марҳила ба марҳила фазои музокирот тозатар аз ғубори якдигарнофаҳмӣ ва асроркорӣ мегардид.

Бо имзо шудани Созишнома дар инкишофу таҳкими давлатдории тоҷикон марҳилаи сифатан нав оғоз гардид. Сар карда аз ин давра такмили артиши миллӣ бо ҷараёне, ки сохторҳои ҳарбӣ дар давраи осоишта такмил ва таҳким мегарданд, роҳи инкишофро пеш гирифт. Дар ин марҳила бо мақсади амалӣ гардонидани Созишномаи барқарории сулҳ, таҳким бахшидан ба созгории миллӣ ва таъмини якпорчагии Тоҷикистон, ворид кардани нерӯҳои ҳарбии мухолифин ба сохторҳои низомӣ оғоз гардид.

Реинтеграсияи қувваҳои мусаллаҳ, авфи иштирокчиёни муқовиматҳои сиёсӣ, баргардонидани гурезаҳо ба Ватан, барқарор кардани ҳуқуқи манзилии гӯрезагону муҳоҷирони иҷбории тоҷик, аз ҷумлаи корҳои муҳиме буданд, ки бо роҳбарии Президент, фаъолияти босамари Комиссияи Оштии Миллӣ ва дигар мақомоти давлатӣ амалӣ шуданд.

Пас аз имзо шудани Созишномаи барқарории сулҳ ва ризоияти миллӣ, бо илҳом аз чунин рӯйдоди фараҳбахш ва бо мақсади боз ҳам таҳким бахшидан ба ваҳдату ягонагии мардуми мамлакат бо саъйу кӯшиши Президенти кишвар ҳаракати умумихалқии Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон таъсис ёфт ва дар андак вақт дар тамоми гӯшаву канори Тоҷикистон ҷонибдорони зиёде пайдо намуд.

Меҳвари ин ҳаракати бузургро пеш аз ҳама зиёиён – олимони обрӯманду шинохта, арбобони давлатӣ, шоирону нависандагон ва рӯзноманигорон ташкил доданд, ки ба шаҳру навоҳӣ ва вилоятҳои ҷумҳурӣ сафар карда, роҷеъ ба арзишҳои таъриху фарҳанги ниёгон, дӯстиву бародарӣ, муттаҳидӣ ва расидан ба қадри сулҳу осоиш сӯҳбатҳо ва мулоқотҳо меоростанд.

Давраи мазкурро ҳамчун марҳилаи пурсамари бунёди заминаҳои ҳуқуқӣ ва воқеии давлатдорӣ, артиши миллӣ ва сулҳу субот номидан мумкин аст.

Масъалаҳои баҳснок минбаъд ҳалли худро бояд танҳо дар асоси Конституцсия ва қонунҳои амалкунанда пайдо мекарданд. Дар ин замина,

мақомоти прокуратураи ҷумҳурӣ дар ҳамбастагӣ бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ корҳои назаррасеро баҳри таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ба сомон расониданд.

Имрӯз мо барои ин сулҳ ба Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, шахсиятҳои шинохта, иштирокчиёни музокироти тоҷикон, аъзоёни Комиссияи Оштии Миллӣ, намояндагони Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амнияту Ҳамкории Аврупо, ташкилотҳои дигари байналмилалӣ ва давлатҳои кафил, ки дар раванди гуфтушунидҳо ҷонибҳоро бо ҳам наздик мекарданд, изҳори сипос менамоем.

Чуноне аз таъкидҳои Президенти мамлакат бармеояд, «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ аз аҳамияти бузурги худ бо Эъломияи Истиқлолияти Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як радиф меистад. Агар Эъломия ба ҷумҳурии мо ба таври расмӣ истиқлолият ва соҳибихтиёриро дода бошад, пас Созишнома дар Ватани мо сулҳу салоҳро таъмин намуд. Агар дар Ватани мо ба шарофати Созишнома сулҳу салоҳ пойдор намегардид, хатари аз даст додани Истиқлолият ба мо таҳдид менамуд.»

Ҷараёни истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон на танҳо барои мо дарси ибрат мебошад, инчунин дар бисёр ҷамъомадҳои байналмилалии дар доираи Созмони Милали Муттаҳид баргузор гардида, шахсиятҳои сиёсӣ ва олимони муътабар на як бору ду бор таъкид кардаанд, ки таҷрибаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллии мо барои истифода дар минтақаҳои дигари сайёра чӣ барои иштирокчиёни муноқишаҳо, чӣ барои кӯшишҳо ва тадбирҳои миёнаравию эҷоди сулҳ ҳамчун намунаи ибратбахш хизмат карда метавонад.

Бо барқароршавии мусолиҳаи миллӣ ва ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ Ҳукумати ҷумҳурӣ дар заминаҳои боварибахш яке аз вазифаҳои асосӣ - баргардонидани гурезаҳо ва дигар муҳоҷирони иҷборӣ ба макони муқимии ҷойи зисташонро амалӣ намуда, дар муддати кӯтоҳ қариб як миллион гуреза ва муҳоҷирони маҷбуриро ба Ватан баргардонид.

Имрӯзҳо дар ҷаҳон зиёда аз 50 миллион одамон, ҳамчун гуреза дар хориҷи кишвар умр ба сар мебаранд ва истифодаи таҷрибаи пешқадам ва сулҳофарини тоҷикон дар баргардонидани гурезаҳо ба Ватан барои мамлакатҳои ҷангзада аз манфиат холӣ нест.

Таҷриба нишон медиҳад, ки танҳо сулҳ ва ризоияти миллӣ имкон медиҳад, ки барои аз бӯҳрони иқтисодӣ раҳо бахшидани ҷомеа, таъмини рушди соҳаҳои гуногун, гузаронидани ислоҳоти иқтисодию иҷтимоии ба талаботи меъёрҳои замонавӣ мувофиқ тадбирҳои зарурӣ андешем.

Ба шарофати сулҳу салоҳ Ҳукумати ҷумҳурӣ сохтмонҳои азими асрро оғоз намуда, қисми зиёди онҳоро бомуваффақият анҷом дод.

Аз ҳама муҳимаш ин аст, ки роҳи инвеститсияи хориҷӣ ба иқтисоди кишвари мо кушода шуд. Дар ин робита Ҳукумати ҷумҳурӣ қарору санадҳое қабул намуд, ки онҳо ба маблағгузорони хориҷӣ имтиёзҳои калон кафолат дода, боиси ба иқтисоди кишвар даҳчанд афзудани саҳми инвеститсияи хориҷӣ гардид.

Ба ғайр аз ин, баъди имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ обрӯи кишвари мо дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ баланд гардид. Дигар кишварҳо ва ташкилотҳои бонуфузи ҷаҳон ба Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, ягона, ҳуқуқбунёд, дунявӣ назар карда, робитаҳои иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангӣ барқарор намуда, онро вусъат бахшида истодаанд.

Ҳамаи ин дастовардҳо моро водор месозад, фаромӯш накунем, ки Сулҳу Салоҳ ва Ризоияти миллӣ неъматҳои волотаринанд ва ҳифзу пойдории онҳо вазифаи ҳаётан муҳим ва қарзи муқаддаси ҳар як шаҳрванди ватандӯсти Тоҷикистон мебошад.

Барои тараққии ҳамвораи Ватан, ба сафи давлатҳои пешқадам дохил шудани он ва зиндагии сазовори наслҳои оянда, мо ҳаргиз нагузорем, ки сулҳу субот дар ҷумҳурӣ халалдор гардад.

Чунки, ин сулҳ боварию эътимоди мардуми кишвар, инчунин даҳҳо ҳазор ҳамватанони бегуноҳро, ки маҷбуран тарки Ватан карда буданд, ба зиндагӣ эҳё намуда, маҳсули заҳматҳои сулҳофаринони ҳарду ҷониб ва иродаи неки миллати тоҷик аст.

Дастоварди дигари Ҳукумати Тоҷикистон дар ин рӯйдоди таърихӣ он аст, имрӯз Тоҷикистони азизи мо ба муваффақиятҳои назарраси сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ноил шудааст, дар ҷаҳони муосир ҷойгоҳи худро пайдо кардааст. Пояҳои истиқлолияти давлатии мо сол то сол қавитар мегарданд. Амнияту оромӣ, ки маҳз маҳсули сулҳу ризоияти миллӣ мебошанд, имкониятҳои ободию осудагии кишвари моро бештар фароҳам оварданд.

Аз ин рӯ, вазифаи ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон дар баробари ифтихор аз ин сулҳе, ки дастоварди бузурги таърихист, ҳамчун сарвати муқаддаси миллӣ ҳифз кардани он мебошад.

THE ROLE OF THE BODIES OF GENERAL PUBLIC PROSECUTION IN MAINETENANCE OF PEACE AND NATIONAL UNITY

A.K Yusupov,
Senior public prosecutor of the Department of general supervision of General public prosecution of the Republic of Tajikistan adviser of justice

The author, marking historical importance of the General agreement on restoration of the peace and national consent in Tajikistan, considers and estimates the role of bodies of Public prosecution of the country in preservation of peace and national unity in the country. In the article also is marked the role of the Head of state Emomali Rahmon in achievement of peace and national consent, consolidation of the foundations of the state and strengthening of bodies of protecting the social order.

Key worlds: bodies of Public prosecution, national unity, peace, negotiation, Commission of national reconciliation, political opposition, ideas of patriotism.

РОЛЬ ОРГАНОВ ПРОКУРАТУРЫ В СОХРАНЕНИЕ МИРА И НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА

А.К. Юсупов,
старший прокурор Департамента общего надзора Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан

Автор, отмечая историческое значение Общего соглашения о восстановлении мира и национального согласия в Таджикистане, рассматривает и оценивает роль органов прокуратуры страны в сохранении мира и национального единства в стране. В статье также отмечается роль Главы государства Эмомали Рахмона в достижении мира и национального согласия, упрочения устоев государства и укрепления органов правопорядка.

Ключевые слова*: органы прокуратуры, национальное единство, мир, переговоры, Комиссия национального примирения, политическое противостояние, идеи патриотизма.*

УДК 341:123:323:321(575.3)

РОЛЬ ООН В МИРНОМ УРЕГУЛИРОВАНИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Х.А. Файзуллоев,
главный специалист международного отдела Комитета молодёжи, спорта и туризма при Правительстве РТ

В статье анализируются причины возникновения войн и конфликтов в истории человечества. Также рассматривается роль авторитетных международных институтов, в частности, исторической роли ООН в мирном урегулировании ситуации в Республике Таджикистан и в создание Комиссии национального примирения. Отмечается что мирные переговоры между таджиками, а также подписание Общего соглашения восстановления мира и национального согласия происходили под эгидой и при посредничестве ООН и его институтов.

Ключевые слова: *ООН, процесс переговоров, Комиссия национального примирения, посредническая деятельность, Дартмутская Конференция, меморандум, международные институты, Координационная комиссия.*

Человечество знакомо с конфликтами с момента своего возникновения. Споры и войны вспыхивали на всем протяжении исторического развития общества между племенами, городами, странами, блоками государств. Войны велись по поводу территорий и ресурсов, их порождали религиозные, культурные, идеологические, этнические и другие противоречия. История мира – это история войн, в этой связи необходимо отметить, что роль конфликтов в истории человечества более чем существенны. Вооруженные конфликты уносили множество жизней, вели к разрухе и голоду.

Первая, а затем и вторая мировые войны поставили вопрос о предотвращении вооруженных конфликтов особенно остро. С появлением ядерного оружия вооруженные конфликты стали приобретать зловещий характер. Все это побудило членов мирового сообщества предпринять дополнительны меры для сохранения мира на планете. Статья 33 главы IV Устава ООН так и называется – «Мирное разрешение споров». Она предусматривает, что «стороны, участвующие в любом споре, продолжение которого могло бы угрожать поддержанию международного мира и безопасности, должны, прежде всего, стараться разрешить спор путем переговоров, обследования, посредничества, примирения, арбитража, судебного разбирательства, обращения к региональным органам или соглашениям или иными мирными средствами по своему выбору».

Однако, несмотря на понимание опасности конфликтов и военных столкновений, несмотря на меры, предпринимавшиеся для их предотвращения, все же конфликтов и войн во второй половине XX столетия избежать не удалось.

Современные конфликты стали одним из ведущих факторов нестабильности на земном шаре. Будучи плохо управляемыми, они имеют тенденцию к разрастанию, подключению все большего числа участников, что создает серьезную угрозу не только тем, кто непосредственно оказался вовлеченным в конфликт, но всем живущим на земле. Эта угроза значительно возрастает, если принять во внимание, что крупнейшие экологические катастрофы возможны даже в случае небольших локальных конфликтов.

Для Республики Таджикистан проблема урегулирования конфликтов мирными средствами важна вдвойне: во- первых, с точки зрения общей угрозы, которую вооруженные конфликты представляют для человеческой цивилизации; и, во- вторых, с точки зрения непосредственных национальных интересов. Конфликты, имевшие место на территории Таджикистана за последнее время, затрагивают не только интересы самой республики, но и существенным образом влияют на стабильность положения во всем регионе Центральной Азии.

Опасность конфликтов на рубеже XX-XXI в.в. побуждает исследователей и практиков активно искать и использовать мирные средства для их регулирования. Технология мирного урегулирования конфликтов приобретает особое значение в современных условиях, становясь главным фактором сохранения и дальнейшего развития человеческой цивилизации.

Примером такого урегулирования и явилась история межтаджикского конфликта в 90-е г.г. XX в.в., в котором переплелись и правовые и политические средства урегулирования конфликтов: в частности, политическое урегулирование закончилось выработкой и подписанием документов, имеющих правовую силу. Следует также подчеркнуть, что не существует какого – то единого, универсального способа, средства урегулирования конфликтов. Будучи крайне сложным явлением, конфликты требуют комплексного подхода для их мирного разрешения.

В урегулировании конфликтных ситуаций в РТ периода гражданской войны 90-х г.г. огромна роль международных институтов, в частности ООН и сотрудничества в целом.

Истоки международного сотрудничества связаны с окончанием религиозных войн в Европе и установлением Вестфальского мира. Одним из важнейших достижений Вестфальского договора стало формирование основы правовых отношений между государствами, что создало условия для

становления, институализации и последующего развития международного сотрудничества. Формирование европейской системы международных отношений (основные параметры которой, и прежде всего ее главный элемент, государство как форма политической организации людей, постепенно распространяются на весь мир) не только дало импульс межгосударственному сотрудничеству, но и надолго определило его основную направленность. Исходными пунктами сотрудничества государств как новых политических единиц становятся взаимное уважение суверенитета и невмешательства во внутренние дела друг друга, а его центральными целями – сознательное стремление правительств к дальнейшему укреплению национальной безопасности и независимости. В свою очередь забота о собственном суверенитете заставила государства согласиться с правом сосуществования. Smouts M.- C. 1998.- P. 138.

Понятие «международное сотрудничество» отражает такой процесс взаимодействия двух или нескольких акторов, в котором исключается применение вооруженного насилия и доминируют совместные поиски реализации общих интересов, вопреки обыденному пониманию, сотрудничество это не отсутствие конфликта, а «избавление» от его крайних, кризисных форм. Иллюзия «прозрачности» содержания данного понятия послужила, видимо, причиной того, что попытки его определения довольно редки. Одна из них была предпринята Ж- П. Дерриенником, согласно которому «два актора находятся в состоянии сотрудничества, когда каждый из них может быть удовлетворен только в том случае, если удовлетворен и другой, т.е. когда каждый из них может добиться достижения своей цели только тогда, когда этого может добиться и другой… Результатом чисто кооперативного отношения может быть ситуация, в которой либо оба актора удовлетворены, либо не удовлетворен ни один из них». Derriennic.- 1977.- P.110

Традиционно отношения сотрудничества включают в себя двустороннюю и многостороннюю дипломатию, заключение различного рода союзов и соглашений, предусматривающих взаимную координацию политических линий (например, в целях совместного урегулирования конфликтов, обеспечения общей безопасности или решения других вопросов, представляющих общий интерес для всех участвующих сторон).

Развитие сотрудничества между государствами и другими акторами международных отношений вызвало к жизни целую систему межгосударственных и негосударственных организаций глобального и регионального значения. Рост взаимозависимости мира, возникновение и обострение глобальных проблем необычайно увеличили объективные потребности в расширении многостороннего сотрудничества и способствовали его распространению на другие сферы жизни. Сегодня сотрудничество

охватывает не только вопросы торговли, таможенных правил, пограничных урегулирований или военно – политических союзов, но и задачи поиска адекватных ответов на экологические вызовы, совместного использования ресурсов общего пользования, развития коммуникационных сетей и др.

Отмечая значительные успехи, достигнутые за последнее десятилетие в теоретическом исследовании международного сотрудничества, специалисты особо выделяют два важнейших достижения теории.

Во-первых, несмотря на то, что дискуссии продолжаются и сегодня, в научном сообществе достигнуто согласие относительно понятия «межгосударственное сотрудничество». Вслед за Р. Коэном многие ученые сегодня понимают сотрудничество как ситуацию, «когда одни акторы регулируют свое поведение в соответствии с фактическими или ожидаемыми предпочтениями других, через процесс (взаимной) координации политик». Milner.- 1992.- P. 467.

Другими словами, межгосударственное сотрудничество предполагает наличие трех элементов: общих целей государств- партнеров, ожидание ими выгод от ситуации и взаимный характер этих выгод. В контексте вышеизложенного, каждый актор не обязательно помогает другому, но делая это, он ожидает улучшения своей собственной ситуации, что ведет к взаимной координации государственных политик.

Наличие консенсуса относительно содержания понятия «межгосударственное сотрудничество» дает возможность создания первичной классификации кооперативных ситуаций. С этой точки зрения могут быть выделены следующие типы межгосударственного сотрудничества: переговоры, предметом которых является распределение выгод государств от их взаимодействия (это одновременно и путь к сотрудничеству, и показатель его существования, например, Токийский раунд ГАТТ, отмена тарифных барьеров); сознательное, достигнутое в результате обсуждения согласование политик (формальные договоры и соглашения о деятельности); неявное сотрудничество: более сильная сторона заставляет другую корректировать ее политику, но одновременно корректирует и свою собственную; создание специализированных институтов (например, институтов ООН), осуществляющих регламентации, экспертизы, субсидии.

Проанализируем и рассмотрим роль ООН в урегулировании конфликтов на территории Таджикистана в 90-х г.г. XX в. Политические перемены, происходившие с конца 80-х г.г.на территории советского, а затем и постсоветского пространства позволяют проследить динамику возникновения политического конфликта в Республике Таджикистан и пути дальнейшего урегулирования. Распад СССР автоматически привел к разрыву экономических связей, ситуация усугубилась с началом гражданской войны в Таджикистане.

Продолжавшаяся борьба за власть усложняла социально – политическую обстановку. Многие политические партии и общественные движения, стараясь увеличить свою популярность, разогревали страсти и нагнетали ситуацию в регионах страны. Власть не была в состоянии контролировать ситуацию. Перед специалистами встал вопрос об организации эффективного посредничества и запуска переговоров и поддержания его в рабочем состоянии.

Следует отметить, что посредничество путем переговоров может быть задействовано до того, как конфликт выйдет из- под контроля и перерастет в насилие, т.е. можно в качестве превентивных попыток разрешить противоречие в начале их развития. Однако, чаще мы видим, что переговоры и посредничество применяются для прекращения конфликта, что видно на примере Таджикистана.

Перед правительством РТ встал вопрос о необходимости создания сети как официальных правительственных, так и неофициальных посреднических организаций, которые бы дополняя друг друга, взаимодействовали друг с другом, постепенно заполняя собой все конфликтующие ячейки общества. Идея создания института посредничества для преодоления данного конфликта вызвала у многих скептическое отношение.

Скептицизм по поводу возможности урегулирования межтаджикского конфликта путем посредничества был вызван следующими причинами:

1. несовершенство законодательства;
2. экономический кризис, вызвавший множество проблем, в том числе социальной сферы и др.

Безусловно, посредничество уместно в любом случае, на любом этапе развития конфликта. Одним из принципиальных вопросов при посредничестве является вопрос о компетентности. Отсутствие опыта и знаний эффективного проведения переговоров могло дискредитировать саму идею посредничества.

Возник вопрос: кто потенциально мог бы играть роль посредника в межтаджикском конфликте? Ответ не всегда был однозначным. Посредник должен пользоваться доверием международного сообщества, конфликтующих сторон, отличаться беспристрастностью подхода и оценок. При всем при этом в каждой конкретной ситуации выбор посредника должен быть строго индивидуальным. В отдельных ситуациях было бы предпочтительнее использовать интернациональную группу посредников, что свидетельствовало бы в пользу непредвзятости этой группы.

Таким образом, при организации посредничества необходимо выделить решение двух вопросов:

1. налаживание тесного взаимодействия с органами власти на всех уровнях, которые могли бы способствовать в решении технических вопросов;

2. нахождение спонсоров. Это немаловажный пункт, ибо без надежного спонсорства дело посредничества может остаться на теоретической стадии. Дорожные расходы, оплата работы команды – все это требует определенных денежных затрат. Гораздо лучше, если представители власти станут одним из объектов переговоров. С другой стороны, в республике на тот момент, из-за отсутствия политического опыта, не знали, что можно подключить команду, умеющую вести переговоры для решения того или иного, в том числе межтаджиксого конфликта.

Гражданская война в Таджикистане продолжалась до 27 июня 1997г., до подписания Московского соглашения. Война продолжалась 1880 дней, если сравнить с Великой Отечественной войной, то во временном измерении междоусобица в Таджикистане продлилась на 372 дня дольше. Следует подчеркнуть, что достигнутый мир по характеру урегулирования не имеет в мире аналога.

После того, как при посредничестве ООН, Исламской Республики Иран и Российской Федерации впервые 5 апреля 1994г. в Москве представители двух противоборствующих сил сели за стол переговоров, то им еще понадобилось 1179 дней, чтобы окончательно решить данный конфликт. За этот период представители этих противоборствующих сторон встречались за столом переговоров еще девять раз. Семь раз в особо критических ситуациях по урегулированию конфликта представители высших рангов обоих сторон встречались за пределами Таджикистана. Особенно важной стала декабрьская встреча 1996 г., которая прошла в кишлаке Хустдех Исламской Республике Афганистан. На этой встрече стороны пришли к обоюдному решению о прекращении войны, а также приняли решение о создании Комиссии по национальному примирению (КНП). Наконец, 27 июня 1977г. в г. Москва был подписан договор о мире – Общее соглашение [3.23].

Основу Общего соглашения составляют договоренности, достигнутые в ходе восьми раундов межтаджикских переговоров. Таким образом, общее соглашение о восстановлении мира и национального согласия четко определило участников конфликта, их намерения по дальнейшему урегулированию проблемы.

При активном участии специалистов ООН был составлен перечень интересов сторон, подлежащих обсуждению в ходе переговоров. В него вошли разнообразные проблемы – от реинтеграции Объединенной таджикской оппозиции (ОТО) до разделения властных структур, оговорена процедура

переговоров и создания других подгрупп. Кроме того, посредники уделили большое внимание разъяснению основных требований, предъявляемых к ведению переговоров. Это проявление гибкости и нацеленности на поиск приемлемых для всех сторон решений, взаимное уважение участников переговоров и т.д. при переговорах, как и в жизни, не все стороны были склонны не только идти на компромисс, но даже вступать в переговоры. В данном случае потребовалось незаурядное умение посредников, проводивших встречи с отдельными действующими лицами конфликта и искавшего малейшие точки соприкосновения интересов, чтобы организовать «неофициальные контакты». Одним словом, на опыте Таджикистана был использован и продемонстрирован широкий арсенал приемов, обычно применяемых в переговорной практике [4.59] .

Следует учитывать, что подписание Соглашения о мире – еще не означает, что межтаджикский конфликт устранен окончательно. Чем дальше длился конфликт, тем сложнее период новой государственности и т.д. На данном этапе сложность заключалась в достижении абсолютно точного соблюдения сторонами условий мирного соглашения и воплощения в реальность. Вносимые изменения не должны были вызвать новых массовых протестов, правительство должно было удовлетворить интересы всех слове общества. При этом следует учитывать специфические особенности каждого конфликта. Разрешение этих конфликтов также по-своему имеют различные инструменты, подходы и особенности.

Согласно Московскому соглашению от 23 декабря 1996г. было принято политическое решение о формировании на время переходного периода Комиссии по национальному примирению (КНП). Ей было предписано наблюдение за реализацией Общего Соглашения и внесение рекомендаций по внесению конституционных поправок для послевоенного законодательства.

Комиссия начала работу в июле 1997г. в Москве, а с сентября 1997г. продолжила ее в Душанбе. На пленарных заседаниях Комиссии был избран Президент КНП - А. Нури (руководитель ОТО) и его заместитель А. Достиев (первый заместитель Председателя Маджлси Оли (парламента РТ). В рамках КНП были сформированы четыре подкомиссии – по военным, политическим, правовым вопросам и по вопросам беженцев.

С начала деятельности КНП в Душанбе укрепилась уверенность народа в установлении мира и согласия, в возможности прекращения войны, в возвращении беженце и консолидации таджикского общества. КНП завершила свою деятельность 1 апреля 2000г.

Деятельность КНП многоаспектна и порой сопровождалась столкновениями интересов правительственной и оппозиционной стороны. Главная трудность заключалась в том, что часть вооруженных формирований ОТО не подчинялась единому центру, а часть формирований, что была

передана в распоряжение Министерства обороны РТ, своевременно не была принята министерством.

Некоторые командиры ОТО не были удовлетворены задержками с выполнением решений о правительственных назначениях, восстановлением на довоенных должностях, закрытием уголовных дел в отношении командиров и бойцов ОТО, с амнистией, нестабильным и ненадежным обеспечением бойцов в пунктах сбора. Активное участие Президента Республики Таджикистан Э. Рахмона, контактной группы специального представителя Генсека ООН в Таджикистане Герда Дитрих Меррема, посла России В. Белова, послов ИРИ, Казахстана, Пакистана способствовали снятию напряженности в работе КНП по этому вопросу [5.13].

Наряду с «традиционными» методами урегулирования межтаджикского конфликта также были использованы на практике так называемые «нетрадиционные» методы. Под термином «нетрадиционные» мы подразумеваем метод разрешения проблемы, который базируется на общественных началах и находится вне зависимости от влияния каких – либо силовых структур, в Таджикистане такой процесс начался под эгидой ООН и других международных организаций.

Первое заседание межтаджикского диалога проходило в Москве, участники этого заседания – специальная группа по проблемам региональных конфликтов. Диалог был организован Фондом Кеттеринга и Российским центром стратегических и международных исследований. По окончании каждого заседания американская группа готовила проект отчета и представляла его на обсуждение в ООН и в другие заинтересованные официальные группы.

Такой диалог был рассчитан на преодоление враждебных отношений и в большей степени представлял собой разговор, а не формальные переговоры. В ходе дискуссий ее участники пытались выявить причины конфликта, изменить политическую атмосферу и сделать ее приемлемой для переговоров.

Участники таджикского Диалога регулярно встречались друг с другом с интервалом в восемь – десять недель, начиная с марта 1993 г. Четырнадцатая встреча была проведена в Санкт – Петербурге 1995г. в диалоге участвовали по восемь – десять граждан Таджикистана, которые представляли обе конфликтующие стороны – сторонников правительства и оппозиции. Некоторые члены Диалога были официальными участниками проходивших одновременно с Диалогом официальных переговоров под эгидой ООН.

Таким образом, на том этапе развития межтаджикского конфликта Диалог выступил как: «…одно из важнейших средств решения политических проблем современного Таджикистана, включая углубление процесса демократизации таджикского общества» [6.349].

Конфликтующие стороны сочли необходимым в этой связи обратиться ко всем заинтересованным участникам, осуществить незамедлительные и

решительные действия по обеспечению мира и общественного согласия в Таджикистане.

По мнению участников Диалога, этим целям способствовало бы принятие таких взаимосвязанных мер, как:

- создание Координационной комиссии;
- расширенное участие в правительстве;
- расширенное участие в межтаджикских переговорах;
- быстрейший созыв Консультативного Форума народов Таджикистана.

Во всей вышеперечисленной деятельности огромна историческая роль ООН и ее специализированных учреждений. Заслуга ООН заключается в участии составления данного перечня взаимосвязанных мер, их рекомендацию во взаимоотношениях конфликтующих сторон, а также осуществление некоторых из них под влиянием ООН.

Определенное сочетание подобных шагов существенно ускорили процессы примирения враждующих сторон в Таджикистане, что привело затем к обеспечению базы для позитивных изменений в жизни граждан республики.

Успех посреднической деятельности международных институтов, в том числе и ООН, в урегулировании межтаджикского конфликта 90-х г.г. XX в. имел огромную роль в процессе налаживания контактов между Правительством РТ и оппозицией. Необходимо отметить в этой связи, что в дальнейшем роль ООН в организации межтаджикского диалога явился важным стимулом для разрешения компромиссных вариантов между сторонами. Это был достигнуто всевозможными компенсаторными механизмами и имеющейся регламентацией деятельности посредников.

В связи с этим появилась и укрепилась идея пропаганды создания аналогичной посреднической системы в аналогично использованной в Таджикистане, где бы в переговорах, как по межрегиональным, так и по межтаджикским конфликтам наряду с правительственной действовала бы и неправительственная служба посредничества. Документы, качающиеся встречи делегации или посредников межтаджикского мирного процесса показывают, что межтаджикское примирение было достигнуто при непосредственном вмешательстве третей стороны. Как видно из подписанных документов, еще на первом раунде межтаджикского мирного процесса лидеры противоборствующих сторон конфликта не были одни. Они работали в тесном контакте, с заинтересованной в сохранении мира в Таджикистане третьей стороной, представленной ООН и странами – гарантами.

Следовательно, международное сотрудничество имеет и еще один очень важный аспект, касающийся статуса посредников. Организация и проведение

переговоров сам процесс посредничества стали объектом пристального внимания для национальных исследователей. Примечательно, их скептическое отношение к институту посредничества выражается в том факте, что они даже после подписания соглашения о мире утверждали, что все это еще не означает, что межтаджикский конфликт устранен окончательно.

В ходе проведения переговорного процесса в Республике Таджикистан была разработана теория миротворчества, которая состоит из трех уровней практического применения: на первом уровне главная роль отводится лидерам высшего звена конфликтующих сторон. На втором уровне в процесс миротворчества вступают общественные деятели, а на третьем уровне привлекаются широкие слои общества в процесс миростроительства [9.182].

В целом значение технологий переговорного процесса, отработки навыков и умений способствовали эффективному решению межтаджикского конфликта в целом.

В данном процессе немаловажным являлась историческая роль ООН и ее структурных подразделений, наряду с другими международными организациями и странами, которые внесли свой посильный вклад в процесс урегулирования в Республике Таджикистан.

Литература:

1. Derriennic.- 1977.- P.110
2. Milner.- 1992.- P. 467.
3. Махмадов А., Хидирова М. Межтаджикский конфликт и его особенности.- Куляб, 1977 .
4. Меморандумы и обращения межтаджикского диалога в рамках Дартмутской конференции (1993- 1997г.г.).- РЦМИ: Москва, 1997 .
5. Межтаджикский диалог в рамках Дортмундской конференции: Материалы Центра социально – политических исследований (Швеция).// Центральная Азия и Кавказ.- 1997.
6. Меморандумы и обращения межтаджикского диалога в рамках Дартмутской конференции (1993- 1997г.г.).- РЦМИ: Москва, 1997.- С. 59
7. Построение доверия между исламистами и секуляристами: таджикский эксперимент.- Душанбе,2004 .
8. Smouts M.- C. 1998.- P. 138.
9. Урегулирование конфликта и построение гражданского общества: Сборник.- Душанбе,1997 .

НАҚШИ СММ ДАР ҲАЛЛИ СУЛҲОМЕЗИ ИХТИЛОФ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Х.А. Файзуллоев,
сармутахассиси шӯъбаи байналхалқии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ

Дар мақола дар бораи сабабҳои ба вуҷуд омадани ихтилофот дар таърихи инсоният иброзе назар шуда, нақшу ҷойгоҳи ниҳодҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз он ҷумла нақши таърихии СММ дар ҳали мусолиматомези низои байни тоҷикон ва дар таъсиси Комиссияи оштии миллӣ таҳлилу арзёбӣ шудааст. Таъкид шудааст, ки музокироти сулҳи байни тоҷикон ва ҳамчунин имзои Созишномаи умумии истиқлоли сулҳ ва ризоияти миллӣ бо сарпарастӣ ва миёнҷигарии СММ ва ниҳодҳои марбутаи он сурат гирифтаст.

Калимаҳои калидӣ: *СММ, раванди музокирот, Комиссияи оштии миллӣ, фаъолияти миёнаравона, Конференсияи Дартмут, ёддошти тафоҳум, ниҳодҳои байналмилалӣ, Комиссияи ҳамоҳангсозӣ.*

THE ROLE OF UN IN THE PEACE SETTLEMENT OF THE SITUATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Kh.A. Faizulloev
Senior specialist of the International department the Committee of Youth, Sport, Tourism under the Government of the Republic of Tajikistan

This article analyzes the reasons of occurrence of wars and conflicts in a history of mankind. A role of authoritative international institutes, in particular, of historical role of UN in peace settlement of a situation in Republic of Tajikistan and in creation of a Commission of national reconciliation also is considered. It is marked that peace negotiations between Tajiks, and also signing of the General agreement of restoration of the peace and national consent occurred under aegis and at intermediary UN and its institutes.

Key worlds: *UN, process of negotiation, Commission of national reconciliation, intermediary activity, Dartmouth Conference, memorandum, international institutes, Coordination commission.*

УДК 931+1:316:316.32(575,1)(575.3)

НАЦИОНАЛЬНОЕ ЕДИНСТВО И МЕЖНАЦИОНАЛЬНЫЕ ОТНОШЕНИЯ

Х. Джураев,
главный редактор узбекской газеты «Халк овози»

Автор, упомянув исторические корни дружбы и добрососедства между таджикским и узбекским народом, анализирует положение представителей узбекской нации в Таджикистане, их участие в политической, экономической, социальной и культурной жизни, как полноправных граждан страны. В частности отмечается, что по данным Министерства образования республики Таджикистан ныне на территории страны функционируют 282 общеобразовательных учреждения и 14 тысяч 39 классов с 299 494 учениками с узбекским языком обучения. Узбекское население Таджикистана имеет свою публичную трибуну. На сегодняшний день десятки газет и журналов имеют свое место на *рынке средств массовой информации. Среди* них *“Халк овози”, “Замондош”, “Нафосат”, “Хиёбон”, “Сирдош”, “Дустлик”.*

Ключевые слова: *представители узбекской нации, дружба, добрососедство, многонациональное государство, гражданские права, узбекский язык.*

Уважаемые господа, дамы и участники настоящей научно-практической конференции!

Прежде всего хотел бы поблагодарить руководство Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан за высокую организацию данной конференции и поздравить всех присутствующих с замечательным праздником 15 годовщиной Дня Национального единства в Таджикистане.

Лично для меня День Национального единства – это не какой-то непонятный и далёкий от реального ощущения праздник. Это День, когда было остановлено кровопролитие, появилась реальная надежда на мирную жизнь, надежда на более светлое будущее наших детей. Это День, когда на земле Таджикистана хоть и хрупкий, но установились мир, согласие между людьми. Именно День национального единства стал фактором национального единения и согласия, мира и стабильности, основой развития всех сфер жизни общества, создания новой истории независимого государства Таджикистан. Национальное единство стало основой объединения политических сил, обеспечение согласия в обществе, а это в свою очередь дало возможность защитить государственную независимость и целостность страны, а также обеспечить единство народа Таджикистан.

Сегодня мы можем твердо заявить, что Республика Таджикистан - это многонациональное государство, в котором каждая нация и народность чувствует себя полноправным гражданином. Согласно статьи 2 Конституции Республики Таджикистан представители всех национальностей, живущих в Таджикистане, имеют право свободно пользоваться своим родным языком.

Представители узбекской национальности, живущих в республике Таджикистан, по своей численности после таджиков занимают второе место. Естественно, как своим полноправным гражданам, государство, в том числе и для них создало максимальные условия для их проживания, обучения и работы.

По данным Министерства образования республики Таджикистан ныне на территории страны функционируют 282 общеобразовательных учреждения и 14 тысяч 39 классов с 299494 учениками с узбекским языком обучения. Еще в 22 общеобразовательных учреждениях учеба ведется на таджикско-русско-узбекском языках, в 603 общеобразовательных учреждениях на таджикском и узбекском языках, 4 русско-узбекском языках. Необходимо отметить, что качество обучения в названных общеобразовательных учреждениях соответствует духу времени.

Повышение качества обучения в общеобразовательных учреждениях зависит от нескольких факторов, но главный из них – это обеспечения школ высококвалифицированными кадрами, учебных планов и программ, отвечающих сегодняшним требованиям. Наличие совершенных учебников, технических материалов и средств обучения, правильная расстановка кадров тоже имеют немаловажное значение.

Обеспеченность школ с узбекским языком обучения учебниками улучшается с каждым днем. Ежегодно для этой цели из бюджета правительства Республики Таджикистан тратится большая сумма денег.

Во всех высших профессиональных учебных заведениях Республики Таджикистан, в которых готовятся кадры по 170 специальностям, в узбекских, русских, а в последнее время и в таджикских группах обучаются наши узбекоязычные граждане.

На основании указания Правительства республики Таджикистан Министерство образования с целью обеспечения узбекоязычных общеобразовательных школ квалифицированными кадрами, при большинстве педагогических вузов организовало группы с узбекским языком обучения.

Конституция (Основной закон) республики Таджикистан каждому гражданину независимо от национальности гарантирует выбор языка при получении образования и республика Таджикистан как демократическое, светское государство непреклонно следует букве Основного закона.

Узбекское население Таджикистана имеет свою публичную трибуну. На сегодняшний день десятки газет и журналов имеют свое место **на** рынке средств массовой информации. Среди **них** “Халк овози”, “Замондош”, “Нафосат”, “Хиёбон”, “Сирдош”, “Дустлик”

В свою очередь представители узбекской национальности, живущие на территории суверенного Таджикистана и являющиеся его полноправными гражданами, в ответ на заботу государства отвечают самоотверженным трудом, преданностью и искренним служением. Они, находясь в одном ряду со своими соотечественниками, максимально эффективно трудятся на благо родного Таджикистана. Сегодня торговые рынки, систему общественного питания, сельское хозяйство, животноводство, садо-виноградарство трудно представить без представителей узбекской национальности. Огромный вклад вносят они в строительство стратегически важного объекта – Рогунской ГЭС.

Сегодняшнее поколение таджикистанцев, выросшее и формировавшееся в годы государственной независимости, с благодарностью вспоминают дважды Героя Социалистического труда Абдугафура Самадова, Героя Социалистического труда Имомназара Худжаназарова, знаменитого садовода Бободжона Эгамбердиева, Героя Социалистического труда Хомида Назарова, журналистов Хомиджона Хакимова, Алиджона Юлдашева, Тоштемира Джурабоева. Хурсанда Муродова, отдавших свою жизнь процветанию нашей Родины – Республики Таджикистан. Сегодня их с нами нет, но их трудовые подвиги, превратившие их имена в вечность, живут в нашей благодарной памяти.

Ныне живой пример государственных и общественных деятелей – Худжаахмада Хидиралиева, Абдурасула Хабибова, Исмата Эшмирзоева, Худойкула Махмудова, Зебиниссо Сатторовой, известного поэта-двухязычника Ульмаса Джамола, народного художника Таджикистана Рахимджона Хамдамова, члена союза писателей Таджикистана Джуракула Аджибова, доктора наук, профессора Абдусалома Абдукодирова, знаменитых садоводов Негмата Усманова и Камола Мадумарова свидетельствует, что узбеки, живя и работая рядом с таджиками и другими соотечественниками, добиваются высоких трудовых результатов, достойны заслуженного уважения общества.

Представители узбекской национальности, живущие в республике Таджикистан, работают и в правоохранительных, судебных органах, органах прокуратуры и местных исполнительных органах государственной власти.

В Маджлиси Милли Маджлиси Оли Республики Таджикистан их представляют Тиркаш Карабаев, в Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан – Эшбури Эсонкулов, Максуда Саматова.

Таким образом, мы видим, что в демократическом, в полном смысле этого понятия Таджикистане, узбеки и таджики живут на равных гражданских правах с одинаковой верностью и любовью к своей Родине.

Дружба великих представителей литературы и культуры таджиков и узбеков Абдурахмона Джами и Алишера Навои продолжается и еще в течение многих веков будет служить для нынешнего и будущего поколений поучительным примером и уроком дружбы и сотрудничества. Ведь дружба таджиков и узбеков, находящаяся под благословенным крылом пророка выдержала испытание веками.

«Дружба, соседство, родство таджиков и узбеков – это веление Всевышнего». Так назвал дружбу между таджиками и узбеками Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон.

Ведь в мире нет других наций, которые по внешности, традициям и обычаями были бы так похожи друг на друга.

Демократические процессы, предполагающие, в том числе и плюрализм в суверенной и независимой Республике Таджикистан, будут продолжаться и совершенствоваться. Исходя из поставленных задач, естественно будет происходить и модернизация политической системы Республики Таджикистан. Модернизация политической системы процесс естественный и необходимый. Главное, чтобы изменения в политической системе отвечали интересам всех живущих людей в этой стране.

ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИ МИЛЛАТҲО

Ҳ. Ҷӯраев,
сармуҳаррири рӯзномаи ӯзбекии «Халқ овози»

Дар ин матлаб зимни ишора ба муносибати байни миллатҳо дар раванди ваҳдати миллӣ ва бо ёдоварӣ аз решаҳои таърихии дӯстӣ миёни миллатҳои тоҷику ӯзбек, зиндагии намояндагони миллати ӯзбек дар Тоҷикистон, фаъолияти сиёсӣ - иҷтимоӣ ва фарҳангии онҳо чун шаҳрвандони баробарҳуқуқи ин кишвар бо мисолу далелҳои равшан нишон дода шудааст. Аз ҷумла зикр гардидааст, ки бино ба маълумоти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон алҳол дар ҳудуди кишвар 282 муассисаи таълимоти умумӣ ва 14 ҳазору 39 синф бо 299 494 шогирд ба забони ӯзбекӣ таҳсил мекунанд. Ба забони ӯзбекӣ нашрияҳои мухталиф, аз он ҷумла «Халқ овози», «Замондош», «Нафосат», «Хиёбон» «Сирдош», «Дустлик» ба нашр мерасанд.

Калимаҳои калидӣ: *намояндагони миллати ӯзбек, дӯстӣ, ҳамсоягии нек, давлати сермиллат, ҳуқуқи шаҳрвандӣ, забони ӯзбекӣ.*

NATIONAL UNITY AND INTERNATIONAL RELATIONS

H. Juraev,
Editor-in chief of the Uzbek newpaper “Khalq ovozi”

The author, having mentioned historical roots of friendship and good neighborhood between the Tajik and Uzbek people, analyzes a situation of the representatives of the Uzbek nation in Tajikistan, their participation in political, economic, social and cultural life, as full citizens of the country. In particular it is marked, that according to the data of Ministry of education of the Republic of Tajikistan nowadays in territory of the country functioning 282 general educational establishments and 1439 classes with 299 494 pupils with educating the Uzbek language. The Uzbek population of Tajikistan has the public tribune. Today tens of newspapers and magazines have its place in the market of mass media. Among them “Khalq ovozi”, “Zamondosh”, “Nafosat”, “Khiyobon”, “Sirdosh, “Dustlik”.

Key worlds: *the representatives of the Uzbek nation, friendship, good neighborhood, multinational state, civil rights, Uzbek language.*

УДК 931:327+001

ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ДАСТОВАРДИ БУЗУРГИ МОСТ

Баъзе нуктаҳо барои конференсияи ҷумҳуриявии **«Плюрализм ва масъалаҳои навсозии низоми сиёсӣ дар Тоҷикистон»**

бахшида ба 15-умин солгарди Ваҳдати миллӣ

Абдуллоҳи Раҳнамо,
сардори Раёсати сиёсати дохилии
Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ

Муаллифи мақола роҷеъ ба чанд масъалаи мушаххас ва мубрами вобаста ба моҳияту аҳамияти ваҳдати миллӣ ибрози андеша кардааст. Вай кӯшиш кардааст ба суолҳои «Оё модели тоҷикии ваҳдати миллӣ вуҷуд дорад?», масъалаи ҷамъбаст ва назария шудани таҷрибаи сулҳи тоҷикон, масъалаи муаррифӣ шудани он, ҳифз шудани он посух бидиҳад. Дар мақола ҳамчунин дар ин иртибот чанд пешниҳоди мушаххас ироиа гардидааст, ки аҳамияти илмӣ – амалӣ доранд. Дар бораи плюрализму ваҳдати миллӣ, нақши қишри зиёӣ ва уламои динӣ дар раванди ваҳдати миллӣ, дурнамои ваҳдат дар асри иттилоотӣ ва дигар масъалаҳои муҳим низ изҳори назар шудааст.

Калимаҳои калидӣ: *модели тоҷикии ваҳдати миллӣ, назария шудани таҷрибаи сулҳи тоҷикон, муаррифӣ ва ҳифзи пояҳои сулҳ, плюрализм, асри иттилоотӣ, дониши қобили интиқол, филиали Донишгоҳи сулҳи СММ.*

То ин лаҳза шахсиятҳои шинохтаи ҷумҳурӣ, иштирокдорони раванди сулҳ ва устодону донишмандони гиромӣ дар бораи моҳияту аҳамияти ваҳдати миллӣ нуктаҳои муҳим гуфтанд. Онҳо ҷанбаҳои таърихӣ ва усулии мавзӯро кушоданд, ки такрори онҳо аз рӯи адаб намебуд. Бо таваҷҷӯҳ ба ин, зери эҳсоси азамати мавзӯъ ва суханронихои иштирокдорони конфронс мехостам аз масъалаҳои зикршуда баъзе натиҷагириҳо карда, рӯи чанд масъалаи мушаххас андешаҳоямро баён намоям.

1.Оё «модели тоҷикӣ» вуҷуд дорад?

Чун имрӯз Рӯзи 15-солагии сулҳ аст, як саволи муҳим ин аст, ки таҷрибаи сулҳи тоҷикон ҳамчун як таҷриба чӣ арзиш дорад ва оё мо метавонем дар бораи «таҷрибаи тоҷикӣ» ва ё «модели тоҷикӣ» сухан гӯем? Посух ин аст, ки новобаста аз баҳсҳои гуногуне, ки ба ин раванд дода мешавад, худи ин таҷриба қобили инкор нест. Вале имрӯз ин таҷриба ба чанд масъала рӯбарӯст:

1. Масъалаи ҷамъбаст ва назария шудан. Яъне сулҳ ҳаст, таҷрибаи он амалӣ шудааст, дар партави он зиндагӣ дорем. Вале ин таҷриба ҳамчун як назария ҷамъбаст нашудааст, ба илм, ба методология ва ба **дониши қобили**

интиқол табдил дода нашудааст. Барои бақои як таҷриба бисёр муҳим аст, ки он ҷамъбасти назарӣ шавад, навишта шавад ва ба ин восита интиқол гардад.

2. Масъалаи муаррифӣ шудан. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон ҳамчунин ниёз ба муаррифии шоиста дорад. Ин сулҳ ҳамчун хабар, ҳамчун ҳодиса паҳн шудааст, ҳамчун маълумот ва ҳамчун таърих нашр шудааст, вале чун таҷриба муаррифӣ нашудааст. Дар ҳоле, ки ин муҳимтарин дастоварди умумимиллии мо дар даврони истиқлолият аст. Он метавонад ифтихор ва яке аз брендҳои имеҷсози Тоҷикистон бошад.

3. Масъалаи ҳифз шудан. Таҷрибаи мо эҳтиёҷ ба дарки амиқтар ва ҳифз шудан дорад. Ҷомеаҳо бисёр неъматҳоро фақат ба сабаби дарк накардани аҳамияти он аз даст медиҳанд. Ва бисёр дареғ мебуд, ки агар рӯзе дар бораи ин дастоварди бузурги миллию таърихӣ феъли замони гузаштаро истифода барем.

Пас, ҷавоби ин савол, ки **«оё модели тоҷикӣ ҳаст?»** ин аст, ки бале, **модели тоҷикӣ ҳаст**, вале он ба назария шудан, ба муаррифӣ шудан ва ба посдории сазовор ниёз дорад. Ва ин корҳоро мо бояд маҳз худамон анҷом диҳем. Он лоиҳа ё тадқиқоте, ки гоҳо дӯстони хориҷӣ мегузаронанд, корҳои бунёдӣ нестанд, ҳол он ки омӯзишу муаррифии модели тоҷикӣ ба кори бунёдӣ ва самимона ниёз дорад. Зеро омӯхтан ва сабақ гирифтан аз таҷрибаи сулҳи тоҷикон пеш аз ҳама, ба худи тоҷикон зарур аст.

Дар ин робита метавон чанд пешниҳоди мушаххас ироа намуд:

1. Ҳанӯз, ки бахше аз иштирокдорони ин раванд ва баъзе аз аъзои КОМ дар қайди ҳаётанд, беҳтар аст, ки бо ҷалби онҳо раванди комили сулҳи тоҷикон навишта шавад. Манзур навиштани рӯзу солу моҳу ҷой ва воқеаҳо нест, балки илова бар он, мақсад **арзёбии таърихӣ, равонӣ, фалсафӣ ва сиёсии ин таҷриба аст**. Шояд чанд сол баъдтар мо дигар ин имконро надошта бошем.

2. Ҳанӯз ҳам фурсат аст, ки ба хотири омӯхтан, ниҳодина кардан ва муаррифии ин таҷриба дар назди Маркази тадқиқоти стратегӣ ва ё Вазорати корҳои хориҷӣ ва ё ба таври мустақил маркази омӯзиши таҷрибаи сулҳи тоҷикон таъсис гардад ва дар доираи курсҳои таълимӣ барои дохилиён ва хориҷиён ин таҷрибаро омӯзанд. Ё мумкин аст дар Душанбе **филиали Донишгоҳи сулҳи СММ кушода шавад** ва мо ҳаққи комил дорем, ки инро дархост намоем. Фаъолияти чунин маркази илмию таълимии сулҳофарӣ ва ҳалли бӯҳронҳо имрӯз барои тамоми минтақа, ки як минтақаи бӯҳронхез аст, зарур мебошад. Яке аз вазифаҳои бисёр муҳими чунин марказ ҷамъоварии маводи сулҳи тоҷикон ва ба вуҷуд овардани бойгонии раванди сулҳ ва кори Комиссияи оштии миллӣ

хоҳад буд. Ҳифзи ҳуҷҷатҳои ин раванд дар оянда арзиши амиқи миллӣ ва таърихӣ пайдо мекунад.

3. Бисёр зарур аст, ки барномаи ба фарҳанги умумимиллӣ ва тафаккури насли ҷавон табдил кардани таҷрибаи сулҳу ваҳдат амалӣ гардад. Ин кор метавонад аз тариқи дар барномаҳои таълимӣ ҷорӣ намудани арзишҳои сулҳу ваҳдат амалӣ шавад. Дар ҳақиқат, бисёр ҳайф мебуд, ки агар насле, ки сулҳро ба даст овард ва модели ҳамзистиро сохт, ин таҷрибаро барои насли ҷавон боқӣ нагузорад.

2. Масъалаи муҳими дигар ин аст, ки дар «модели тоҷикӣ» чӣ нуктаҳои арзишманд вуҷуд доранд? Ин мавзӯъ ниҳоят васеъ аст, вале чун рӯзи 15-солагӣ ва соати натиҷагирист, онро нодида гирифтан нашояд.

Он ду нуктаи нозук дорад:

Якум, ҳар таҷриба дар шароити хос, дар замони хос ва зери таъсири омилҳои хос ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, таҷрибаи сулҳи тоҷиконро намешавад сад дар сад нусхабардорӣ намуд ва касе чунин даъво ҳам надорад.

Дуюм, истифодаи як таҷриба фақат ба маънои пайравӣ нест, зеро ҳар таҷриба ҷойҳое дорад, ки бояд аз он истифода шавад ва ҷойҳое дорад, ки бояд истифода нашавад. Таҷрибаи тоҷикон низ аз ин истисно нест.

Вале, агар баҳси назариро як тараф гузошта, ба таври мушаххас гӯем, аз таҷрибаи сулҳи тоҷикон мешавад нуктаҳои зиёдеро омӯхт ва дар ҳалли низоъҳои мушобеҳ истифода намуд:

-Инсонӣ шудани робитаи роҳбарони сиёсӣ, яъне дар тӯли музокироту ҳамкорӣ гузаштан аз шинохти матбуотӣ ба шинохти инсонӣ дар бораи ҳамдигар. Масалан, агар тасаввур ва суханони роҳбарони ду ҷониб дар бораи ҳамдигарро дар солҳои 1992-1994 бо суханони онҳо дар бораи ҳамдигар дар солҳои 1999-2000 муқоиса намоем, он комилан фарқ мекунад. Дидгоҳҳои онҳо дар бораи ҳамдигар комилан дигар шудааст.

- Ба ҳам омадани манфиатҳо (дохилӣ ва хориҷӣ);
- Гузаштан аз мавқеи аввалия (динӣ ва дунявӣ);
- Таҳаввули андеша дар роҳбарони исломӣ;
- Фаъолияти расмии ҳизби сиёсии динӣ;
- Гуфтугӯи бардавом дар тамоми сатҳҳо;
- Реинтегратсияи нирӯҳои низомии ИНОТ;
- Саҳмдиҳии низомӣ ва иқтисодии ҷонибҳо.

3. Масъалаи дигар худи амиқтар намудани сулҳу ваҳдат аст. Барои амалӣ намудани ин идеяи меҳварӣ пешниҳодҳои зеринро мувофиқи мақсад медонам:

Пешниҳоди 1: Акнун зарур аст, ки худи мафҳуми ваҳдат таҳаввул ёбад.

Он на фақат ба маънои созишномаи байни ду ҷониби муайян, балки ба маънои як фарҳанги умумимиллӣ, ба маънои ваҳдат ва ҳамзистии намояндагони тамоми халқҳо, миллатҳо, минтақаҳо ва ақидаҳо дар сатҳи кишвар фаҳмида шавад. Маънои маҳдуди ваҳдат, яъне оштии имзокунандагони созишномаи сулҳ, тамоми ҷомеаро фаро намегирад. Аз ин рӯ, имрӯз ба фаҳми фарогири ваҳдат эҳтиёҷ аст.

Ва ин андеша имрӯз дар формати ин конфронс бисёр хуб таҷассум ёфтааст: намояндагони қавму миллатҳои сокини кишвар, ҳизбу ҳаракатҳо, фикру андешаҳо, қишрҳои гуногуни ҷомеа, минтақаҳои кишвар ва ғайра дар якҷоягӣ маҳз ҳамин мафҳуми васеъ ва фарогири ваҳдатро таҷассум менамоянд.

Пешниҳоди 2: Талош барои ҳамдигаршиносии саросарӣ дар кишвар, шинохти дурусти мардумон ва минтақаҳои кишвар аз ҳамдигар. Бо ин мақсад зарур аст, ки туризми дохилӣ ҳамчун яке аз чораҳои ваҳдатсозӣ таҳвият дода шавад. Ҳоло роҳҳо сохта шуда, имкони робитаи байни вилояту минтақаҳои кишвар бисёр осон аст. Масалан, агар имрӯз дар минтақаи Рашт савол гузорем, ки чанд дарсади мардум вилояти Суғдро дидааст ё агар дар Суғд савол гузорем, ки чанд дарсад аз мардум вилояти Бадахшонро дидаанд? Ҳатман бисёр кам. Кишваршиносии мо бисёр заиф асту омезиши аҳолӣ бисёр кам.

Аз ин рӯ, барои амиқу устувор шудани ваҳдати миллӣ таҳвияти ҳамдигаршиносӣ ва рушди туризми дохилӣ бисёр зарур аст. Туризми дохилӣ метавонад шаклҳои истироҳатӣ, фарҳангӣ, тиҷоратӣ, зиёратӣ, табобатӣ ва ғ. дошта бошад. Он ваҳдати миллиро аз сатҳи назарию сиёсию идеологӣ ба умқи ҷомеа фароварда, ба сатҳи табиӣ ва инсонӣ мебарад. Он мифҳо ва тасаввуроти нодурусти мардуми минтақаҳои гуногуни кишвар дар бораи ҳамдигарро мешиканад.

4. Нақши қишри зиёӣ, ба хусус, нақши аҳли илму эҷод дар посдории ваҳдат ва суботи ҷомеа низ як мавзӯи бисёр муҳим аст. Дар ин самт имрӯз чанд масъалаи ҷиддӣ ба назар мерасад, ки рафъи онҳо метавонад ваҳдати миллиро қавӣ созад:

Якум, **рахнаи бузург байни аҳли илму эҷоди академикию донишгоҳӣ ва уламои динӣ ё рӯҳониён.** Гарчӣ ҳар дуи ин қишр бо илм, эҷод, маънавият ва тарбияти инсон машғуланд, вале масъалаи ҳамдигарро эътироф надоштани онҳо ҳамчунон боқӣ мемонад. Ҳамдигарро дуруст шинохтан ва эътироф кардани ин ду боли фикрию маънавии ҷомеа, яъне зиёиён ва рӯҳониён метавонад яке аз пояҳои ваҳдати миллӣ бошад. То вақте ин ҳамдигарнописандӣ идома ёбад, бахше аз мардум аз пайи уламои динӣ ва бахши дигар аз пайи

уламои донишгоҳию академӣ рафта, ин бӯҳрон метавонад наслҳо идома ёбад. Вале нуктаи пайваст ва ҳамкории ин ду қишр куҷост? Манфиатҳои миллӣ, сулҳу ваҳдату суботи ҷомеа, рушди моддию маънавии миллат, тарбияти насли наврас ва ғайра. Ин ду қишр метавонанд рӯи ин масъалаҳои усулӣ ҳамкорӣ ва ваҳдат дошта бошанд.

***Дуюм,* зарурати ташаккули қишри зиёиёни бошахсият, давлатмеҳвар ва миллатмеҳвар.** Яъне, бояд дар ҷомеа зиёии мустақил, зиёие, ки худ дар хидмати як ҷиноҳ, як гурӯҳ набошад, зиёие, ки худ як тарафи низои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ набошад, ташаккул ёбад. Зиёие, ки дар мавқеи фаротар аз ҳизбу ҷиноҳу гурӯху гурӯҳакҳо қарор гирад: зиёии рӯшангар, на дунболарав; зиёии масъалагузор, на супоришгир. Маҳз ташаккули чунин қишри зиёӣ метавонад ҷомеаи моро аз бисёр бӯҳронҳо эмин дорад. Агар чунин қишри посдори ваҳдат, посдори арзишҳо ва манфиатҳои умумимиллӣ шакл нагирад, набарди даҳалонаи нирӯҳои сиёсӣ, ки табиатан ба манфиатҳои сиёсии худ амал мекунанд, ҷомеаро пора мекунад, дар парокандагӣ нигоҳ медорад.

Яъне, агар ин ду масъала нармтар гардад ё ҳалли худро ёбад, ваҳдати мо метавонад бештар устувор бошад.

5. Таҳлили вазъият нишон медиҳад, ки бори дигар ба идеяи «расидан ба мавқеи миллӣ» таъкид шавад. Ин идея дар баъзе навиштаҳои чопии банда ба таври муфассал шарҳ шудааст ва баъзе дӯстон бо он ошноӣ доранд. Мехостам онро дар чанд нуктаи мушаххас ба миён гузорам:

Масъалаи 1: Бо вуҷуди 15-сол, зеҳни ҷомеа асосан навъе асири мафҳумҳо, тақсимҳо ва пиндорҳои давраи ҷанги дохилӣ боқӣ мемонад. Чунин вазъият аксаран, аз инсонҳо тақозо мекунад, то имрӯз ҳам дар яке аз ҷабҳаҳои он набарди дуҷониба қарор дошта бошад ва назару манфиати яке аз он тарафҳоро ифода намояд.

Масалан, агар маводи матбуоти ҳафтаҳои охирро нигарем, мебинед, ки ҳанӯз ҳам «тарафҳо» сӯҳбат мекунанд, сухан сухани «ду ҷониб», мавқеъ мавқеи «тарафҳо». Шояд барои насли калонсол ин як бахши муҳиме аз зиндагии онҳост, вале ба хотири ба даст овардани рушди фардои миллату давлат ва ба хотири расидан ба мавқеи миллӣ, ҷомеаи мо набояд беохир асири ихтилофи як насли пешини худ монад. Мо набояд ҳанӯз ҳам чунин андешем, ки мо ҳатман ё бояд «наҳзатӣ» бошем ё «ҳукуматӣ», ё «оппозитсионӣ» бошем ё «давлатӣ», ё «динӣ» бошем ё «дунявӣ» ва ғ. Барои насли нави миллат **шарт нест, ки дар канори таҷрибаи насли гузашта ихтилофи ин наслро низ мерос барад** ва ҳатман худро ва мавқеъи худро дар яке аз ин ду қолаби гузашта бинад.

Насли нав бояд насли ҷомеъ бошад, **он набояд ҳамчун «яке аз тарафҳои низоъ» биандешад**, балки бояд **дар сатҳи миллӣ,** ҳамчун соҳиби кишвар ва ҳамчун соҳиби давлат андеша кунад.

Масъалаи 2: Падидаи дигаре, ки дар солҳои охир мушоҳида мешавад, низоъ рӯи масъалаи саҳми ин ё он тараф ва саҳми ин ё он шахсият дар барқарории сулҳ ва ваҳдати миллӣ мебошад. Баҳсҳо дар ин масъала ба ҳадде расидааст, ки худи баҳси «дар расидан ба сулҳ саҳми кӣ бештар аст?» ба мавзӯи нави низоъ табдил шудааст. Аз ин рӯ, ман ба иштирокчиёни ин раванди нақоти миллӣ муроҷиат намуда, мегуфтам, ки ҳамаи Шумо қаҳрамонед, ҳамаи Шумо хидмати бузург кардед, акнун як бузургии дигар мекардед, ки баҳси «саҳми ки бештар?»-ро аз миён мебардоштед. Ҳар касе чӣ саҳме гузоштааст, мардум ва ватан фаромӯш нахоҳад кард.

Масъалаи 3: Расидан ба фаҳмиши дурусти мафҳуми ҳизбдорӣ ва низоми бисёрҳизбӣ. Имрӯз мафҳуми ҳизб бояд аз ду ҷониби масъала дуруст фаҳмида шавад.

Аввалан, дар ҳар ҳизбе **гурӯҳе аз шаҳрвандони кишвари мо** ҷамъ омадаанд. Пас, агар як ҳизби сиёсӣ ба таври расмӣ амал кунад, пас он ҷузъи қонунӣ ва баробарҳуқуқи фазои сиёсии ҷомеа мебошад. Вале, гоҳо ба назар мерасад, ки истилоҳи ниҳоят сиёсишудаи «ҳизб» моҳияти инсонию шаҳрвандии ин падидаро пӯшонида, имкон намедиҳад, ки мо дар паси ин мафҳум ҳамватанону ҳаммиллатони худро бубинем.

Ин ҳолатро метавон **боло гирифтани ҳувияти ҳизбӣ аз ҳувияти миллӣ** номид, ки бешубҳа, ҳолати солим нест. Дар чунин вазъият афроди як «ҳизб» бо афроди «ҳизб»-и дигар, ки **ҳамагӣ ҳамватан, ҳамдин, ҳаммазҳаб ва ҳаммиллати якдигаранд**, дар набард қарор гирифта, ҳамдигарро пеш аз ҳама ҳамчун «афроди ҳизби мухолиф» мешиносанд.

Вале агар нигоҳи мо ба ҳизб инсонӣ шавад, мо дар ҳизбҳо пеш аз ҳама гурӯҳи шаҳрвандон ва ҳамватанони худро хоҳем дид, ки онҳо низ баробари мо ҳаққи будан, зистан, гуфтан, шунидан, аз имконоти кишвар истифода кардан ва фаъолият кардан доранд. Пас, **инсонӣ ва шаҳрвандӣ шудани нигоҳи ҷомеа ба ҳизбҳои сиёсӣ** як зарурат барои солимсозии муҳити сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ мебошад.

Дуюм, нигоҳи ҳизбҳои сиёсӣ ба ҷомеа низ бояд инсонӣ ва шаҳрвандӣ гардад. Бале, ҳар ҳизби сиёсӣ созмони бахше аз шаҳрвандон ва ҳамватанони комилҳуқуқи мост. Вале дар айни замон, ҳар ҳизби сиёсӣ бояд ин воқеиятро дарк намояд, ки он мавқеи фақат бахше аз шаҳрвандон ва ҳамватанонро ифода мекунад. Яъне, **худи «ҳизб» пеш аз ҳама, ба маънои фақат бахше аз ҷомеа, гурӯҳе аз шаҳрвандон будан аст, яъне он маънои ҳамаи ҷомеа ва ҳамаи шаҳрвандон буданро надорад**. Чунин дарк низ марзи рақобати ҳизбиро

маълум намуда, ҳизбҳоро аз ҳамчун «назари миллат» ҷилва додани назари худ бозмедорад.

Зеро, мушоҳида мешавад, ки ҳизбҳои сиёсии мо ҳизб будан ва гурӯҳ будан, яъне ифодагари назар ва мавқеи фақат як бахше аз шаҳрвандон будани худро аксаран, фаромӯш карда, ҳамагӣ ба таври мутлақ аз номи миллат ва мардуми кишвар сӯҳбат мекунанд.

Пас, ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд дар масъалаҳои гуногуни ҷомеа мавқеъгириҳо ва барномаҳои хосаи худро дошта бошанд, вале дар айни замон, онҳо бояд дар масъалаҳои усулии миллӣ, дар мавриди арзишҳои аслии фарҳангию эътиқодию сиёсӣ, дар масъалаҳои аслии давлатдорӣ ва дар мавзӯъҳои стратегии рушди ҷомеа ба як мувофиқаи бунёдӣ бирасанд. Ин аст таносуби мавқеи миллӣ ва мавқеи ҳизбӣ.

6. Плюрализм ва вахдати миллӣ

Чун мавзӯи конфронси имрӯз плюрализм ё гуногунфикрист, мехостам дар идомаи масъалаи боло, дар масъалаи таносуби плюрализм ва вахдат низ ишора намоям. Дар ин масъала бисёр зарур аст, ки вахдат ҳаргиз ба маънои якнавохтии ҷомеа ва ҳатман як хел фикр кардани ҳамаи шаҳрвандон ва ё дар ҳамаи масъалаҳо мавқеи ягона доштани ҳамаи нирӯҳои сиёсӣ фаҳмида нашавад. Гуногунфикрӣ ҳолати табиӣ ва зарурии ҷомеа буда, яке аз омилҳои рушди он низ мебошад. Илова бар ин, Конституцсияи Тоҷикистон гуногунфикриро яке аз аслҳои бунёдии рушди ҷомеаи мо эълон намудааст.

Аз ин рӯ, бисёр зарур аст, ки мавҷудияти гуногунфикрӣ ба маънои набудани вахдат пазируфта нашавад. Балки, шаҳрвандон ва нирӯҳои сиёсӣ метавонанд дар масъалаҳои гуногун мавқеи худро дошта бошанд, вале дар айни замон, дар масъалаҳои усулие чун ҳифзи давлату миллат, манфиатҳои миллӣ, истиқлолияти давлатӣ, ягонагии кишвар, вахдату суботи ҷомеа ва ғайра мавқеи ягона дошта бошанд. Хулоса, барои баёни кӯтоҳи ин масъала формулаи зебоеро аз фарҳанги гузаштаамон истифода менамоям, ки барои ҳамагон ошност: **«Вахдат дар касрат, касрат дар вахдат».** Агар **мавқеҳои шахсӣ, гурӯҳӣ ё ҳизбӣ** сатҳи касрати нирӯҳои сиёсии моро ифода кунад, пас **мавқеи миллӣ** сатҳи вахдати нирӯҳои сиёсии моро ифода мекунад. Ин ду мафҳум бо ҳам дар тазод нестанд, зеро дар сатҳҳои гуногун қарор доранд.

7.Дурнамои вахдат дар асри иттилоотӣ

Масъалаи дигар ин, ки дар асри иттилоотӣ бо такя ба равишҳои кӯҳнаву анъанавӣ ҳифз намудани вахдат ва суботу амнияти ҷомеа имконпазир нест. Имрӯз марзҳои иттилоотӣ шаффоф гашта, худи иттилоот хусусияти фаромарзӣ гирифтааст. Аз ин рӯ, имкони бо равишҳои нави иттилоотӣ рахна задан ба фазои ягонаи фикрӣ ва иттилоотии ҷомеа бисёр осон шудааст. Хусусан, технологияҳои ҷанги иттилоотӣ имкон медиҳанд, ки гоҳо афкори умумии

ҷомеа аз беруни марзҳои сиёсии он ташаккул дода шавад. Дар чунин сурат, масъалаи асосӣ ин аст, ки агар ахбори хоричӣ бар ахбори дохилӣ ғалаба кунад, дигар ҳифзи ваҳдату субот бо равишҳои анъанавӣ номумкин мегардад. Ин воқеият солҳои охир дар таҷрибаи як силсила кишварҳои пасошӯравӣ ва ҷаҳони ислом исботи худро ёфтааст.

Дар чунин сурат, гоҳо равишҳои қудратӣ ва ё маҳдудкунандаи ҳифзи ваҳдат дар баробари равишҳои иттилоотии ҳифзи ваҳдат камтаъсир мегарданд. Ин аст, ки дар замони нав, яке аз масъалаҳои асосии ҳифзи ваҳдати миллӣ гузаштан аз равишҳои кӯҳнаву анъанавии ҳифзи ваҳдат ба равишҳои наву иттилоотии ҳалли ин масъала мебошад.

Ҳамин тавр, таваҷҷӯҳ ба масъалаҳои зикршуда метавонист барои таҳкими ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон мусоидати ҷиддӣ намояд.

NATIONAL UNITY IS OUR GREAT ACHIVEMENT

Abdulloh Rahnamo,
Head of the Department of internal policy of the Centre of Strategic Researches under the President of the Republic of Tajikistan

The article expresses the opinion on some important and concrete problems, connected to the national unity. The author tries to ask in such important questions, as the Tajik model of national unity, problem of generalization and transformation of the Tajik experience of peace-building into the idea, its representation and preservation. On these questions in the article are submitted the concrete offers, having scientific - practical importance. Also is stated opinion about pluralism, about a role of intelligence and clergy in strengthening national unity.

Key worlds: *Tajik model of the national unity, peace-building experience of Tajik people, pluralism, informational century, the branch of Peace UN University.*

НАЦИОНАЛЬНОЕ ЕДИНСТВО НАШЕ ВЕЛИКОЕ ДОСТИЖЕНИЕ

Абдуллох Рахнамо,
начальник Управления внутренней политики Центра стратегических исследований при Президенте РТ

В статье высказывается мнение по некоторым важным и конкретным вопросам, связанным с национальным единством. Автор пытается ответить на такие важные вопросы, как таджикская модель национального единства, проблемы обобщения и превращения таджикского опыта миросоздания в идею, её представление и сохранение. По этим вопросам в статье представлены конкретные предложения, имеющие научно-практическое значение. Также высказано мнение о

плюрализме, о роли интеллигенции и духовенства в укреплении национального единства.

Ключевые слова: *таджикская модель национального единства, опыт миросоздания таджиков, плюрализм, информационный век, филиал Университета мира ООН.*

УДК 342,511:327.

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН – МЕЪМОРИ СУЛҲИ ТОҶИКОН

Мӯсо Диноршоев, *академик*

Дар мақола зимни иброзн назар дар бораи таҳияи консепсияи таҳкими ваҳдат дар Тоҷикистон барои 40-50 соли оянда, нақши Эмомалӣ Раҳмон дар дастёбӣ ба суботу оромиш дар кишвар чун меъмори сулҳ таҳлилу арзёбӣ шудааст. Муаллиф ҳамчунин дар бораи мафҳуми «эҳёи Тоҷикистон», саҳми иқтисодиёт дар таҳкими миллат, ваҳдат дар ноҳияҳо, паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар маҳалҳо, роҷеъ ба бисёрандешӣ ва ваҳдати миллӣ, нақши ВАО ва дин дар раванди ваҳдати миллӣ ибрози андеша кардаст.

***Калимаҳои калидӣ**: Сардори Давлат, меъмори сулҳ, бисёрандешӣ, ваҳдат дар ноҳияҳо, консепсияи таҳкими ваҳдат, шохаҳои ҳокимият, ВАО.*

Ҳозирини гиромӣ, ман пеш аз ҳама мехоҳам минатдории худро ба роҳбарияти Маркази тадқиқоти стратегии назди Президент баён намоям. Зеро аввал маро ҳамчун иштирокчӣ ба конфронс даъват намуданд. Дуюм, маро масъул карданд, ки баромадҳоро натиҷагирӣ намуда, андешаҳои худро иброз дорам. Акнун дар бораи мавзӯи конференсия. Ба андешаи ман Ваҳдати миллӣ асоси ҳамаи фанҳои ҷамъиятшиносӣ ҳаст. Бояд дар ин маврид фанҳои ҷамъиятӣ таҳқиқи дуруст ва саҳми зиёд дошта бошанд. Тамоми илмҳои ҷамъиятшиносӣ бояд дар мавриди таҳқиқ ва баррасии ин мавзӯъ саҳми калон дошта бошанд. Ва натиҷагириҳои дақиқ анҷом диҳанд, пешниҳодҳои дақиқ дошта бошанд. То ин ки роҳбарони кишвар дар заминаи ин пешниҳодҳо сиёсати худро дар заминаи таҳкими миллӣ таҳрезӣ кунанд. Ин кори муҳим аст. Агар мушаххасан дар бораи мавзӯъҳои бахши аввал ва бахши дуюм андеша ронем иштирокдорон мавзӯъҳоро хеле дар сатҳи баланд арзёбӣ карданд. Бо боварии комил гуфта метавонам, ки мавзӯъҳои баррасишуда метавонанд заминае барои пайдоиши консепсияи миллӣ гарданд. Зеро ҳам дар қисми аввали баромадҳо ва ҳам дар қисми дуюм якчанд андешаҳое баён гардиданд, ки онҳо бояд дар ин консепсия инъикос ёбанд. 15-сол аст, ки бо имзои протоколи истиқрори сулҳ мо Ваҳдат дорем. Дар фазои сулҳ зиндагӣ дорем. Шукри инро кардан даркор. Барои оянда консепсияи таҳкими ваҳдати миллӣ даркор аст. Он барои 40-50-сол лозим аст. Яъне, консепсияи таҳкими ваҳдате барои мо лозим аст, ки тавонад то 50-сол амнияти давлатдории моро таъмин намояд. Акнун чанд сухан дар бораи баромадҳо. Дар қисми дуюм ёздаҳ нафар баромад карданд. Ин баромадҳоро аз рӯи табақабандӣ ба ҳафт қисм тақсим мекунем.

Яке аз баромадҳо суханронии муовини якуми раиси Ҳаракати Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дар вилояти Суғд, профессор Атахон Сайфуллоев

дар мавзӯъи “Президент Эмомалӣ Раҳмон – поягузори ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон” буд. Маърӯза хеле хуб ва ҷолиб буд. Ман худам иштирокчии иҷлосияи XYI-и Шӯрои Олӣ дар шаҳри Хӯҷанд будам. Вақте ки Эмомалӣ Раҳмонов Раиси Шӯрои Олӣ интихоб гардид аввалин сухане ки гуфт ин буд: “Ман барои шумо сулҳ меоварам” ва илова кард: “То даме ки як тоҷик гуреза бошад, ман ором нестам, тамоми кӯшишу ғайрати худро ба он равона мекунам, ки ҳамаи гурезагонро ба Ватан баргардонам ва онҳо дар эъмори давлати худ саҳм бигиранд”.

Ҳамчунин моҳи феарали соли 1993 ман дар як ҷаласаи ҳукумат иштирок доштам. Ҷаноби Олӣ ба аъзои ҳукумат рӯ оварда гуфт, ки «ҷангро чӣ кор мекунем?» Баъзеҳо посух доданд, ки “то охир меҷангем”.Президент гуфтанд, ки “Ман дигар ҷанг намекунам. Ман роҳи сулҳро пеш мегирам”.

Дар ҳақиқат меъмори сулҳ дар Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аст. Баъди ин гуфтаҳои Сардори давлат байни Ҳукумат ва мухолифин гуфтугузорҳо оғоз гардида, 22-маротиба идома ёфт. Ҳар гоҳ ки гуфтугӯҳо ба бумбаст меафтоданд худи Сардори давлат мудохила карда, масъалаҳоро ҳаллу фасл менамуд ва боз гуфтугузорҳо идома меёфтанд. Саҳми намояндагони мухолифин ҳам хеле калон аст. Зеро сулҳ ду тараф дорад. Агар як тараф нахоҳад сулҳ намешавад. Бо назардошти ҳусни тафоҳуми мухолифин сулҳ баста шудааст. Инро аз ҳамин ҷиҳат таҳқиқ кардан лозим аст.

Дигар масъала – ин ибораи «эҳёи Тоҷикистон» аст, ки ман мехоҳам чанд нуқтаи назари худро иброз намоям. Агар мо ба ҷои калимаи «эҳё» калимаи рушдро истифода барем хеле хуб мешавад ва ба ҳақиқати илмӣ наздик аст. Масъалаи дуюм, ин бояд саҳми иқтисодиёт дар таҳкими миллат бошад. Агар иқтисодиёт рушд кунад Ваҳдати миллат мустаҳкам мегардад. Ҳоло сатҳи зиндагии миллат хеле пеш рафтааст. Соли 1993 ман ҳамчун яке аз роҳбари АИ Тоҷикистон 5 рубли ”чӯбин” маош мегирифтам. Ҳоло бошад моҳона садҳо маротиба баланд шудааст. Ман бо як амрикоӣ суҳбат кардам, гуфт, ки ”дар Тоҷикистон камбағал нест. Ин қадар мошин аст, ҷариб ҳама хона дорад”. Шукри худо рӯз аз рӯз зиндагӣ хуб гашта, сафи камбизоатон коҳиш меёбад.

Мавзӯи муҳими дигар ин Ваҳдат дар ноҳияҳо мебошад. Ин масъала бениҳоят муҳим буда, ҳалли он ба бисёр паҳлӯҳои ҳаёти ҷомеа рӯшанӣ меандозад. Ноҳияҳо ҷузъу Тоҷикистон кулл аст. Дар аввал нооромиҳо дар маҳалҳо ба вуҷуд омаданд ва баъд ба марказ кӯчиданд. Ва аз як масъалаи одӣ ба ҷанги шаҳрвандӣ табдил ёфтанд. Вале маърӯзаҳое, ки намояндагони ноҳияҳо карданд бештар хусусияти ҳисоботӣ доштанд. Дар бораи Ваҳдат дар маҳалҳо чизе гуфта нашуд. Бояд ба Ваҳдат дар ноҳияҳо диққат дода шавад. Бояд оиди муносибати мардум ва ҳокимият дар маҳалҳо, дастрасии шаҳрвандон ба ҳукумат сухан ронда мешуд. Бояд оид ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар маҳалҳо андешаҳо баён мегардиданд. Ин ҷо намояндаи

Прокуратураи генералӣ баромад кард, ки чандон мувофиқ набуд. Беҳтар мебуд, ки намояндаи суд оид ба таҳкими ҳукумати судӣ баромад мекард. Агар ҳукумати судӣ бо ҳукумати иҷроия якҷоя кор кунанд хеле хуб мешуд. Ҳоло дар рӯзномаҳо оид ба шиканҷа дар ШКД-ҳо ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бисёр менависанд. Ин бад аст. Дар Қирғизистон муносибати байни шохаҳои ҳукумат хуб нест. Се маротиба дар ҳукумат табаддулот шуд. Боз ҳам нофаҳмиҳо ҳаст. Мо бояд аз воқеаҳои гузашта дарси ибрат гирем. Пеши роҳи қонуншиканию нофаҳмиҳоро гирем.

Масъалаи дигар дар бораи “бисёрандешӣ ва ваҳдати миллӣ”. Бисёр мегӯянд, ки бисёрандешӣ яке аз омилҳои ваҳдати миллӣ аст. Ман мехоҳам дар ҳамин ҷо як тасҳеҳ ворид кунам. Бисёрандешӣ худ ба худ омили ваҳдат шуда наметавонад. Барои он ки ҳар кас агар барои андешаи худаш пофишорӣ кунад муросо намешавад.

Масалан, вақте ки гуфтушуниди байни Ҳукумат ва мухолифин мерафту Ҳукумат дар сари пешниҳодҳои худаш пофишорӣ мекарду мухолифин дар сари андешаҳои худашон ягон андешаи бутун ба вуҷуд намеомаду истиқрори сулҳ намешуд. Бинобар ин гуногунандешӣ барои дарки масъала зарур аст. Гуногунандеширо таҳлил карда, ба як хулоса омадан даркор. Ба як хулосаи ниҳоӣ, ки омадед, ана ҳамон метавонад омили таҳкими ваҳдати миллӣ шавад. Бинобар ин дар ҳамин маврид ҳамин чизро дар назар гирифтан даркор аст. Дуюм, дар ҳамин маврид, аз нуқтаи назари фалсафа, аз нуқтаи назари илм ҳақиқат як аст, ҳақиқат бисёр нест. “Ду карат ду чор” барои ҳама маълум аст. Андешаҳои гуногун гуфта мешаванд, лекин дар мавриди баррасӣ, мубоҳиса, таҳлил баъд ба як фикр, ба як андеша, ки расид пояи ваҳдат, пояи ягонагӣ,пояи сулҳу салоҳ гузошта мешавад. Аз ҳамин нуқтаи назар ман чунин пешниҳод дорам, ки дар оянда, дар мавриде, ки дар боби гуногунандешӣ дар ваҳдат сухан меравад, ҳамин чиз ба инобат гирифта шавад. Як мисоли дигар мегӯям, бисёриҳо мегӯянд, ки дин ваҳдати миллӣ шуда метавонад. Дин ваҳдати миллӣ шуда метавонад фақат дар кишварҳое, ки як мазҳаб бошад. Дар мамлакатҳое, ки як мазҳаб вуҷуд дорад дин метавонад омили ваҳдати миллӣ бошад, лекин дар мамлакатҳое, ки динҳо, мазҳабҳо, равияҳо гуногунанд дар он ҷо масъала хеле душвор мегардад. Дар ҳамин маврид масъалаи нақши дин бисёр муҳим аст. Дар мавриди саҳми ВАО ҳаминро гуфтаниам, ки ВАО метавонад нақши дугона бозад, метавонад омили ваҳдат бошад ва ҳамчунин омили низоъ гардад. Як мисол меорам: Примаков, ки сарвазири Русия дар давраи Елсин буд эълон дошт, ки номзадиашро ба президентӣ пешниҳод менамояд. Доренко ном як рӯзноманигори телевизион чунон Примаковро сиёҳ кард, ки ӯ маҷбур шуд эълон кунад, ки даъвои президентӣ надорад. Бинобар ин ба ВАО ҳам назари воқеъбинона ва мушаххас доштан даркор аст.

EMOMALI RAHMON – ARCHITECHTOR OF TAJIK PEACE

Muso Dinorshoev, *academician*

The author of the article offers to develop the concept of strengthening of unity in Tajikistan for 40-50 of next years. In this article also is analyzed the role of the President Emomali Rahmon as an architect on achievement of the peace and stability in the country. The author also considers such important questions as pluralism, role of economy in strengthening unity, strengthening of unity in regions, etc.

Key worlds**:** *Head of the state, peace architect, pluralism, conception of the strengthening the unity, branches of authority, Mass-media.*

ЭМОМАЛИ РАХМОН – АРХИТЕКТОР ТАДЖИКСКОГО МИРА

Мусо Диноршоев, *академик*

Автор статьи предлагает разработать концепцию укрепления единства в Таджикистане на 40-50 будущих лет. В статье также анализируется роль Президента Эмомали Рахмона как архитектора по достижению мира и стабильности в стране. Автор также рассматривает такие важные вопросы как плюрализм, роль экономики в укреплении единства, укрепления единства в регионах, роль СМИ и религии в процессе национального единства, снижения уровни бедности и др.

Ключевые слова: *Глава государства, архитектор мира, плюрализм, концепция укрепления единства, ветви власти, СМИ.*

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В Вестнике Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан «Таджикистан и современный мир» печатаются статьи в области экономики, политологии, культуры, безопасности, экологии, социологии, которые являются результатами научно – исследовательских работ Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан и других организаций.

Редколлегия журнала обращает внимание авторов на необходимость при направлении статьи в редколлегию строго соблюдать следующие правила:

1. Статьи принимаются по рекомендации главного редактора Вестника или его заместителей.
2. Текст статьи представляется редакционной коллегии в виде файла на съемном диске и бумажном носителе в текстовом редакторе MS Word, шрифт Times New Roman 12 пт для статей на русском языке и в редакторе Keyman, шрифт Times New Roman Tj 12 пт для статей на таджикском языке. Интервал между строками - 1,5. Все листы рукописи должны быть пронумерованы.
3. Размер статьи не должен превышать 10 стр. компьютерного текста, включая текст, таблицы, список литературы (не более 15 источников), рисунки, число которых не должно превышать 6.
4. Рисунки, диаграммы и фотографии прилагаются отдельно в формате той программы, в которой они выполнены. Диаграммы в формате Excel, рисунки и фотографии в формате JPEG.

Оформление статьи:

1. Титульная страница статьи должна содержать: УДК, Ф.И.О. автора(ов) (полностью), ученая степень и (или) звание, должность, название учреждения(ий), в котором выполнена представленная статья, адреса (почтовый и электронный), номера телефонов, полное название специальности.
2. Сокращение слов, имен, названий не допускается, за исключением общепринятых сокращений мер, физических, химических и математических величин, терминов и т.д.
3. Ссылки на цитируемую литературу даются в тексте статьи в квадратных скобках, например: [1], [1,3-5]. Список литературы приводится общим списком (под заголовком «Литература») в порядке упоминания в тексте и оформляется следующим образом:

Для книг: фамилия и инициалы автора, полное название книги, том или выпуск, место издания, издательство, год издания, номер страницы или общее количество страниц. Для периодических изданий: фамилия и инициалы автора, название статьи, название издания, год и номер издания, номер страницы или первая и последняя страницы статьи.

Например:

1. Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана. (Методическое руководство). – Душанбе: Авесто, 2009. –С. 8.

2. Френсис Фукуяма. Неясность национального интереса// Независимая газета.-1992.- 16 октября. – С.3-5.

3. К статье прилагается резюме на русском, английском и таджикском языках (не менее 5 строк) и ключевые слова (3-10).

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения рукописей, рекомендовать статьи к депонированию. Рукописи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Текст присылаемой рукописи является окончательным, должен быть тщательно подготовлен, выверен, без исправлений и подписан автором (ами).

Адрес редакции: 734 025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 40
Тел: (+992 37) 221-11-00, (+992 37) 221-16-36
Факс: (+992 37) 221-11-00
e-mail: info@mts.tj

Ба матбаа 26.07.2012 супорида шуд. Ба чопаш 30.07.2012 имзо шуд. Коғаз ва чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 15. Адади нашр 300 нусха. Супориши № 32. Нархаш шартномавӣ.

ҶДММ «Шахпар», шаҳри Душанбе, хиёбони «Дӯстии халқҳо», 47